З. ИСЛОМОВ, Д. РАҲИМҶОНОВ, Ҷ. НАҶМИДДИНОВ

# ТАЪРИХИ ДИНҲОИ ДУНЁ

**Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таълими миёна**

Нашри якум

**Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст**

Тошканд
«Yangiyo‘l Poligraf Servis»
2017

УЎК: 17=512.133(075.2)
КБК: 71.04я721

Қ 97 Исломов, Зоҳидҷон.

Таърихи динҳои дунё. Синфи 10-ум: Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таълими миёна. З.Исломов, Д.Раҳимҷонов, Ҷ.Наҷмиддинов.- Нашри якум. Тошканд.: «Yangiyol Poligraf Servis», 2017.—144 с.

**УЎК: 17=512.133(075.2)**

**ISBN 978-9943-4935-9-9 КБК: 71.04я721**

Дар асоси таҳрири услубӣ ва тамоилҳои педагогии Н.К.Исматова тайёр шудааст.

**Муҳаррирони масъул:**

**А.Ҳасанов,** доктори илмҳои таърих, профессор;
**О.Юсупов,** номзади илмҳои фалсафа, дотсент.

**Тақриздиҳандагон:**

**Н.Муҳамедов,** номзади илмҳои таърих, дотсент;
**Ҳ. Йўлдошхўҷаев,** номзади илмҳои таърих, дотсент;
**А.Замонов,** ходими калони илмии Маркази мувофиқсозию методии АУ Ўзбекистон оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ўзбекистон;
**Ҷ.Тоҳиров,** омўзгори мактаби давлатии таълими умумии ихтисоси забонҳои хориҷӣ
**Н.Қудратова,** омўзгори фанни таърихи мактаби рақами 41-уми шаҳри Тошканд

Ин китоби дарсӣ бар асоси тавсияи Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон таҳти рақами 5958 аз 5 сентябри соли 2017, хулосаи Шўрои илмию методии фанни таърихи назди Маркази таълими республика ва Маркази мувофиқсозию методӣ оид ба масъалаҳои таърихи навтарини Ўзбекистон дар асоси хулосаи рақами 5 аз 29 августи соли 2017 ба нашр тавсия шудааст.

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

© Z. Islomov, D. Rahimjonov, J. Najmiddinov, 2017.
© «Yangiyo‘l poligraf servis», 2017.

ISBN 978-9943-4935-9-9

# САРСУХАН

Дин аз азал инсонҳоро ба некӣ, корҳои хайр даъват кардааст. Дини ислом, ки халқҳои Осиёи Марказӣ, ки ба он эътиқод карда меоянд, низ ба ташаккули фазилатҳоли олии инсонӣ хизмат кардааст. Дин бо олами рӯҳонии инсоният узван вобаста аст, дар ҳаёти ичтимоӣ ҳамеша бо вай будааст.

Омӯхтани дин маънои омӯхтани олами маънавии инсонро дорад. Сарчашмаҳои динӣ воқеаҳои ибратноки таърихи башариятро дар худ инъикос намудаанд ва онҳо дар тарбияи ахлоқии инсонҳо нақши муҳим доранд. Айнан ҳамин омил барои он ки инсонҳо дар чорраҳаи ҳаёт раҳгум нашаванд, некиву бадӣ, сафеду сиёҳро фарқ кунанд, зиндагии худро оқилона ташкил кунанд, воситаи асосӣ шуда хизмат мекунад. Дар натиҷаи он тарзи зиндагии инсон боло рафта, ҷамъият тараққӣ меёбад.

Масъалаи эътиқод ба дин ва озодии виҷдон дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон инъикоси худро ёфтааст. Он ба талабҳои ҳуқуқию меъёрии байналмилалӣ пурра ҷавоб медиҳад. Дар моддаи 31-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон эътиқод ба ҳар гуна дин ё ба ягон дин эътиқод накардан барои инсонҳо шарти якхела буданаш аз ҷумла ин гуна қайд шудааст:

«Барои ҳама озодии виҷдон кафолат дода мешавад. Ҳар як инсон ҳуқуқи ба дини дилхоҳаш эътиқод намудан ё ба ҳеҷ гуна дин эътиқод накарданро дорад. Ба талқини маҷбурии назарҳои динӣ роҳ дода намешавад».

Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон таъмин шудани озодии виҷдон, як хел ҳуқуқ ва озодиҳо, аз ҷумла, ҳуқуқи озодии эътиқод доштани ҳамаи шаҳрвандон, сарфи назар аз дин ва эътиқод дар назди қонун баробар будани онҳо қайд шудааст.

Дар бобати солим намудани муҳити иҷтимоию сиёсии кишвар дар баробари ҳамаи арзишҳои миллӣ аҳамияти калон доштани арзишҳои динӣ бузург аст. Дар суханони зерини Нахустпрезиденти Ўзбекистон Ислом Каримов ин усулият (тамоил) ифодаи худро ёфтааст: «Дар кишварамон баробари усулиятҳои демократӣ, дар асоси комёбиҳои илму техника, технологияҳои

олӣ дини муқаддасамон, худшиносии миллиамонро эҳтиёт намуда зистанро дар назди худ мақсад карда гузоштаем». Ин гуна муносибат асоси ҳаётӣ дошта, имкон медиҳад, ки дигаргуниҳои соҳаи динро холисона ва илман омӯхта, бо назардошти он ҷараёнҳои мусбиро боз ҳам пеш бурда, ҳолатҳои манфиро ҷилавгирӣ намоем.

Дар Ӯзбекистони гуногунмиллат ва бисёрконфессия аз нахустин солҳои истиқлол ба дин, ба масъалаҳои таҳаммулпазирӣ эътибори калон дода шуд. Барои баҳра бардоштан аз фалсафаи инсонпарварӣ ғояҳои некӣ ва аз мероси аҷдоди бузургамон, ба қалби ҷавонон ҷой кардани ин арзишҳои бузург дар соҳаи таълими мамлакат корҳои зиёд анҷом дода шуд. Ин китоби дарсӣ, ки маълумотҳои зарурӣ оид ба таърихи динҳои дунёро дар бар гирифта, барои тарбияи ҷавонон дар рӯҳи таҳаммули динӣ ва якдилии байнимиллӣ хизмат мекунад, натиҷаи ҷараёнҳои мусбии дар диёрамон татбиқшаванда мебошад.

Гурӯҳи муаллифон ба Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон, Идораи мусулмонони Ӯзбекистон, ба раҳбарият ва профессору муаллимони Донишгоҳи исломии Тошканд, Донишкадаи исломии Тошканд, ба мудирони кафедраҳои донишкадаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ходимони педагогии Республикаи Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва вилоятҳо миннатдории худро баён мекунанд.

# §1 НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ ДИН ДАР ҶАМЪИЯТ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Оё ҷамъият бидуни арзишҳои динӣ зиста метавонад?
2. Донишҳоеро, ки оид ба динҳои миллию ҷаҳонӣ гирифта будед, ба хотир оред.
3. Кадом шаклҳои дин вуҷуд доранд?
4. Моддаи 31-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистонро хонед. Оид ба кафолат дода шудан ба озодии виҷдони шаҳрвандон аз тарафи давлат мисолҳо оред.
5. Оё ба ташаккули ҷаҳонбинии инсонҳо дин таъсир мекунад?
6. Дар зиндагии шумо кадом арзишҳо мавҷуд аст?

## ДИН ВА ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ

Дин дар ҳаёти ҷамъият нақши муҳим дорад. Вай дар инсонҳо хислатҳои мусбии кўшиш ба некӣ, рўҳан ва ҷисмонан пок будан, фоида овардан ба атрофиён, қадр намудани ҳаёт ва монанди инҳоро ташаккул медиҳад.

Динҳо инсонҳоро ҳамеша ба некӣ ва корҳои хайр ҳидоят кардаанд. Қариб ҳамаи халқи сокини кишвари дар харитаи дунё буда, ба ягон дин эътиқод карда, урфу одат ва анъанаҳои худашро дорад. Дар ҷараёни омўхтани таърихи халқҳои дунё назарҳои динӣ, эътиқодҳо ва амалиёти динии онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест.

> Бехтарини шумо онҳое ҳастанд, ки кори дунёро гуфта кори охират, охиратро гуфта кори дунё тарк намекунанд, ва ба одамон малол намеоранд.
>
> *Ҳадис*

***Дин** аз забони арабӣ гирифта шуда, ба тоҷикӣ маънои бовар, эътиқод карданро дорад.*

> Аз омӯхтани илме, ки ба он эҳтиёҷ дорӣ, канораҷӯӣ накун!
>
> ***Имоми Аъзам Абӯҳанифа***

Баъзе аз тадқиқотчиёни аврупоии асрҳои XVII-XIX тахмин карда буданд, ки баробари пеш рафтани инсоният тарси он кам шуда, вай мустақил мешавад, ин бошад, ба тамоман нест шудани динҳо оварда мерасонад. Аммо бо мурури замон ин фикрҳо дар амал тасдиқ нашуданд.

Дин дар ҷамъият як қатор вазифаҳоро мисли ***дар инсонҳо ташаккул додани ҷаҳонбинӣ, тасаллӣ додан (компенсаторӣ), муттаҳид будан, идора намудан, тарбия кардани коммуникативӣ, рӯҳию маънавиро*** иҷро карда омадааст.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Умумият ва ҷиҳатҳои хоси расмҳои болоиро муайян кунед.
2. Расмҳоро таҳлил карда, ба динҳои дунёвӣ ва миллӣ ҷудо кунед.
3. Дар асоси расмҳо ба нақш ва аҳамияти дин дар ҳаёти иҷтимоӣ тавсиф диҳед.

Вазифаи тасаллидиҳии динро бигирем. Агар ба сари инсон ягон мусибат, мушкилӣ биёяд, вай аз дин таскин, қуввати қалбашро умедворкунанда гирифтааст.

Дин вазифаи муттаҳидкуниро иҷро карда, ба мустаҳкам кардани якдилии инсонҳо хизмат менамояд. Ҳар як дин эътиқодмандонро ба риояи қоидаҳо даъват мекунад. Онҳо инсонҳоро ба садоқат ҳидоят намуда, ҳамин тариқ одамонро муттаҳид мекунанд.

Дин тарзи зисти ба вай эътиқоддоштагонро (мӯътақид) ба тартиб даровварда, вазифаи идоракуниро ҳам иҷро менамояд. Ин вазифа ба воситаи меъёрҳои ахлоқ ба амал мебарояд. Дин меъёрҳои ахлоқро ба тартиб оварда, чӣ будани ҳалол ва ҳаром, савоб ва гуноҳро муқаррар менамояд.

Вазифаи коммуникативии дин аз он иборат аст, ки ба якҷоя гузаронидани урфу одат, анъана, маросим ва ҷашнҳо, ба мустаҳкамсозии робитаҳои хешу таборӣ, бародарӣ, робитаҳои ҳамдинон даъват мекунад.

Дин моҳияти хайрхоҳии ҳаёти инсонро ошкор менамояд. Ин ҳангоми адо кардани вазифаи тарбиякунии рӯҳию маънавӣ намоён мегардад.

## ДИЁРЕ, КИ ОЛАМРО МАХЛИЁ КАРДААСТ

... як воқеа аз пеши назарам дур намеравад. Ман он вақт 5-6-сола будам. Дар хонаи ҳамсояамон одами бисёр, касе дар айвон чой кардашуда, дигаре барои пойандоз матои сафедро тайёр кардааст. Ҳар кадоме кори худро дониста иҷро мекард, хуллас, гӯё онҳоро шахси нонамоён идора менамуд. Инак, дақиқаҳои зарурӣ расид. Ҳама дар дарвозахона саф кашиданд, дар роҳрав ҳамон пойандозро густурданд. Аз дар Робияапа ва Абдураҳмонака даромада омаданд. Онҳо сафед пӯшидаанд. Гӯё аз дарвоза нур даромада меомад. Дар ҳавлӣ онҳоро бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд... Баъд аз дуову фотиҳа яке аз сарони маҳалла «Ҳа, раҳмат ба давлатамон, ба мо—мусулмонон имконияти адои амали Ҳаҷро фароҳам кард. Бобоёнамон инро фақат орзу мекарданд. Кӣ фикр мекард, ки ин гуна имконият пайдо мешавад. Илоҳо, ба осоиши диёрамон чашм нарасад...» гуфтанашро шунидам. Он замон ба мазмуни ин гапҳо сарфаҳм нарафта бошам, чигунагии кадом рӯзҳои сахтро ҳис намудам...

***Аз кори ғолиби озмуни эссеҳои оид ба «Таърихи навтарини Ӯзбекистон» И.Обидова (соли 2017).***

Дин ба инкишофи маданият низ таъсири калон расонда истодааст. Ғайр аз ин,  роли дар ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, аз як насл ба насли дигар ворис намудани он аҳамияти калон дорад.

Дин ба дунёи рӯҳии инсоният зич вобаста буда,  дар зиндагӣ ҳамеша бо ӯ шуда омадааст.

Ҳоло баъзе қувваҳо аз вазифаҳои дин дар ҷамъият бо мақсадҳои бад истифода бурданӣ  шуда истодаанд. Дар натиҷа ҳазорон одамон ба бединӣ айбдор дониста, хунашон  мерезад. Аз талқини нодурусти шиорҳои гуногуни динӣ инсонҳои бегуноҳ ҷабр мекашанд.

Барои  гирифтани пеши роҳи ин гуна ҳолатҳо аз тарафи дин байни халқҳо ба роҳ мондани мулоқотҳо,  аз нигоҳи маънавӣ ва рӯҳӣ  наздик кардани онҳо, даъват барои муборизаи якҷоя бар зидди зулму зӯроварӣ аҳамияти алоҳида касб намудааст. Ҳамаи динҳо некиро тарғиб  мекунанд. Дин ва илму фан якдигарро мукаммал месозанд.

> Вазифаи асосии инсон аз омӯхтани асрори олами онро иҳотакарда иборат аст. Ҳолати илмҳо низ чунин аст. Онҳоро эҳтиёҷоти зиндагии инсон ба вуҷуд овард. Мувофиқ ба он илм ҳам ба соҳаҳо ҷудо шуд.
>
> ***Абӯрайҳони Берунӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Зери мафҳуми «дин» чиро мефаҳмед?
2. Нақши дин дар бобати тарбияи инсони комил чӣ гуна аст?
3. Байни дин ва арзишҳои маънавӣ чӣ гуна вобастагӣ ҳаст?
4. «Дин аз азал қисми таркибии маънавияти инсон шуда омадааст». Ба ин ҷумла муносибататонро баён кунед.
5. Дар асоси ҳикояи болоӣ вазифаҳои муттаҳидсозӣ, идоракунӣ, коммуникативии динро фаҳмонед.
6. Ба вазифаҳои тасаллидиҳӣ ва ташаккулдиҳии ҷаҳонбинии дин мисолҳо оред.
7. Дар расмҳои мазкур кадом вазифаҳои дин инъикос ёфтааст?

# §2 ИЛМ ВА ДИН

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Ба фикри шумо оё байни илму фан ва дин вобастагӣ ҳаст?
2. Барои пешравии фан ва техника дар Шарқи мусулмони асрҳои миёна чӣ сабаб шудааст?
3. Дар дини ислом нисбат ба илм чӣ гуна муносибат ифода ёфтааст?
4. Дар пештоқи мадрасаи Улуғбек дар Бухоро вобаста ба илм кадом ҳикмат сабт шудааст?
5. Дар асоси расмҳои зерин оид ба таъсири дин ба инкишофи илму фан ва маданият мулоҳиза ронед.



Илм ва дин ҳамеша дар муносибати наздик будаанд. Дар таърих муносибатҳои онҳо дар шаклҳои гуногун сурат гирифтааст. Дар Юнони қадим барои Сукрот, Афлотун, Арасту илм ва дин қариб як соҳа—фалсафа буд, он ба қисмҳои «Физика» ва «Метафизика» чудо мешуд. Баъдтар математика, астрономия ва тиббиёт инкишоф ёфт, он вақт низ илм ва дин вобастагиро нигоҳ доштанд. Ин гуна муносибат дар фаъолияти Конфутсий, Форобӣ, Ибни Сино, Алишери Навоӣ ва дигар мутафаккирони Шарқ низ мушоҳида шудааст.

Дар замони эллинизм ва Шарқи асрҳои миёна илм ва дин ҳамдигарро мукаммал кардаанд. Баъзе зиддитяҳои байни онҳо ба ихтилофи шадид нарасида буд. Дар натиҷаи мутаносибии илм ва дин дар Шарқ то асрҳои XV математи-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Шумо бо такя ба донишҳое, ки аз фанҳои дақиқ ва табиӣ гирифтед, инсонҳо барои сохтану бинову манораҳои баланд, офаридани асарҳои санъати тасвирӣ, сохтани ҳайкалҳо, офаридани ашёҳои гуногуни заргарӣ аз кадом илмҳо истифода бурданашон лозим аст, фикр карда бинед.



*Аз китоби «Қонуни тибб»-и Абӯалӣ ибни Сино*



*Аз китоби «Ал-ҷабр вал-муқобала»-и Ал-Хоразмӣ*

ка, астрономия, тиббиёт, кимё ва дигар фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ боло рафтанд. Аз асри XVI сар карда дар минтака илму фан, инчунин, илмҳои динӣ даври карахтиро аз сар гузарониданд. Дар он барои ба инқироз рӯ овардани илм, айнан илмҳои динӣ мутаассибоне, ки моҳияти маърифии динро намедонистанд, сабаб шуданд.

Аврупо аз Шарқ эстафетаи фалсафа ва илмҳои табиатшиносиро гирифта, аз асри XVI ба инкишофи ҷадалнок рӯ оварда бошад, дар ин ҷо рӯҳониёни мутаассиб илмро таъқиб карданд. Ин муносибат дар таърихи илм ва дин даври мубориза оштинопазирро ба вуҷуд овард. Даври Эҳёи илм ва санъат, католитсизм дар дин, хусусан, дар Италия, ки ба маркази зиддиятҳои онҳо табдил ёфта буд, ба авҷаш расид. Илм ва адабиёт динро ба дурӯғ баровард, на танҳо оид ба рӯҳониён, ҳатто дар бораи Худо памфлет (танқиди ҳаҷвӣ) навишта шуд.

Дин ҳам қариб ҳар як навигарии илмро ба куфр баровард. Зери таъсири реформизм (Лютер, Калвин, Эразм Роттердамский) ин зиддият нисбатан ба ҷабҳаи осуда—мубориза ғояҳо гузашта бошад ҳам, лекин шиддатро паст накард.

Дар асри XIX аз як тараф «Дин афюн аст» ва аз тарафи дуюм «Дарвин худаш аз маймун пайдо шудааст» гуфтан барин асорати даъвоҳо то ин замони мо расида омадааст. Ба муборизаи байни илм ва дин дахолат намудани сиёсат чандин фоҷиаҳоро ба бор овард. Хусусан, вақте, ки ҳокимият ба дасти «атеистони ҷанговар» ё теократҳо

гузашта буд, зӯрии монанди ҷаҳолати асримиёнагӣ истифода гардид.

Инсонҳо маҷбуран аз дин дур карда шуданд, таълимот оид ба сохта ва барои ҷамъият зарарнок будани дин васеъ тарғиб гардид. Илме бо номи «Атеизми илмӣ» фикр карда баромаданд, ки дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯхта мешуд. Онҳое, ки ин ғояҳоро қабул накарданд, бо ҳар гуна айбдоркуниҳо ҷазо дода шуданд.

Китобҳои таърих аз сари нав таълиф гардиданд, дар бораи пайдоиши дин баҳои яктарафа дода шуд, дар ин сарчашмаҳо ғояи «дин ва илм душмани якдигаранд» ба аҳолӣ аз мактаб сар карда талқин мешуд.

Тарафдорони ҳамоҳангии илм ва дин ҳам аз ҷониби арбобони илм, ҳам аз тарафи рӯҳониёни нохолис ба зиддият дучор омаданд. Баъзан зери айбҳои вазнин таъқиб карда шуданд.

*Салибдорон*



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

**Юришҳои салибӣ**– юришҳои ритсарҳои Аврупои Ғарбӣ, ки дар соли 1096 ба муқобили мусулмонон, давлатҳои православ ва мазҳабҳои гуногуни насронӣ сар шуда буд. Мақсади асосии салибдорон аз туркҳои салҷуқӣ озод намудани Фаластин, пеш аз ҳама Қуддус буд. Аммо баъдтар ин юришҳо барои насронӣ кардани маҷусиҳои соҳилҳои Балтика, пахши ҳаракатҳои зидди ҳукумати Папа дар Аврупо ё барои татбиқи амалии папаҳо чун восита хизмат карданд.

Истилоҳи «салибдорон» аз он ки дар либоси иштирокчиёни онҳо салиб—крест дӯхта шуда буд, пайдо шудааст. Бар асари тарғиботи «Иштирокчиёни юришҳо аз гуноҳҳо пок мешаванд» ба он на фақат ритсарҳо, балки аҳолии оддӣ низ иштирок мекарданд.

Салибдорон соли 1099 баробари ба Қуддус даромадан хунрезиро авҷ гиронданд. Онҳо дар қатори мусулмонҳо ва яҳудиҳо насрониҳоро низ нобуд намуданд. Он сол субҳидами 16-уми июл ҳама масъала ҳал шуд, ҳангоми муҳосира ва хунрезиҳо қариб 70 ҳазор нафар вахшиёна кушта шуданд.

Дар ҷамъият решаҳои бадӣ зиёд аст, аммо асоситарини онҳо инҳоянд: тамаъ, ғазаб ва беилмӣ аст.

***Абӯрайҳони Берунӣ***

Аммо дар таърих олимоне низ зиёд буданд, ки «илм ва дин аслан ба якдигар зид набуда, соҳаҳои ҳамоҳанганд» барин ғояҳоро тарғиб менамуданд.

Масалан, Ҳаким Тирмизӣ фанне, ки дар тасаввуроти мо ҳаст, илм, илми диниро маърифат, ҳикмат номида, нақши онҳоро дар тафаккури инсон дуруст муайян карда додааст. Ғояҳои Ҳаким Тирмизиро олимоне аз қабили Абӯнаср Форобӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Фахриддин Розӣ инкишоф доданд, муштаракоти илм ва динро Ибни Сино дар фаъолияти худ боз ҳам муфассалтар исбот намуд.

Баъди расидан ба истиқлол дар Ӯзбекистон низ ба ҳамоҳангии илм ва дин эътибори алоҳида дода шуд. Чуноне ки Нахустпрезидентамон Ислом Каримов таъкид намуда буд: «... агар арзишҳои дунёвӣ ва динӣ якдигарро пурра накунанд, ҷавоб ёфтан ба саволҳои вазнин ва мураккаби имрӯз осон намешавад».

Таъсиси Донишгоҳи исломии Тошканд дар назди Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон низ айнан барои амалӣ намудани ҳамин мақсадҳо дар назар дошта шудааст. Дастпарварони ин маскани таълимӣ, ки ҳам илмҳои дунёвӣ, ҳам илмҳои диниро аз бар кардаанд, барои таъмини ҳамоҳангии дунёвӣ ва динии ҷамъият, илм ва дин хизмат мекунанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Аз ҳам ҷудо намудани ҷамъият ва дин ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад?
2. Мақсади онҳое, ки дин ва илмро ба якдигар зид гузоштаанд, чӣ буд?
3. Уламоҳои Осиёи Марказӣ дар бораи тавъам будани илму дин чӣ гуна фикрҳоро гуфтаанд? Н.Коперник, Ҷ.Бруно ва Г.Галилейҳо чаро аз тарафи калисо таъқиб шуданд?
4. Матни тахти рукни «Назаре ба таърих»-ро хонед. Барои фаҳмонидани сабаби зиддиятҳои ҷамъиятӣ кӯшиш кунед.

# §3–4. ПАЙДОИШ ВА ШАКЛҲОИ ДИН

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Мазмуни истилоҳҳои анимизм, тотемизм, фетишизм, шаманизмро, ки аз тасаввуроти қадими динӣ мебошанд, ба хотир оред ва эзоҳ диҳед.
2. Фикратонро дар бораи эҳтимолияти вобастагии урфу одатҳои дар байни халқамон маъмул ва тасаввуроти динӣ баён намоед.
3. Халқҳои қадимтарини сокини минтақаи Осиёи Марказӣ чӣ гуна тасаввуроти аввалини динӣ доштанд?

Ҳоло дар илм дар бораи ташаккули динҳо ду хел нуқтаи назарҳо: теологӣ ва материалистӣ мавҷуд аст.

Мувофиқи назарияи **теологӣ** (илоҳӣ, динӣ) саҷда кардан ба ашёҳои гуногун ва бисёрхудоӣ, аз ҷумла, анимизм, тотемизм, фетишизм ва шаманизм баъд аз яккахудоӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумла, бино ба динҳои яҳудӣ, насронӣ ва ислом Худо инсони нахустин Одамро офарида, ба ӯ худро шиносонд ва авлоди Одамро барои саҷда ба худ даъват кард. Бо мурури вақт одамон аз таълимоти соф дур шуда, бар ҳар гуна бутҳо саҷда мекардагӣ шуданд.

Таълимоти дуюми оид ба пайдоиши динҳо таълимоти **материалистӣ** номида мешавад. Ба вуҷудоии ин таълимот ба даври антиқ рафта мерасад, бори аввал файласуфони юнонӣ доир ба масъала нуқтаи назари худро баён кардаанд.

> Илм лаззати дунёст. Илм барои инсон фазилати бағоят олӣ ва муқаддас аст. Зеро илм ба мо аҳволамон, ҳаракатамонро чун оина нишон медиҳад. Зеҳнамон, фикрамонро мисли шамшер бурро менамояд.
>
> ***Абдулло Авлонӣ***

***Назариаи теологӣ*** *— таълимоте, ки пайдоиши динро бевосита ба Худо вобаста медонад.*

## ТАЪРИХИ БУТПАРАСТ ШУДАНИ ҚАВМИ НӮҲ ПАЙҒАМБАР

Қавми пайғамбари бузург Нӯҳ (а.с) бутпараст буданд. Онҳо ба бути зане бо номи Сувоъ, ба марде бо номи Вад, ба паланги Яғус, асп—Яуқ, уқоб—Наср ва ба бутҳои калхотшакл саҷда менамуданд. Бино ба қайди Ибни Ҷарири Табарӣ «Бутҳое, ки бар онҳо қавми Нӯҳ ибодат мекарданд, аслан бо номи одамони солеҳ, ки дар муддати байни Одам ва Нӯҳ зиндагӣ кардаанд, вобастаанд. Баъд аз вафоташон мухлисон ва шогирдони онҳо барои он, ки чашмашон ба онҳо афтида, ба хотир оранд, бо мақсади овардани шавқ ва ба ибодат ғайрат суратҳо кашида мондаанд ва ба ин суратҳо саҷда намекарданд. Баъди даргузаштани ин одамон дар замони авлоди онҳо Иблис васваса андохта, «падарони шумо ба ин суратҳо саҷда меоварданд, аз онҳо барака ва боришҳо мехостанд» гӯён ба рамзи одамони солеҳ ибодат карданро омӯзонд. Ҳама ба ин амали ширк мубтало шуданд. Ҳамин тариқ, бутпарастӣ пайдо шуд.

***Аз китоби «Тафсир-ат-Табарӣ»***

Дар асри XVII дар Европа ҳокимияти калисо суст шуд, намояндагони озодфикрӣ-- мунаққидони дин пайдо гаштанд, дар нимаи дуюми асри XIX китоби Чарлз Дарвин «Пайдоиши намудҳо» (1859) аз чоп баромад. Ин ҳама ба пешравии таълимоти материалистӣ омил гардиданд. Баъдтар ин гуна нуқтаи назарҳо аз тарафи Август Комт ва Людвиг Бухнер ба авҷи аълояш баромад.

**Таълимоти материалистӣ** пайдоиши динҳоро ба тарсу ваҳми инсонҳои ибтидоӣ вобаста мекунад.

Мувофиқи он дин ҳодисаи иҷтимоӣ аст, маҳсули тафаккур ва ҳиссиётҳои инсон аст. Бино ба фикри тарафдорони ин таълимот динҳо аз соддагӣ ба мураккабӣ, аз умумият ба хусусият, аз сӯи бисёрхудоӣ ба ҷониби яккахудоӣ ҳаракат карда, ҷараёни тӯлонии таърихию эволютсиониро гузаштаанд.

Бино ба фикри тарафдорони ин таълимот аҷдодамон гӯё дар ҳолатҳои хоб, руъё ва нафас гирифтан танаи онҳоро қувваҳое идора мекунад, аз марг фарқ дорад, ва

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Кадом динҳои авлодию қабилавиро медонед?
2. Ҳоло кадом унсурҳои динҳои авлодию қабилавӣ боқӣ мондааст?
3. Ҷиҳатҳои хос ва монандии динҳои авлодию қабилавиро гуфта диҳед.

он ҳаёт мебахшад ва ин қувва чизҳои дар ҳаракатбуда: дарёҳо, офтоб, дарахт ва монанди инҳо мебошанд. Дар натиҷа инсон ба дараҷаи тарс, ҳурмат, эҳтиёҷ ва зарурат ба онҳо саҷда кардаанд.



**Ҳерберт Спенсер**
(1820–1903)

Бино ба таълимоти материалистӣ тарси инсонҳо ба пайдоиши динҳо нақши асосӣ бозидааст.

Файласуфи англис Ҳерберт Спенсер (1820-1903) ҳам ба пайдоиши динҳои қабилаҳои ибтидоӣ дар натиҷаи тарс ба аҷдод саҷда кардан сабаб шуданашро таъкид намудааст. Спенсер ба ҳисобу китобҳои иҷтимоӣ асос намуда, тарси зиндагӣ дар динҳо мақоми алоҳида доштанашро қайд кардааст.



Тарс ибодатро нисбат ба аҷдод дар ҳамаи намудҳо ташаккул дода, худоён ва ё аҷдоди қаҳрамонгашта алоҳида мақом пайдо карданашонро нишон медиҳад; дар ҳар як дин ба аҷдод эътибори алоҳида вуҷуд доштанаш ишора гардидааст.

Бино ба фикри Макс Мюллер (1823—1900) пайдоиши динро ба даҳшати ба инсон ангехтаи ҳодисаҳои табиат эзоҳ дода мешавад ва он «натурализм» ном гирифтааст.

Макс Мюллер ба китоби муқаддаси ҳиндувон Ведаҳо такя намуда қариб дар ҳамаи динҳо номҳои худо талқини ҳодисаҳои табиат буданашро таъкид кардааст. Тарафдорони ин таълимот пайдоиш ва ташаккули

динҳо дар марҳилаҳои анимизм, тотемизм, фетишизм ва шаманизм пайдо шуданашро таъкид мекунанд.



**Фридрих Макс Мюллер**
(1823–1900)



**Анимизм.** Одамони замони қадим олами атроф мисли ҳайвонот, растаниҳо, ҳодисаҳои табиат ҷон, яъне рӯҳ доранд, гӯён тасаввур мекарданд. Дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ мисли афсонаҳо паҳн шудани «рӯҳ»-ҳои одамшакл доштани замин, оташ, ҷангал, об, кӯҳ ва хонаро ҳам ҳамин тавр эзоҳ додан мумкин.

Аз ҷумла, саҷда ба дарахтон ҳам яке аз намудҳои анимизм буд. Эҳтимол аз ин сабаб мавзӯи «дарахти ҳаёт» дар соҳаи ҳунармандии Ӯзбекистон накши муҳим дорад. Боварӣ ва эътиқоди халқҳо оид ба пас аз марги ҷисмонии инсон зинда мондани рӯҳи вай ба пайдо шудани ҳар гуна маросимҳои вобаста бо дафнкунӣ оварда расондааст.

**Тотемизм.** Ҷамоаҳои ибтидоӣ бар асоси муносибатҳои қавмию таборӣ ташаккул ёфта буданд. Одамон зуҳуроти ин муносибатҳои иҷтимоиро ба муҳити беруна—табиат ҳам дидаанд. Алоқаҳои қавмро бо ҷонворон ва растаниҳо аломати ҳамхунӣ гуфта эзоҳ медоданд.

Соли 1938 аз ғори Тешиктоши бағалкӯҳи Бойсунтоғ қабри бачаи неандертал ёфта шуд, ки он дар Ӯзбекистони имрӯза яке аз ёдгориҳои қадимтарини вобаста ба эътиқоди тотемизм ба ҳисоб меравад. Пеш аз гӯр кардани бача атрофи он бо шоххои бузи кӯҳӣ--архар иҳота карда шудааст, яъне ин ҷо ба сифати тотем ҳамин ҷонвар истифода шуданашро тасдиқ мекунад.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ба донишҳои аз фанни таърих дар синфҳои поёнӣ гирифтаатон такя намуда, мулоҳиза карда бинед: чаро Макс Мюллер ба китоби муқаддаси ҳиндувон—Ведаҳо такя кардааст.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Тӯмори сангине, ки намудаш ба тирмор монанд асту аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ёфта шуд ва ба замони ду ҳазор сол пеш аз милод мансуб аст, дар музейи таърихи халқҳои Ӯзбекистон маҳфуз аст.

Ба барзгов аз қадимулайём ҳамчун рамзи қудрат ва маҳсулдорӣ муносибат мекарданд. Дар баъзе ёдгориҳои археологӣ зарфҳое вомехӯранд, ки дастдораки он дар шакли гӯсфанд тайёр карда шудааст. Дар халқҳои маҳаллии қадим бузург доштани ҳайвонҳо ба ҳукми одат даромада буд.



**Фетишизм.** Дар динҳои ин замон фетишизм дар шаклҳои тавоф кардани чизҳои табаррук, аз ҷумла, дар байни насрониҳо—салиб (крест), иконаҳо, ба майит саҷда овардан, дар буддизм муқаддас донистани ҳовон мавҷуд аст. Наъл, тӯмор, гарданбанд барин чизҳо барои фетишҳои замонавӣ мисол шуда метавонанд.

**Шаманизм (шаманӣ).** Чуноне ки дар миллатҳои дигар ҳаст, дар халқҳои Осиёи Марказӣ низ шаманизм



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Аз «Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон» мазмуни луғавии мафҳумҳои анимизм, тотемизм, фетишизм, шаманизм, сеҳргариро ёбед. Оид ба ҳар яки онҳо мисолҳо оред.

дар шаклҳои гуногун мавҷуд аст. Фолбинӣ, ром кушодан, гарму хунук намудан ва монанди инҳоро ба сифати нишонаҳои шаманизм қайд кардан мумкин.



Ҳоло низ одамон агар касе чизеро гум кунад, назди фолбин меравaнд. Ҳамчунин, амалиёти бо ёрии сеҳр ба касе зарар ё фоида овардан мушоҳида мешавад. Дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ одат шудааст, ки агар касе тӯлонӣ касал шуда монад, роҳи ягонаи табобатро дар «мулоқот бо рӯҳҳо» мебинанд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ин гуна ҳолатҳо аксар вақт барои фиреби одамони содда истифода мешавад.

**Саҷда ба ҷонварҳо ва растаниҳо.** Дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ ҷонзотҳо ва растаниҳои зерин муқаддас дониста мешуданд.

**Гург.** Бино ба афсонаҳои қадимии туркӣ кӯдаки қабилаи Ашинаро гург шир маконда калон карда будааст. Аз ин сабаб дар байни туркҳои воҳаҳои Евроосиё байрақашонро сари аз тилло кашидаи гурги кабуд зеб дода омадааст. Боварӣ ба қувваи илоҳию муъҷизавии гург то ҳанӯз қисман мавҷуд аст.

**Асп.** Бузург доштани асп дар байни халқҳои туркӣ мавҷуд буд. Инро дар мисоли тасвири аспҳо дар харсангҳои қуллаҳои кӯҳҳои бағали Қирғизистон (Аравон, Айирмоч Тоғ) дидан мумкин. Дар зери тасвирҳо ҳайвонҳоро ба қурбонӣ оварда, барои гузоштани шамъ токчаҳо сохта шудаанд. Тасаввурот дар бораи муқаддас будани асп на танҳо дар байни қавму қабилаҳои дар даштҳо зиндагидошта, балки байни аҳолии муқими зироатгар низ васеъ паҳн шуда буд.

Эй одамон!
Пеш аз ҳама
барои ахлоқи
нек ҳаракат
кунед. Зеро
ахлоқ асоси
қонун аст.
***Пифагор***



**Паррандаҳо.** Бино ба ривоятҳо, ӯғизҳои туркии авлоди Ӯғизхон тимсоли бобоёнашонро дар паррандаҳои аз бадиҳо ҳифзкунанда медиданд. Бедона, уқоб, шоҳин, қапчиғай барин паррандаҳо ҷонзотҳое ҳисоб мешу-

данд, ки аз назари аъзои қабила ба онҳо барака ва бахт меоваранд.

Халқҳои ўзбек, қирғиз, қазоқ, туркман дар замонҳои қадим ба қудрати пари паррандаҳои бум, чуғз, уқоб ва шоҳин боварӣ доштанд. Имрўз низ кулоҳи писарон ва духтарони хурдсол, гаҳвораи онҳо бо пати паррандаҳо зеб дода мешавад. Дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ тазарв, товус, хурўс паррандаҳои муқаддас шумурда мешуданд.

**Дарахтон.** Дар Осиёи Марказӣ дарахтони чинор ва сарв (арча) ҳамчун объекти дорои қудрати муқаддас эъзоз меёфтанд. Духтарон асрори қалбашонро ба онҳо гуфта, дар шохҳои дарахтон нишона баста, ба амалӣ шудани орзуҳояшон умедвор мешуданд. Дар Туркманистони Ҷанубӣ, Ўзбекистон ва Тоҷикистон дарахтони чинор хеле азиз дониста мешаванд. Туркманҳо аз сўхтани шохҳои хушки чинор метарсанд.

Дар воҳаи Фирўзаи Туркманистон ҳафт чинори «Бародарон» мавҷуд аст, ки баландиашон то чиҳил метр мерасад. Дар ковоки чинори деҳаи Сайроби Бойсун як замонҳо ҳатто мадраса ҷой гирифта буд. Аз чинори бузурги деҳаи Бурҷимуллои назди Тошканд қадами зиёратчиён канда намешавад.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар байни тасаввуроти нахустини динӣ монанди анимизм, тотемизм, фетишизм, шаманизм, сеҳргарӣ чӣ гуна умумият ҳаст? Оид ба зуҳуроти онҳо дар замони мо мисолҳо оред.
2. Дар бораи зуҳуроти имрўзаи тасаввуроти динии қадим слайд тайёр кунед (MC Power Point).
3. Тасаввуроти анимистӣ, тотемистӣ, фетишистӣ ва шаманӣ дар ҳаёти халқҳои қадими Осиёи Марказӣ чӣ гуна нақш дошт?
4. Аз фанни таърих дар бораи чӣ гуна пайдо шудани динҳои миллӣ ва ҷаҳон маълумот гирд оваред.

# §5 ДИНИ ЯҲУДӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Ба Осиёи Марказӣ омадани яҳудиён кай сар шудааст?
2. Маълумотҳои ҳафриётӣ оид ба зистани яхудиён дар замонҳои қадим дар Осиёи Марказӣ кай ва аз куҷо ёфта шудаанд ва онҳо ба кадом давр мансубанд?
3. Яҳудиёни Осиёи Марказиро чаро «Яҳудиёни Бухоро» мегӯянд?

## АЗ ТАЪРИХИ ДИН

> Фоидаи илмҳо на бо ёрии онҳо ҷамъ кардани тиллову нуқра, балки расидан ба инсонгарӣ ва донишмандӣ аст.
>
> ***Абӯрайҳони Берунӣ***

Дини яҳудиён (яҳудӣ) яке аз динҳои қадимтарини дунё ба ҳисоб меравад, тахминан дар дуҳазорсолаи пеш аз милод дар Шарқи Наздик пайдо шудааст. Он фақат дини хоси миллии халқи яхудӣ мебошад. Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» як тахминеро қайд намудааст, ки номи яҳудиён аз калимаи «ҳода»-и забони сомӣ, яъне «тавба кардан, тавба кардагон» баромадааст. Бино ба ақидаи васеъ паҳншуда, калимаи «яҳудӣ» аз номи писари Яъқуб пайғамбар Яҳудо гирифта шудааст.

Номи дигари халқи яхудӣ Банӣ Исроил аст. «Исроил» номи дуюми Яъқуб пайғамбар аст, «Банӣ» бачаҳо тарҷима мешавад. Яъне номи Банӣ Исроил маънои «авлоди Исроил»-ро дорад.

Нисбат ба халқи яхудӣ калимаи «еврей»-ро низ истифода мебаранд. Он шакли дигаршудаи калимаи

*Бино ба ривоятҳо Яъқуб пайғамбар 12 писар дошт, писари чоруми вай Яҳудо буд. Яҳудиёни аз авлоди Яҳудо буда дигар қабилаҳоро ба худ тобеъ намуданд. Пас аз он ҳамаи ин қабилаҳо «яҳудӣ» номида шуданд.*



*Фиръавне, ки Мӯсоро таъқиб карда меравад (расми рӯи папирус)*

«ибрӣ»-и аз забони сомӣ гирифташуда аст. Дар манбаъҳои арабӣ ин калима аз феъли «абара, яъбуру» — «гузашта рафтан» баромадааст, гуфта тахмин мешавад. Бино бар ин манбаъҳои динӣ қабилаҳои аввалини яҳудӣ дар Байнаннаҳрайн (Месопотамия) зистаанд. Дар асрҳои XV пеш аз милод онҳо бо раҳнамоии Иброҳим пайғамбар аз дарёҳои Даҷла ва Фурот гузаштаанд.

Бино ба маълумотҳои Таврот, Инҷил ва Қуръон, Юсуф—набераи Иброҳим, писари ёздаҳуми Яъқуб буд. Бино ба сабаби муносибатҳои Юсуф ва бародаронаш қавми Банӣ Исроил ба Миср кӯчида омадаанд. Онҳо муддати мадид ин ҷо зистаанд. Баъдтар фиръавни Миср ба қавми Исроил зулм гузаронид, ин халқ бо раҳбарии Мӯсо пайғамбар боз ба Канъон (Фаластин) баргашта омад.

Соли 722-юми пеш аз милод подшоҳии Исроил аз тарафи Ассурия, соли 586 аз ҷониби давлати Бобулистон забт шуд, як қисми халқи яҳудӣ аз ин кишвар ронда шуд.



*Тасвири ба ду қисм ҷудошавии баҳр*

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Бино ба ривоятҳои Библия соли 1250-уми пеш аз милод яҳудиён бо раҳнамоии Мӯсо Мисрро тарк мекунанд. Соли 1000-уми пеш аз милод баъд аз вафоти подшоҳ Саул домодаш подшоҳ Довуд Фаластинро муттаҳид карда, подшоҳии Яҳудиро ташкил намудааст.



*Исроилиҳо дар Миср*



***Танах*** *манбаи ягона буда, он аз се фасл бо номи Таврот (Тора), Пайғамбарон (Невиим) ва Китобҳо (Хетивим) иборат аст.*

***Талмуд*** *(аз ибронӣ — омӯхтан) ҳамчун шарҳи Таврот эътироф шудааст.*

## БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАРОМАДА ОМАДАН ВА ИНКИШОФИ ДИНИ ЯҲУДӢ



*Роҳи бузурги абрешим.*

Дар асри VIII-уми пеш аз милод баъзе яҳудиён Исроилро тарк намуда, дар кишварҳои Миср, Эрон сарпаноҳ ёфтанд. Яҳудиён ба Осиёи Марказӣ дар даври давлати Суғд, яъне дар асри II-юми пеш аз милод омадаанд. Онҳо аз Эрон гузашта ба Марв омаданд, аз он ҷо ба Бухоро, Самарқанд, Шаҳрисабз ва дигар шаҳрҳо паҳн шуданд.

Тадқиқотчиён ба ин ҷо кӯчида омада, ҷойгузин гаштани онҳоро ба фаъолияти «Роҳи бузурги абрешим» вобаста медонанд. Яҳудиён дар бобати рангсозӣ мутахассисони хуб буданд ва ба минтақаҳои ашёи хом наздиктар шуданашон сабаб дошт.

Дар асрҳои IX-X-уми милодӣ дар Осиёи Марказӣ ҷамоаҳои яҳудӣ сершумор ва озод буданд. Аз онҳо фақат мардони ба ҷанг лаёқатманд андози ҷизя месупурданд. Як қисми ин андоз ба хазинаи давлат, қисми боқимондааш ба ихтиёри сарвари ҷамоа мегузашт.



*Либоси миллии караимҳо.*

Маълумотҳои ҳафриётӣ (таърихӣ) оид ба зиндагӣ кардани яҳудиён дар Осиёи Марказӣ аз ҷониби тадкикотчиён соли 1954 дар шаҳрҳои Марв ва Байрамалӣ ёфта шуданд. Онҳо аз осори синагогаи қадим ва аз чизҳои сафолин, ки хатти яҳудӣ доштанд, иборатанд. Бозёфтҳо ба асри II-юми пеш аз милод ва I-уми милод, замони ҳукмронии давлатҳои Юнону Бохтар ва Парфия мансуб аст.

Дар асрҳои IX-X дар Осиёи Марказӣ сектаи караимҳои яҳудиён пайдо шуд. Тарафдорони ин равия фақат Тораро (Тавротро) эътироф карда, Талмудро инкор менамуданд. Онҳо яҳудиёни маҳаллиро ба вайрон кардани қоидаи кашрут (хӯрдани фақат хӯрокии рухсат додашуда), омехта шудани онҳо бо аҳолии маҳаллӣ ва вайрон намудани динӣ яҳудӣ бо бидъатҳо айбдор мекарданд.



*Синагогаи Ашкенази Тошканд (соли 1930 пӯшида шуд, соли 1966 дар оқибати зилзила вайрон гардид).*

Дар ибтидои асри XIII ҷамоаҳои қадими яҳудиён ҳам ба инқироз рӯ оварданд. Яҳудиёни камшумори боқимонда дар Бухоро ва атрофи он зиндагӣ мекарданд. Дар замони муғулҳо дар Хоразм дар як шаҳр аз 100 хонадон зиёд будани яҳудиён манъ карда шуд.

Дар замони Амир Темур ва темуриён ба минтақаи Мовароуннаҳр аз Эрон ҷамоаҳои калони яҳудиён кӯчонида оварда шуданд. Як қисми онҳо дар Бухоро зиндагӣ мекарданд. Дар ибтидои асри XVIII яҳудиён ба ҷамоаҳои Эрон, Афғонистон, Хева, Қӯқанд ва Бухоро тақсим шуда рафтанд.



*Мактаби яҳудӣ (Самарқанд, ибтидои асри XX).*

Дар нимаи дуюми асри XIX яҳудиёни Осиёи Марказӣ аз сабаби он ки дар аморати Бухоро мезистанд, бо номи «яҳудиёни Бухоро» маълум буданд, аммо қисми асосии онҳо дар Самарқанд мезистанд.

Дар асри XIX яҳудиён дар шаҳрҳои Қаршӣ, Марв, Хатирчӣ, Шаҳрисабз, Каттақӯрғон, Кармана, Марғелон, Душанбеи Осиёи Марказӣ дар мавзеъҳои алоҳида ҷамъ шуда зиндагӣ мекардагӣ шуданд.

Соли 1032 дар Самарқанд театри яҳудиён ташкил шуд. То соли 1940 дар Осиёи Марказӣ яҳудиён ба забони ибрӣ мактабҳо, нашрҳои даврӣ ва махсус доштанд.

Дар даврҳои минбаъдаи Шӯроҳо таҳсил ба забони яҳудӣ ва бурдани фаъолияти маданӣ қатъ шуд. Лекин ба сабаби он ки дини яҳудӣ хоси миллати ягона аст,



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

«Дар нимаи дуюми асри XIX аз тарафи империяи Россия забт шудани Осиёи Марказӣ ба ҷамоаҳои Туркистон ва Бухоро тақсим шудани яҳудиён оварда расонд». Ба дониши аз фанни таърих гирифтаатон асос намуда, сабабҳои ба ҷамоаҳои Туркистон ва Бухоро тақсим шудани яҳудиёнро муайян намоед.




*Театри яҳудиён.*



*Оилаи яҳудиён дар Бухоро (ибтидои асри XX).*

онҳо ҳар куҷое бошанд, аз ҳамдигар ҳар қадар дур бошанд, ба дин ва китобҳои муқаддасашон эътиқодро давом додан гирифтанд.

Соли 1991, баъди комёб шудани Ўзбекистон ба истиқлол барои эътиқод намудан ба ҳамаи динҳо, аз ҷумла ба дини яҳудӣ ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. «Ҳоло дар баробари конфессияҳои динӣ дар мамлакатамон «Ҷамоаи яҳудиён» аз рўйхат гузашта фаъолият нишон медиҳад». Ин ҷумларо аз нигоҳи усулияти таҳаммули динию миллӣ фаҳмонед.
2. «Соли 1170 танҳо дар Самарқанд 30 ҳазор яхудиён зиндагӣ доштанд». Дар асоси ин ҷумла оид ба усулиятҳои таҳаммули динӣ дар кишварамон аз азал ҳамчун қадрият мавҷуд буданаш мулоҳиза ронед.
3. Кадом вақт ташкил шудани давлати Исроил ва шарту шароити ташкилёбии онро муайян кунед.

# §6–7 МАРОСИМҲО ВА РАВИЯҲОИ ДИНИ ЯҲУДӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Дар бораи Даҳ амр дар дини яҳудӣ оё шунидаед?
2. Ба донишҳоятон аз фанни география такя карда ҳудуди дар куҷо ҷойгир шудани кӯҳи Синай (Тур)-ро муайян кунед.
3. Вобаста ба кӯҳи Тур кадом ривоятҳоро медонед ва ё шунидаед?



*Мӯсо Даҳ амрро қабул мекунад.*

## ТАЪЛИМОТИ ДИНИ ЯҲУДӢ

Таълимоти дини яҳудӣ ба риоя намудан ба Даҳ амре, ки аз тарафи Худованд ба Мӯсо нозил шудааст, асос меёбад. Бино ба эътиқоди онҳо Даҳ амр ба Мӯсо пайғамбар дар кӯҳи Синай (Тур) ду маротиба нозил шудааст.

Бино ба дини яҳудӣ, Мӯсо мебинад, ки қавмаш ба гӯсолаи дастӣ сохташуда эътиқод менамояд, аз ин дарғазаб мешавад ва лавҳаҳои амрҳои Худо навишта шударо талқин менамояд ва пас аз он Худо Даҳ амри зеринро мефиристад:

1. Имон овардан ба Яҳвеи яккаю ягона, ки дунёро офарида ва ғайр аз он дигар илоҳ нест.
2. Ғайр аз Яҳве ба дигаре ибодат накардан.
3. Ба ҳар чизи шуда ё нашуда номи Худоро ба забон нагирифтан.
4. Рӯзи шанберо рӯзи муқаддас донистан ва он рӯз истироҳат кардан.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Қоидаҳои Даҳ амрро бо қоидаҳои ахлоқ вобаста намуда, фаҳмонед.

5. Падару модарро ҳурмат кардан.
6. Қотилӣ накардан.
7. Зино нанамудан.
8. Дуздӣ накардан.
9. Дар ҳаққи наздикони худ (яҳудиён) гувоҳии дурӯғ надодан.
10. Ба хона, зан, ғулом, ҳайвонот, умуман, ҳар чизе, ки ба наздикони худ мансуб аст, чашм ало накардан.



*Талмуд*

Ин амрҳо дар сарчашмаи барои яҳудиён муқаддас - китоби Таврот (Тора) оварда шудааст. Таврот панҷ китоберо, ки ба Мӯсо мансуб аст, дар бар гирифтааст:

1) «Ҳастӣ» ё «Ибтидо»;
2) «Баромад»;
3) «Левит»;
4) «Рақамҳо»;
5) «Қонуни дуюм».

Матни Таврот ба забонҳои ибрӣ ва оромӣ (яҳудии қадим) навишта шудааст. Дар он таърихи халқи Исроил баён шудааст.



## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Баъди он ки шоҳи Эрон Куруши II Бобулистонро истило кард, аксари яҳудиён ба Канъон баргашта, аз подшоҳ рухсат гирифта, бори дуюм давлати худро барпо намуданд. Як кисми яҳудиёни муҳоҷир ба Шарқ, хусусан, ба Осиёи Марказӣ кӯч бастанд.

## ИБОДАТ ВА МАРОСИМҲО

Ибодат дар дини яҳудӣ дар шаклҳои ҳар рӯз ҳангоми субҳ, пешин ва шом ва рӯзи шанбе барои ба ҷо овардани ибодати ҳафтаина рафтан ба синагога тақсим мешавад. Ибодати ҳафтаина (Шабат-Сабт) рӯзи ҷумъа баробари ғуруби Офтоб сар мешавад ва рӯзи шанбе ба поён мерасад.

Рӯзи шанбе оташ гирондан, кор кардан, ҳатто аз воситаи нақлиёт истифода бурдан манъ мешавад. Худо оламро дар зарфи шаш рӯз офарида, рӯзи ҳафтум истироҳат кардааст. Аз ин сабаб яҳудиён рӯзи ҳафтуми ҳафта—шанберо рӯзи истироҳат ва ба ибодат бахшидаанд.

Дар **синагога** ( аз юнонӣ-- ҷамъшавӣ; ибр.—«beyt kneset»— «хонаи ҷамъ шудан») ибодатҳо баъди ҷамъ шудани камаш даҳ нафар марди ба балоғат расида мегузарад.

Дар «Таврот» ҷаннат «Адан» ном гирифта, сифатҳои он баён гардидааст.

Ибодат дар дини яҳудӣ ба забони ибрӣ «avoda she-ba-lev»— маънои «Хизмати қалб»-ро дорад.



*«Мезуза»*

Яке аз лаҳзаҳои муҳим ва шартҳои асосии вақти ибодат аз бастаҳои «Таврот»-ро аз дохили гиреҳҳо баровардан ва аз тарафи рӯҳонӣ бо овози баланд хондани он аст. Дар яҳудиён на фақат дар синагога, балки дар хона ҳам ибодат мекунанд.

Дар болои дари даромадгоҳи хонаҳо даруни як қубури дароз бастаи ҷумлаҳо аз «Таврот» гузошта мешавад, ки онро «мезуза» меноманд. Ҳангоми дохилшавӣ ва беруншавӣ аз хона яҳудиён ба «мезуза» даст расонда, ангуштонашонро мебӯсанд. Дар тасаввуроти яҳудиён «мезуза» онҳоро аз қувваҳои бад нигоҳ медорад. Ҳангоми ибодат дар хона ба сар кулоҳ пӯшида, дар китф чакман (талес) партофта мешавад. 16- то дуои муҳимтарин рост истода қироат карда мешавад. Ҳангоми қироати дигарҳояш ба зону нишаста, вуҷудро ҷунбонида ҳаракат кардан зарур аст.

Дар синагогаҳо ҳатман се унсур бояд ҷой дошта бошад. Онҳо Арон Кодеш, Нер Тамид ва Бима мебошанд. Дар даруни сандуқи (шкафи) муқаддаси рӯ ба Қуддус гузошта—Арон Кодеш ҷои махсус барои нигоҳ доштани тӯморҳои «Таврот» мавҷуд буда, он вазифаи мисли «меҳроб»-ро дар масҷид иҷро мекунад ва дар рӯ ба рӯи дари даромад мешавад.

**Нер Тамид** (ибр. «шамъчароғи абадӣ») — дар синагога рӯ ба рӯи сандуқи «Таврот» гузошта ҷойгир шуда, шамъчароғи доимо фурӯзон мебошад. Дар синагогаҳо Нер Тамид рамзест, ки Менораро ба ёд меорад.

**Бима** (ё тева, алмемар) — минбарест дар маркази синагога, ки «Таврот» хонда мешавад.

## ҶАШНҲО

Дар байни яҳудиён Рош Ашона, Ём Кипур, Ресах, Шавуот, Суккот, Симха Тора, Пурим, Ҳанукка ва дигар ҷашнҳои динӣ ва миллӣ (ибр. Ём тов—рӯзи нек) мавҷуд аст.

Рош Ашона ( ибр.—«сари сол») мувофиқи тақвими миллии яҳудиён ҷашни соли нав—тишре рӯзҳои якум ва дуюми моҳ (сентябр-октябр) қайд карда мешавад.

Бино ба таълимоти дини яҳудӣ он рӯз инсони нахустин Одам офарида шудааст ва маъни аз ҷониби Худо



*Нер Тамид*



*Ҷашни Рош Ашона дар синагога*



*Маросими қиро-
ати «Таврот»*

муқарраршударо вайрон намуда, аз ҷаннат берун карда шудааст.

Дар рӯзи даҳуми ҷашни Рош Ашона, ки даҳ рӯз давом мекунад, ҷашни Ём Кипур қайд карда мешавад. Он рӯз касе кор накарда, фақат бо ибодат машғул мешавад. Яҳудиён дар Ём Кипур рӯза медоранд, дар синагога афсӯс хӯрда, гирякунон, барои гуноҳҳои содиркардаашон тавба мекунанд.

Песах (Пасха) дар байни ҷашнҳои солона пурэътибор аст. Он аз рӯзи понздаҳуми моҳи нисан (март-апрел) оғоз шуда, ҳашт рӯз давом мекунад. Ин ҷашн ба муносабати аз ғуломӣ озод шудани яҳудиён дар Миср қайд мешавад ва дар рӯзи ҷашн онҳо нони бехамиртурш—«матса» истеъмол мекунанд.

Шавуот (Шевиот) (ибр.—ҳафтаҳо) баъд аз 50 рӯз гузаштани Песах қайд мешавад. Ин ҷашн аввал иди деҳқонӣ будааст, баъдтар ба муносибати ба Мӯсо тақдим шудани «Таврот» қайд мекардагӣ шуданд.



*Шофар, ки
барои даъват ба
ибодат навохта
мешавад*

Суккот (ҷашни чодарҳо) ин маросимест, ки яҳудиён ба муносибати дар Миср аз ғуломӣ озод шуда, дар дашту биёбонҳо чодир кашида рӯз гузарониданашон қайд мешавад. Дар замонҳои қадим



*Ҷашни «Песах» дар
давраи хонавода*

яҳудиён дар ин рӯз ба Қуддус барои зиёрат мерафтанд. Дар ин замон ин маросим аз ҳукми анъана баромадааст.

Ҷашни дорои хусусияти миллии **Пурим** (иди ширинӣ) дар рӯзи 14-уми моҳи адар (феврал-март) қайд мешавад. Ин ҷашн дар Қуддус як рӯз, дар дигар ҷойҳо ду рӯз давом мекунад.

Ин ҷашни ба туфайли духтаре бо номи Эстер, ба муносибати халос хӯрдани яҳудиён дар қатли оми Эрон пайдо шудааст ва дар он маҳфилҳои завқбахш ташкил ва шириниҳо тақсим карда мешавад.



*Ҷашни ҳанукка*

**Ҳанукка** (ибр. — *нав шудан, рӯшан кардан*) — ҷашнест, ки ба шарафи ғалабаи яҳудиён бар шоҳи Сурия Антиокас пайдо шудааст.

Он аз рӯзи 25-уми моҳи кислав (ноябр-декабр) сар шуда 8 рӯз давом мекунад, дар он дар фарқият аз рӯзҳои оддӣ ҳар рӯз шамъдони дорои нӯҳ шохро, ки ҳануккия ном дорад, якеашро дармегиронанд.

Маросими дафн дар дини яҳудӣ ҳам хусусияти ба худ хос дорад. Инсон вафот намояд, хешовандони вай либоси махсус пӯшида, шамъ дармегиронанд. Майит-






*Аввалин синагога дар Қуддус*

*Баромадан ба кӯҳи Тур ба воситаи 3100-то зина*



ро дар кафани сафед печонида «Каддиш» (оромӣ — «муқаддас», дуои ибодат дар синагога) мехонанд.

Аз хонадоне, ки ҷасад баромадааст, давоми ҳафта азо гирифта, аз хона берун намешаванд. Як сол гузашта, майитро ба хотир оварда «маросими сол» («Ёрсайт») мегузаронанд. Дар ҷашнҳои Ём-кипур, Суккот, Песах марҳумҳоро ёд карда, дуои «Йизкор» мехонанд.

## РАВИЯҲО



*Садуқиҳо*

Дар давоми тараққиёти дуру дарози таърихӣ чун дар дигар динҳо дар дини яҳудӣ низ ҷудошавиҳо ба амал омадааст. Дар байни онҳо ҷараёнҳои садуқӣ, фарзӣ, эссанӣ, ҳасидӣ, гароим, ислоҳотчӣ, консерватив хеле васеъ паҳн шудаанд.

Дар байни равияҳои классикӣ садуқӣ аз дигарон фарқи калон дорад. Намояндагони ин равия асосан аз ҷумлаи заминдорони калон, аристократҳои олитабақа буданд.

Дар таълимоти садуқият абадӣ набудани рӯҳ таъкид шудааст. Аз нав зиндашавии инсон, мавҷуд будани фариштаҳо инкор мешавад. Садуқиҳо ба кори бандаҳои

Истилоҳи **«садукӣ»** аз номи рӯҳонии даври подшоҳии Сулаймон Садока (Садок) гирифта шудааст.

**Фарзиён** аз ибр.—«перушим»—бегона шудан, аз нопокон дур шудан.

Худо дахолат намекунанд, ҳар як инсон тақдирашро худаш месозад, мегӯянд.

Равияи фарзиҳо дар асри II-юми пеш аз милод ҳамчун эътиқод ва дар амал хилофи равияи садуқият пайдо шудааст. Дар фарқият аз садуқиҳо асоси фарзиҳоро намояндагони табақаи поён ва камбағалон ташкил мекунанд.



*Фарзиҳо*

Ин равия, ки риоя ба қоидаҳои дини яҳудиро сахт талаб менамояд, ба назорати Худо ба ҳар чиз, мавҷудияти иродаи ҳури ба банда хос, пас аз марг баргашта зинда шудан, ба банда хос, ҷаҳаннам, фариштаҳо, ҷазо ва мукофот асос меёбад.

Иссийим ё эссаниҳо як аз равияҳои классикие мебошад, ки дар як вақт бо садуқиҳо ва фарзиҳо пайдо



*Эссаниҳо*



*Осори хонаҳои эссаниҳо*

шудааст. Асосҳои эътиқоди эссаниҳо ба фарзиҳо наздик буда, онҳо тақдири азал, аз нав зиндашавӣ ва будани фариштаҳоро эътироф мекунанд. Масалан, бино ба таълимоти онҳо фариштаҳо—мавҷудоти муқаддас, ба «Писарони Осмон», ба амалҳояшон нигоҳ карда ба синфҳои «Шоҳи нурҳо», «Фариштаи зулмат», «Фариштаи озодӣ», «Мастемаҳ (шайтон)», «Фариштаҳои ҳимоягар» ҷудо мешаванд.

Бино ба ақидаи онҳо, пас аз вафоти инсон рӯҳи ӯ ба осмон баромада, рӯҳҳон нек ҳаёти абадии хуш мегузаронанд, рӯҳҳои бад ба хунукии қаҳратун афтода, дар азоб мемонанд.

Ҳасидиҳо (ибр. — «диндорон») дар чоряки якуми асри XVIII пайдо шудааст, он дар байни равияҳои асримиёнагӣ ҷои алоҳида дорад. Тарафдорони ин таълимот ба принсипи «ба моҳияти дин на бо ақл, балки ба воситаи ҳиссиёт расидан мумкин, дар қоидаҳои динӣ на омӯхтан, балки ҳиссиёт ва ахлоқ дар мақоми аввал меистад», амал мекунанд.

Ҳасидиҳо аз дигар равияҳо бо пӯшидани телпаки «штраймл» дар рӯзҳои шанбе ва ҷашнҳо фарқ мекунанд.



*Яҳудиёни пайрави ҳасидӣ бо телпаки «штраймл» дар сар*



*Яҳудиёни Бухоро дар ибтидои асри XX*



*Яҳудиёни Бухоро. Асри XXI*

Ҳасидиҳо ҳаракат мекунанд, то ки ҳамаи меъёрҳои ахлоқро дар ҳама соҳаҳои ҳаёт риоя намуда, амрҳои дар «Таврот» зикршударо бекаму кост иҷро кунанд.



*Яҳудиёни ислоҳотчӣ*

Равияи замонавии яҳудиёни ислоҳотӣ дар ибтидои асри XIX дар Германия пайдо шуда, дар ИМА пурра ташаккул ёфт. Барои пайдоиши ин равия даъвати яҳудиёни сокини Европаи Марказӣ оид ба мутобиқ шудани ҳамқавмонашон ба шароти маданияти кишваре, ки онҳо бояд зиндагӣ кунанд, асоси ғоявӣ шуда хизмат кард.

Хусусиятҳои хоси «Яҳудияи ислоҳотчӣ» аз он иборат аст, ки бино ба таълимоти он «акнун яҳудиён як халқ (миллат) набуда, фақат як ҷамоат ҳастанд, аз урфу одат, қоидаҳои қадими яҳудӣ фақат ба ҳаёти имрӯза муносибашро қабул бояд кунанд».

Масалан, ибодати рӯзи шанбе ба рӯзи якшанбе гузаронида шудааст, занон дар синагога баробари мардон

Ҳоло нуфуси яҳудиёни ислоҳотӣ дар Исроил тахминан аз 5-6 ҳазор нафар иборат бошад, дар ИМА он 40 фоизи яҳудиёни ин кишварро ташкил медиҳад.

*Синагога дар Ӯзбекистон*





*Девори гиря дар Қуддус*

истода ибодат намуданашон ва ба сифати рӯҳонӣ маросимро раҳбарӣ карданашон мумкин.

Ғайр аз ин, ҳангоми ибодат пӯшидани кулоҳ шарт нест. Ба намояндагони дигар дин ақди никоҳ манъ нест. Сарфи назар аз он ки аз волидайн яке яҳудӣ аст, фарзанд ҳам яҳудӣ ҳисоб мешавад.

Ҷавобан ба яҳудиёни ислоҳотчӣ яҳудиёни консерватив дар дин пайдо шудаанд. Бино ба ақидаи онҳо бо намояндагони дигар дин оила барпо кардан мумкни нест ва фарзанде, ки аз яҳудизан ба дунё омадааст, яҳудӣ ба ҳисоб меравад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар байни равияҳои дини яҳудӣ кадом ғояҳои умумӣ ва ба ҳам зид мавҷуд буданд?
2. Хусусиятҳои хоси дини яҳудиро гӯед.
3. Номҳои қадимии кӯҳи Турро муайян кунед. Харитаи паҳншавии ҷамоаҳои яҳудиро дар сар то сари дунё кашед.

# §8 ДИНИ БУДДОӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

Ба донишҳоятон аз фанни таърих такя намуда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Дини буддоӣ кай ва дар куҷо пайдо шудааст?
2. Оё медонед, имрӯз дар ин дин чӣ қадар одамон ибодат мекунанд?
3. Аз харитаи дунё кишварҳоеро, ки дини буддоӣ паҳн шудааст, нишон диҳед.
4. Чаро ин динро дини ҷаҳонӣ мегӯянд?
5. Ба кишвари мо дини буддоӣ кай даромада омадааст?
6. Аҳамияти Роҳи бузурги абрешимро дар паҳн шудани дини буддоӣ фаҳмонед.

## ДИНИ БУДДОӢ

Ин дин дар асрҳои VI-V пеш аз милод дар Ҳиндустони Шимолӣ пайдо шуду дере нагузашта дар самти шарқ паҳн шуд. Ривоят мекунанд, ки пас аз вафоти Буддо ҷасади вай сӯзонида, хокаш ба ҳашт ҷамоаи буддавиҳо фиристода шуд. Дар ҷои дафни хоки вай ступаҳои (гумбазҳои) буддоӣ барпо карда шуданд.



*Ҳайкали Буддо дар Хитой*

Дини буддоӣ дар ватани пайдоишаш Ҳиндустон зери таъсири дини ҳиндувон ба дигар кишварҳо паҳн шуда, ба дараҷаи дини ҷаҳонӣ баромад.

Дини буддоӣ дар асри I- уми милодӣ ба хитой, дар асри IV ба Корея, дар асри VI ба Япония, дар асри VII ба Тибет, аз асри XIII то XVI ба Муғулистон, аз асри XVII то XVIII ба Бурятия ва Тува, дар асрҳои XIX-XX ба қитъаҳои Америка ва Европа даромада омад.

## БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ ОМАДАНИ ДИНИ БУДДОӢ



*Ибодатхонаи зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ. Асрҳои II-IV. Қаротеппа.*

Дини буддоӣ дар ҷануби Ӯзбекистон дар таърихи даври қадим ва асрҳои миёнаи барвақт нақши бузург гузоштааст. Пайдо шудани ёдгориҳои маданияти буддоӣ дар кишварамон ва омӯхтани онҳо, асарҳои баландғояи бадеӣ ҳам ба шумо аз дарсҳои таърих маълум аст.

Ёдгориҳои машҳури қадимтарини буддавӣ ба асрҳои III-I мансуб аст. Дар ибтидои асри VII дар Тирмиз 10-то монастири (сангарама) буддоӣ (буддавӣ) ва ҳазор нафар роҳиб будааст. Дар асрҳои V-VIII дар Осиёи Марказӣ ҷои буддавиро дини ислом ишғол кард.

Соли 1927 дар Тирмизи қадим мавҷудияти ёдгориҳои ноёби оид ба дини буддоӣ муайян карда шуд. Дар натиҷаи корҳои экспедитсияи маҷмӯии бостон-



*Ступаи пойтахти қадимии Шри-Ланка Анурадхапура*

шиносии Тирмиз (ЭМБТ) дар баландиҳои Қаротепа ва Чингизтеппа мавҷуд будани дуто монастири калони буддоӣ аниқ гардид ва порчаҳои меъмории юнонию буддавӣ ва ҳайкалҳо дар даҳҳо ҷойҳо ёфта шуданд.



Ҳайкалчаи тиллоии аз Айритом ёфташуда

**Айритом.** Айритом дар масофаи 7 километр аз Тирмиз, дар соҳили рости Амударё ҷой гирифтааст.

Дар тарафи шарқии ин шаҳри бостонӣ шабеҳи ступаи буддоӣ вайронаҳои бинои манорашакли аз хишти хом сохташуда мавҷуд аст.

Соли 1933 бостоншинос Михаил Евгеневич Массон осори ин бинои аз хишти хом сохташуда, аз дохили он ҳайкал, карнизҳои сангин, чизҳои меъморӣ, ёдгориҳои сангӣ, плитаҳои сангии ҳошияноки ҳайкалҳои мусиқинавозон ва мутафаккирон, шаклҳои эҳсон овардагон ёфт шуданд.



Ёдгориҳои Айритом

**Қаротепа.** Ин баландӣ маркази калонтарини рӯҳониёни буддоӣ ба ҳисоб меравад ва дар зери ҳимояи девори берунии Тирмизи даври империяи Кӯшон, берун аз шаҳр ҷой гирифтааст.

### БАРОИ МАЪЛУМОТ

*Вобаста бо ҳаёти Буддо бисёр воқеаҳои афсонамонанд боқӣ мондаанд. Хусусан, бино ба яке аз ривоятҳо, Буддо 84 маротиба дар қиёфаи рӯҳонӣ, 58 маротиба шоҳ, 24 маротиба роҳиб, 13 маротиба савдогар, 18 маротиба маймун, 12 маротиба мурғ, 8 маротиба ғоз, 6 маротиба фил, инчунин 550 маротиба чун моҳӣ, қурбоққа, каламуш, харгӯш зинда шуда, аз нав таваллуд гардидааст. Худоҳо охирин бор барои он, ки инсониятро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад, ба вай қиёфаи инсонро дода будаанд.*



*Буддо. Қаротеппа. Асри III*

Дар натиҷаи тадқиқоти соли 1961 се қабати биноҳои Қаротеппа аниқ карда ёфта шуданд. Се қисми маҷмӯаи асосӣ аз ғарб ва шарқ дуруст ёфта шуданд. Дар ҳавлии махсус ступаи тимсоли қабри Буддо гузошта шудааст.

**Фаёзтеппа.** Ҳаштод метр дар самти шарқ аз Қаротеппа маҷмӯаи ибодатхона-монастири Фаёзтеппа аниқ карда шуд. Ибодатхонаи Фаёзтеппа шакли чоркунҷа дорад.

Бино ба се қисми баробар ҷудо шудааст. Ҳар кадоме ҳавлии дохилӣ дорад. Дар як қисми истиқоматии он монастир (роҳибхона) ҷой гирифтааст. Дар он роҳибон зиндагӣ кардаанд. Ғайр аз он ҷои хӯрокхӯрӣ, ошхона, хонаи нонпазӣ мавҷуд будааст. Хонаи сеюм хонаи марказӣ буда, деворҳои он аз хишти хом ва пахса бино гардида, бо лойи коҳдор андова шудааст.



*Буддо. Далварзинтеппа. Асри III*

**Далварзинтеппа.** Дар ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарё ҷой гирифтааст. Ин ёдгории мансуб ба дини буддоӣ соли 1962 муайян карда шуд. Берун аз ин шаҳр низ боз як ибодатхонаи буддоӣ, ускунаҳои шаробтайёркунӣ ва ҷои дафн ёфта шудааст.

Аз ин шаҳрак бори аввал аз ҳудуди Осиёи Марказӣ ҳайкалчаҳои лойини пурра нигоҳдоштаи Буддо ва боз дигар ҳайкалчаҳо, чизҳои ороишӣ, анҷомҳои маросими динӣ ва тангаҳо пайдо карда шуданд.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Аз кай сар карда дини буддоӣ ба Осиёи Марказӣ паҳн шуд?
2. Дар ин давр халқҳои Осиёи Марказӣ ба кадом дин эътиқод доштанд?
3. Дар асоси адабиёти иловагӣ оид ба ҳаёти мадании ҳудудҳои паҳншудаи дини буддоӣ дар кишварамон маълумот гирд оваред.

Ҳайкали ростистодаи Буддо нағз ҳифз шудааст: пойҳои вай болои таҳкурсии хиштин мустаҳкам истодааст, қисмҳои пеши либосаш аниқ, ҳамааш ранги сурх дода шудааст. Қисми поёнии мӯйи Буддо асосан сиёҳ, болояш сурх, бо ин ранг абрӯ ва гавҳараки чашм кашида шудааст.




*Тангаи мансуб ба даври шоҳ Хувишка*

**Қува.** Соли 1957 дар харобаҳои шаҳри Қуваи водии Фарғона осори ибодатхонаи буддоии дорои намунаҳои аҷиби меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ ёфт шуд. Ин материалҳо дар асри VII аз хусуси дар вилояти Фарғона васеъ паҳн шудани дини буддоӣ дарак медиҳанд.

Дар ин давр дар дигар ҳудудҳои Осиёи Марказӣ дини зардуштӣ, хусусан шакли анъанаҳои динии маҳаллиро дар худ таҷассуснамуда ҳукмрон буд. Ҳоло дар диёрамон равияи ламаизми буддоӣ паҳн шудааст.



*Бодхисатва, Фаёзтепа, асрҳои I-II-юми пеш аз милод*



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар асрҳои I-III пеш аз милод дар ҷануби Ӯзбекистон кадом давлат фаъолият дошт?
2. Дар ин давр кадом подшоҳ ҳукмронӣ кардааст?
3. Чаро дини буддоӣ ба дини давлатӣ табдил шуд?
4. Дар асоси расмҳои мазкур барои эзоҳ додани муносибати давлати он давр ба дини буддоӣ ҳаракат намоед
5. Аз китоби А.Зиё «O‘zbek davlatchiligining shakllanishi» («Ташаккули давлатдории ӯзбек») оид ба империяи Кӯшон ва дини буддоӣ маълумот ёбед.

# §9 ТАЪЛИМОТИ БУДДОӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Барои ба дини ҷаҳонӣ табдилёбии ягон дин чиҳо сабаб шудаанд?
2. Таълимоти буддоӣ чаро дар саросари дунё васеъ паҳн шуд?
3. Дар филмҳои бадеие, ки шумо дидаед, оиди роҳибони буддо ҳикояҳо ҷой гирифтаанд? Оид ба риояи меъёрҳои хулқу одоб аз тарафи роҳибон фикр кунед.



*Бодхисатва, Далварзинтеппа, асри III*

Мувофиқи қоида ҳар як миллат ба забони худаш таълимоти Буддоро хонда, омӯхтанаш мумкин. Ин яке аз сабабҳои дар ҳудудҳои гуногун паҳн шудани таълимоти Буддо шуд. Дар асри якуми милодӣ дини буддоӣ тамоман равияи дигар гирифт. Буддо илоҳӣ гардонда шуда, баробари Худо дониста шуд ва мардум ба он саҷда меовардагӣ шуданд.

## МАТНҲОИ МУҚАДДАС ДАР ДИНИ БУДДОӢ

Сарчашмаи муқаддаси буддоӣ «Трипитака» (аз санскрит «Се сабад доноӣ») аз се фасл иборат аст. Фасли якум — «Виная-питака» (аз санскрит «Китоби меъёрҳои ахлоқ») тартиби ба ҷамоаи буддавиҳо — «сангха» дохил шудан, ахлоқи роҳибон ва қоидаҳои риояи нишондодҳои динӣ ва тафсилоти ҷазоҳо ҳангоми амал накардан ба он қоидаҳоро дар бар мегирад.

Фасли дуюм — «Сутта-питака» (аз санскритии «Китоби дуоҳо») буда, аз ҷиҳати ҳаҷм калонтарин аст. Дар он асосан дар бораи «Чор ҳақиқати аслӣ» сухан меравад. Аз забони шогирдони таълимоти Буддо масал, суҳбат, насиҳат, афсона, суханони ҳикматнок, достонҳо баён шудаанд. Инчунин, дар ин фасл оид ба сохтори ҷамоаи Буддо («сангха») ва шогирдони вай маълумот гирд оварда шудааст.

Фасли сеюм — «Абхидхарма-питака» (аз санскритии «Китоби масъалаҳои динию фалсафӣ») аст. Дар он қоидаҳои асосии таълимоти динӣ ифода ёфта, мазмуну моҳияти фалсафии ин дин талқин шудааст. Аз сабаби он, ки услуби навишти матн ва забон мураккаб аст, роҳибони ин дин таълимотро фақат аз устодонашон омӯхтаанд.

Ба матнҳои «Трипитака» бо мурури вақт тағйирот, ислоҳ ва иловаҳо дохил кардаанд. Ин гуна дигаргуниҳо барои пайдоиши равияҳои ба худ хос дар дини буддоӣ сабаб шуд.

Матни аввалини «Трипитака» ба забони санскритӣ навишта шудааст, баъди нобуд шудани матн намунаҳои он, ки ба забонҳои тибетӣ, хитоӣ ва японӣ тарҷума шудаанд, истифода гаштаанд. Сарчашмаҳои буддоии мазмунан аз назарҳои фалсафии «веда» (аз санскрит—дониши муқаддас) ва браҳманӣ холӣ бо талқини услуби

*Буддо ба воситаи дониш аз азобу уқубат наҷот ёфтанро таълим додааст. Бино ба фикри донишмандони буддоӣ ҳар як инсон бо бисёр корҳои хайраш ба Буддо табдил ёфтанаш мумкин будааст.*



*Рамзи дини буддоӣ «Дҳармачакра». Онро «Чархи қонун» ҳам мегӯянд.*

«Нирвана» аз санскрит—«хомӯш кардан», «пажмурдагӣ»,
«рупалока» аз санскрит—«ҷаннат»,
«камалока» аз сансрит—«дӯзах», «одамони аз ҳама паст»,
«Трипитака» аз санскрит—«Се сабад доноӣ».

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед ва оид ба асоси таълимоти буддоӣ фикр ронед.

*Бино ба фикри Буддо инсон бояд ба «Панча шила» (аз санскритии—панҷ насиҳат») амал карда, аз қотилӣ, дуздӣ, гумроҳӣ, сухани дурӯғ, аз чизҳои масткунанда парҳез намояд.*

*Бадхисатва инсонест, ки ба нирвана расидааст, лекин ба туфайли муҳаббаташ ба мавҷудоти ҷондор аз он даст кашидааст.*

оммабоб дар байни мардуми оддӣ фаҳмо буд. Масалан, «маҳаяна» айнан бо ҳамин хусусияташ паҳн шудани буддоиро дар Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубиу Шарқӣ таъмин кардааст. Аз асри аввали милодӣ сар карда ин дин то сарҳадоти Хитой, Корея, Япония, Шри-Ланка, Бирма, Таиланд, Ветнам, Камбоҷа, Лаос расидааст.

84 ҳазор насиҳати Буддо дар «Кангюр» иборат аз 108 ҷилд, талқину тафсири он аз 225 ҷилд дар китобхои «Тенгюр» инъикос ёфтааст. Инчунин, асари «Махавосу», ки ба ҳаёти Буддо бахшида шуда, дар асри II –юми милодӣ навишта шудааст, «Лалитавистара» («Ҳаёти Буддо», асрҳои II-III милодӣ), «Буддхачарита» (асрҳои I-II милодӣ), ки файласуфи буддоӣ Ашвагхоча навиштааст, «Абнихичкрамансутра» ва «Ниданакатха», «Дхаммапада» «Роҳи Дхарма», «Ғояҳои Буддо», асри I -уми милодӣ) барин асарҳо сарчашмаҳои муҳими буддоӣ ба шумор меравaнд.

*Бино ба ривоятҳо баъд аз сари Буддо ҷасадаш дар оташ сӯзонида мешавад. Яке аз шогирдони Буддо дандони вайро меёбад ва ин дандон дар ибодатхона маҳфуз мешавад. «Дандони Буддо» дар зери ибодатхона, дар зангӯлаи нуқрагин даруни зарфи тиллоӣ нигоҳ дошта мешавад.*

## РАВИЯҲОИ БУДДОӢ

Баъд аз марги Буддо байни шогирдони ӯ ҷудоӣ ба вуҷуд омад.

**Хинаяна** (санскритии аробаи худд) — равия аст, ки дар баробари риоя ба назарияҳои анъанавӣ барои ба таълимоти Буддо пайдарҳамии қатъии мантиқӣ бахшидан кӯшиш кард. Яке аз равияҳои аввалини Буддоӣ ёфтани роҳи танги наҷот — хинаяна дар асри I-уми пеш аз милод пайдо шуда, қоидаҳои асосии он дар «Трипитака» баён шудаанд.

Дар хинаяна «саҷда ба дандони Буддо», зиёрати ҷойҳои муқаддас барин маросимҳои бодабдаба пайдо шудааст. Ҷои муқаддаси буддоиҳо Шри-Ланка буда, ба ин ҷо аз кишварҳои гуногун ба зиёрат меоянд. Дар пойтахти аввалаи Шри-Ланка — шаҳри Канди ибодатхонаи дар дунё машҳури «Дандони Буддо» ҷой гирифтааст.

Равияи **маҳаяна** (аз санскрит — чархи калон) таълимоти Буддоро пурра ислоҳ кард. Ба Буддо тамоили илоҳӣ

*«Агар хоҳӣ, ки ба ту озоре нарасад, ба дигарон озор мадеҳ, агар касеро озор диҳӣ, ба ту ҳам озор мерасад. Ҳирсу ҳавас сабабгори ҳамаи бадбахтиҳо аст».*

***Буддо***

*Ибодатхонаи буддоӣ дар Тошканд*



дода, маросими динӣ ва ибодатҳоро ҷорӣ кард. Ба арзишҳои маҳаллӣ ва дигар динҳо омехта шудани ин равияҳо боиси пайдоиши равияҳои дигар аз қабили ламаизм, ваҷраяна, дзен (чан) буддизм, тянтай, дхиана гардид. Дар «маҳаяна» барои ба худоҳо расидан мумкин будани ҳамаи роҳҳо барои «Аробаи калон» ном гирифтани вай сабаб шуд.



*Буддо бо роҳибон. Фаёзтепа. Асрҳои I-II.*

**Дзен буддизм.** Яке аз мактабҳое, ки бар асоси равияи маҳаяна дар асрҳои V-VI дар Хитой пайдо шудааст. Асосгузори он роҳиби афсонавӣ Бодхидхарма аст. Хусусиятҳои асосии «дзен» (аз лотинӣ-медитатсия, фикрро ҷамъ кардан, мушоҳидаи бодиққат)-и буддизм аз он иборат аст, ки дар он аз назария дида ба амалиёт, ба ҷои азёдкунии насиҳати динӣ ва қоидаҳо ба мушоҳида эътибори махсус дода мешавад.

*Домони донишмандеро, ки камбудӣ ва нуқсонҳои туро нишон дода, насиҳат мекунад, маҳкам дор. Зеро он зот ба раҳнамое монанд аст, ки туро ба хазина ҳидоят мекунад ва ту ҳеҷ гоҳе кам намешавӣ.*

***Буддо***



Дзен буддистҳо ба шуғли меҳнати ҷисмонӣ, намудҳои санъат аҳамияти калон медиҳанд. Дар ин равия ба масъалаи аз олам «канда» шуда, аз ташвишҳои абадӣ дур гашта, фикрро ба як нуқта ҷамъ кардан эътибори махсус дода мешавад.

Ҳоло дар дунё беш аз 10 миллион нафар дзен буддистҳо буда, 85 фоизашон дар Япония зиндагӣ мекунанд. Дар Япония ибодатхонаҳои дзен ба марказҳои динӣ, сиёсӣ ва маданӣ табдил ёфта, ба тафаккур, тарзи зистан, фаъолияти ҷавонон таъсири калон мерасонанд. Хусусан, санъати дзен ба яке аз анъанаҳои мадании Хитой ва Япония мубаддал гаштааст.

**Ламаизм** (аз тибетӣ — аз ҳама бузург) дар асрҳои VII-XIV зери таъсири равияи маҳаяна дар Тибет пайдо шудааст. Ҳамаи қоидаҳо ва талабҳое, ки дар «Кангюр» ва «Тенгюр» баён шудаанд, асоси эътиқоди ламаизмро ташкил мекунанд. Бино ба таълимоти ламаизм инсон танҳо бо ёрии ламаҳо наҷот меёбанд, аз гуноҳҳо фориғ шуда, бе кӯмаки онҳо касе вориди биҳишт намешавад.

Дар таълимоти ламаизм ба замин баргаштани Буддо ва дар дунё тантана кардани адолат ҷои махсус дорад. Бе чуну чаро итоат кардан ба ламаҳо, ки намояндаи худоҳо дар замин мебошанд ва ба ҳокимияти дунёвӣ сар фуровардан, бодабдаба гузаронидани ибодат ва расму оинҳо, талқини театрии китобҳои муқаддас ба ламаизм хос аст. Куштани одам, дуздӣ, дурӯғгӯӣ, туҳмат, пургӯӣ, чашмгуруснагӣ, хамёза кашидан, зино кардан дар ламаизм гуноҳи вазнин ба ҳисоб меравад.



*Далай-Лама*

Ламаизм дини асосии тибетиҳо аст. Дар Тибет беш аз 3000 ибодатхонаи буддавӣ мавҷуд аст. Ламаизм дар ҳудудҳои Бурятия, Тува, Олтойи Россия ҳам васеъ паҳн шудааст.

**Необуддизм** дар солҳои 40-50-уми асри XX васеъ паҳн шуда, он бо ҳаракати миллию озодихоҳии Бирма, Таиланд, Лаос, Ветнам вобаста аст. Асоси таълимоти онро тарғиби ғояҳои бунёдкории ҷавобгӯи талабҳои замони нав ташкил мекунад. Беаҳамиятии ақлу идрок, наҷотгарии дин эътироф шуда, дар тарғиби ғояҳои буддизм аз усулҳои назарияи дониш истифода мешавад. Равияи необуддизми дар ҳаракати миллию озодихоҳӣ фаъол ба пурзӯршавии ҳаракати динию ислоҳотӣ таъсири калон расондааст.



*Раҳнамои олии ламаизм Далай-Лама (аз тибетӣ — ламаи мисли баҳр бузург) бузургтарин мавҷудоти таваллудшуда, намуди «бодҳисатва» дар Замин, худои зинда ба ҳисоб меравад.*



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. «Типитака» номгузорӣ шудани манбаи асосии буддоӣ чӣ маъно дорад?
2. Ҷиҳатҳои хос ва умумии равияҳои таълимоти буддоиро гуфта диҳед.
3. «Инсон мавҷудоти ба худ хос шуда таваллуд мешавад, худашро ҳалок мекунад ё наҷот медиҳад». Аз ин матн оид ба ибораи «худашро ҳалок мекунад» мисолҳои ҳаётӣ оред.

# §10 НАСРОНИЯТ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Дар бораи дини насронӣ чиҳо медонед?
2. Зери ибораи «Таҳаммули динии хоси халқамон» чиҳоро мефаҳмед? Фикратонро дар асоси мисолҳо эзоҳ диҳед.
3. Ин матнро хонед ва барои эзоҳ додани мафҳумҳои «сабру тоқати этникӣ», «таҳаммул», «муросо» дар ҳаёти халқамон то чӣ андоза ҷой дорад, ҳаракат кунед.

*«Сабру тоқати этникӣ, таҳаммул барои амон мондан аз тӯфонҳои ҳаёт ва барои инкишоф ба меъёрҳои табиӣ табдил ёфт» (Ислом Каримов).*



*Исои Масеҳ*

## ПАЙДОИШИ НАСРОНӢ

Дини насронӣ, ки дар асри I милодӣ дар Фаластин пайдо шудааст. Ҳоло аз рӯи нуфуси эътиқодмандон дар дунё ҷои аввалро гирифтааст. Қариб 2 миллиард нафар аҳолии дунё ба ин дин эътиқод доранд.

Пайдоиши таълимоти насронӣ ба шахсияти Исои Масеҳ нисбат дода мешавад. Оид ба Исо дар илм нуқтаи назари мифологӣ ва таърихӣ мавҷуд аст.

Тарафдорони нуқтаи назари мифологӣ мегӯянд, ки илм дар бораи шахси таърихӣ будани Исои Масеҳ маълумоти боваринок нест. Онҳо боз таъкид мекунанд, ки насроният берун аз Фаластин ба вуҷуд омадааст. Инчунин аз ин хусус дар Инҷил зиддиятҳо ва талқини гуногун мавҷуд буданашро қайд мекунанд.

Намояндагони нуқтаи назари таърихӣ бар онанд, ки Исои Масеҳ шахси таърихӣ буда, асосҳои таълимоти насрониро ташаккул дода, дини навро тарғиб кардааст.

Онҳо зимнан ба манбаъҳои таърихӣ мурочиат мекунанд. Масалан, яке аз чунин манбаъҳо китоби «Қадимиятҳо»-и Иосиф Флавий аст. Дар боби ба прокуратори Рим Понтий Пилат бахшидашуда аз хусуси Исо дини навро тарғиб карданаш ва ба он аксар яҳудиён ва юнониҳо пайравӣ намуданашон ҳикоя карда шудааст. Ҳангоми сафарҳои Исо аксар одамон ба ӯ шогирд шудаанд. Онҳоро ҳавориҳо (аз юнонӣ «apostol» — ёрдамчӣ») номидаанд.

*Маълумотҳо доир ба Исои Масеҳ асосан дар манбаъҳои динӣ оварда шудаанд. Калимаи «Масеҳ»-е, ки ба Исо илова шудааст, аз забони қадимии яҳудӣ «мошиах» гирифта шуда, маънои «навозишшуда»-ро дорад.*

Бино ба таълимоти насронӣ даъвати Исо зери таъқиби аксар ҳукмдорон, сарварони қабила ва рӯҳониёни яҳудӣ қарор мегирад. Бар оқибати хиёнати яке аз шогирдонаш Иуда Искариот Исои Масеҳ дар синни 33-солагиаш ба фитнаангезӣ айбдор мешавад. Бино ба манбаъҳои насронӣ, Исо бино ба талаби рӯҳониён дар пеши назари мардум дар баландии Голдофа дар са-



*Исои Масеҳ ва 12 нафар шогирдони ҳаворӣ*

либ (крест) бо мех овехта мешавад. Таълимоти вайро ҳавориҳо давом медиҳанд ва аксари одамон ба дини насронӣ ҷалб мешаванд. Табақаҳои ҳукмрон ҳам бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияташон дини насрониро қабул мекунанд.

## НАСРОНИҲОИ НАХУСТИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ



*Марв*

Дини насронӣ ба Осиёи Марказӣ, хусусан ба Ўзбекистон бо ду роҳ даромада омадааст. Роҳи якум, ҳаракати тарғиботии миссионерони насронӣ бошад, роҳи дигар аз тарафи Россия забт шудани минтақа ва афзудани шумораи аҳолии эътиқодмандони дини насронӣ будааст.

Дар асрҳои III-V насроният дар байни қабилаҳои кўчманчии туркӣ ҳам машҳур шудааст. Онҳоро ба ин дин епископ Илия даъват карда, ба номи «апостоли туркиҳо» сазовор гаштааст.

Ба Эрон, баъдтар ба Осиёи Марказӣ паҳншавии насроният ба зери фишор гирифта шудани вакилони ин

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матнро хонед ва дар бораи таҳаммули динӣ дар асрҳои миёна мулоҳиза ронед.

*«Насрониҳо дар кишварҳои мусулмонӣ бо табибӣ машғул шуда, дар лавозимҳои баланд кор кардаанд. Табиби машҳури насронӣ Алӣ ибни Саҳл Раббаӣ соли 808 таваллуд шудааст, падараш котиби ҳокими Марв буд. Раббаӣ файласуф ва математик ҳам буд, асари «Алмагест»-и Афлотунро аз юнонӣ тарҷума кардааст. Баъд аз ин ба ў унвони «Раббаӣ»—омўзгорро додаанд».*

**Ҷуғрофидони араб ал-Киндӣ**

дин дар Византия, сонитар шоҳони Сосонӣ низ вобаста аст.

Дар ибтидои асри IV дар Марв епископӣ, дар ибтидои асри V митрополия ташкил шуд. Ибодатхона ва монастирҳои гуногун дар ҳудудҳои дуру наздики митрополия фаъолияти худро бе ҳеҷ гуна мамониат давом медоданд.



*Россия, солҳои 1930*

**Митрополияҳо.** Дар Суғди қадим намояндагони насронӣ бе ягон зиддият, озодона эътиқод ва маросимҳои динии худро ба амал мебароварданд. Масалан, дар ин давр дар Ургут калисои насронӣ, ибодатхонаҳои зардуштӣ ва буддоӣ фаъолият доштанд.

Дар асри VIII, замоне, ки Мовароуннаҳр ба таркиби хилофати араб дохил шуда буд, дар ҷамъияти мусулмонӣ насрониҳо нисбат ба намояндагони дигар динҳо имтиёзҳо доштанд, ба лавозимҳои баланд фаъолият мекарданд.

*Дуздӣ накун, бо дастони худ меҳнати муфид кун ва ба муҳтоҷон ёрӣ расон.*

***Библия***

Дар миёнаҳои асри X гарчанде дар Осиёи Миёна дини ислом васеъ паҳн шуда буд, калисои насронии Ургут хеле инкишоф ёфт. Ҷуғрофидони араб Абӯмуҳаммад Қосим ибни Ҳавқал онро монастири (роҳибхона) калони соҳиби замину мулки зиёд гуфта таъриф кардааст.

Дар давлати Амир Темур ҳам муҳити таҳаммули динӣ мавҷуд буд. Бино ба таъкиди сафири Кастилия дар Самарқанд намояндагони динҳои гуногун ме-

Дар нимаю дуюми асри XX дар майдони Регистони Самарқанд дар натиҷаи тадқиқотҳои бостоншиносӣ (археологӣ) якчанд қабр пайдо шуд, ки мувофиқи анъанаҳои насронӣ дафн карда шуда буд. Дар Пастдарғом бостоншиносон аз тобути бо чӯб сохта майитеро ёфтанд, ки бо либос ва салиби тиллоӣ дафн шудааст.

зистанд. Дар ҳудуди Винкерди вилояти Ҷиззах дар деворҳои ғор оид ба таърихи насронӣ, суратҳо бо ифодаи овони кӯдакии Исои Масеҳ ҳаст.

Дар асри XIX ба ҳудудҳои шимолии Туркистон омадани насрониҳо бо истилои кишвар аз тарафи Россияи подшоҳӣ вобаста аст. Дар таркиби лашкар рӯҳониён низ буданд. Бо мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти динии аскарон ибодатхонахои сайёр ташкил шуда буд. Соли 1850 дар Копал нахустин ибодатхонаи муқим бунёд шуд. Соли 1871 фармони императори Россия дар бораи ташкил кардани епархияи Тошканд ва Туркистон имзо шуд. Аксари калисоҳои аввалин оддӣ, бе зангӯла буданд. Афзоиши насрониҳо дар охири асри XIX ба бунёд шудани калисоҳои замонавии калон оварда расонд.



*Мусодира шудани калисоҳо баъд аз соли 1917*

Ба омадани намояндагони равияҳои католикӣ ва протестантӣ ба Осиёи Марказӣ бинобар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба кишвари Туркистон бадарға карда шудани аскарони европоӣ: немисҳо, полякҳо, эстонҳо, шведҳо, литвониҳо, латишҳо ва дигари асирафтода сабаб шудааст.

Ин дар навбати худ барои ташкили ҷамоаҳои динӣ дар байни асирон ва пайдоиши калисоҳо оварда

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар СССР солҳои 1920-1930 қариб ҳамаи ибодатхонаҳои католикӣ баста шуд. Соли 1930 ба фаъолияти калисои протестантии Лютеран хотима гузошта шуд. Расму оинҳои калисои насронӣ поймол гардид.

27-уми октябри соли 1917 дар Съезди II- Умумироссия декрет дар бораи замин қабул шуд. Мувофиқи он заминҳои калисо мусодира гардид.

расонд. Нахустин калисои католикӣ дар Тошканд соли 1917 бунёд шуд.

Муносибати бешафқатонаи ҳукумати шӯро нисбат ба дину диндорон намояндагони дигар динҳоро дар канор нагузошт. Соли 1920 аввал ба калисои православи рус хуҷум сар шуд. Ҳазорон рӯҳониёни православ парронда шуда, ба ҳабс гирифта, бадарға гардиданд. Хизматчиёни динӣ ва роҳибон ба тазйиқ дучор шуданд. Чандин ибодатхонаҳо нобуд гардида, иконаҳо ва китобҳои калисоҳо ба оташ партофта шуданд.

Солҳои 1920-1930 қариб ҳамаи ибодатхонаҳои католикӣ баста шуд. Соли 1930 дар СССР ба фаъолияти калисои протестантии Лютеран хотима гузошта шуд. Расму оинҳои калисои насронӣ поймол гардид. Соли 1931 Библияи Гутенберг (асри XV) аз тарафи ҳукумати шӯро дар аукциони Лондон фурӯхта шуд. Ин Библияро Иоганн Гутенберг соли 1450 дар 180 нусха чоп карда, танҳо 47 нусхаи он боқӣ монда буд.



*Вайрон кардани ибодатхонаҳо*



*Москва, тарконидани ибодатхонаи Исои Масеҳ, соли 1931.*



*Иоганн Гутенберг*

Вазъияти Ҷанги дуюми ҷаҳониро ба инобат гирифта, ҳукумати шӯро соли 1943 дар назди Вазорати корҳои дохилӣ намояндагии корҳои калисои православии Русро, соли 1944 барои ҳамаи динҳо Намояндагии масъул оид ба корҳои динро ташкил кард. Калисо ва ибодатхонаҳои ҳудудҳои Россия ба Синод (идораи раҳбарикунандаи калисои православӣ) баргардонида шуд. Лекин ин масъала дер давом накард, ҷанг тамом шуду тазйиқи ҳукумати шӯро ба диндорон авҷ гирифт. Репрессияи диндорон ва тарғиботи зиддидинӣ боз сар шуд. Диндорони ҳудудҳои баргардонидашуда табъид шуданд. Ғояи «Дин афюн аст» ба авҷаш баромад.

Бо шарофати истиқлолият дар Ӯзбекистон барои ҳифзи арзишҳои мансуб ба динҳои гуногун, эътиқоди озодонаи ҳамаи шаҳрвандон шароити зарурӣ фароҳам оварда шуд. Аз ҷумла, октябри соли 1995 дар шаҳри Тошканд зери шиори «Тахти як осмон» анҷумани байналмилалии мусулмонҳо ва насрониҳо баргузор гардид.


1
*Миёнаҳои асри XX*


2
*Охири асри XX*


3
*Ибтидои асри XX*


4
*Охири асри XX*



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Матни зеринро хонед. Дар бораи таҳаммули динӣ мулоҳиза ронед.
2. Ба расмҳои додашуда эзоҳ диҳед. Расмҳои 1 ва 2, 3 ва 4 чӣ гуна умумият доранд?
3. Расмҳои 2 ва 4-умро вобаста бо моддаҳои 4, 31, 49-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон фаҳмонед.

# §11–12 ТАЪЛИМОТИ НАСРОНӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Харитаи дар дунё паҳншавии дини насрониро кашед.
2. Дини насронӣ аввал дар куҷо паҳн шудааст?
3. Шароити таърихиро, ки дини насрониро ба дини ҷаҳонӣ баровардааст, муайян кунед.
4. Аввалин ҷудоиҳо дар дини насронӣ кай содир шуд, сабабҳои таърихии он чӣ буд?

## МАНБАЪҲО ВА МАРОСИМҲОИ МУҚАДДАСАШ



*«Библия»*

Манбаи муқаддаси дини насронӣ «Библия» (аз юнонӣ — «китобҳо»), ки аз ду қисм «Аҳди Қадим», «Аҳди Нав» иборат аст, ба ҳисоб меравад.

«Аҳди Қадим» «Таврот», «Забур» ва боз чандин китоб ва мадҳияҳоро дар бар гирифта, ҷамъ аз 39 китоб ё фасл иборат аст.

Бино ба «Библия» Исои Масеҳ дар даъватҳояш мегӯяд, ки ӯро Худо барои огоҳ намудани халқ аз наздикшавии охирзамон фиристодааст. Мардумро ба шустани гуноҳҳо, тавба ва ба роҳи дуруст даъват мекунад. Вай муъҷизаҳо нишон дода, одамонро даво менамояд.

Соли 313-уми милодӣ император Константин ба епископҳо фармон медиҳад, ки насиҳатҳои Исоро ҷамъ карда, ба ҳолати китоб оранд. «Аҳди нав», ки таърихи дини насрониро дар бар гирифтааст, баъди вафоти Константин дар ҷамъомади Карфаген тасдиқ карда мешавад.



*Собори якуми умумиҷаҳонӣ соли 325 дар шаҳри Никея гузашт, дар он маҷмӯи ақидаҳо--асоси таълимоти насрониро, ки тимсоли эътиқод ном гирифт, қабул шуд. Китоби муқаддас бо ривоятҳои муқаддас (мактубҳои папаҳо ва қарорҳои соборҳои насронӣ) мукаммал карда шуд.*

*Афтидани Империяи ғарбии Рим*



Аз асри IV сар карда калисои насронӣ рӯҳониёни олитабақаро ба ҷамъомади умумиҷаҳонии соборҳо чеғ мезанад. Дар ин ҷамъомадҳо тартиби таълимоти динӣ таҳия ва тасдиқ мешавад. Қоидаҳои меъёрҳои қонунӣ ва тартиби ибодатхо таҳия мегардад, усулҳои мубориза бар зидди бидъат муқаррар мешавад.

Бино ба таълимоти насронӣ дар як қатор маросимҳо Рӯҳи муқаддас иштирок мекунад ва айнан аз ин сабаб онҳо асроромез ном гирифтаанд. Ба ин маросимҳо таъмид (ба насронӣ даромадан), евхаристия (нон ва вино тановул кардан), унвони динӣ додан, тавба кардан, миро, рӯғани елей молидан ва никоҳ медароянд.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Баъд аз афтидани Империяи ғарбии Рим (соли 476) ҳокимияти дунёвии Рим ба дасти калисо гузашт. Аз он вақт инҷониб епископи Рим унвони Папаи Римро гирифт.

Аз сабаби он ки дар қисми шарқии империя—Византия ҳокимияти пурзӯри император боқӣ монд, калисо тобеи император шуд. Дар натиҷа калисои Рим калисои Константинополро ба худ тобеъ карда натавонист. Ба калисоҳои католикӣ ва православӣ тақсим шудани калисои насронӣ натиҷаи рақобати байни Папаи Рим ва патриархи Константинопол барои сарварии олами насронӣ мебошад.

## РАВИЯҲОИ НАСРОНӢ

Соли 1054 дар натиҷаи рӯй додани ҷудошавии насронӣ калисоҳои православӣ (насронии шарқӣ) ва католикӣ (насронии ғарбӣ) ба вуҷуд омад.

Православие, ки таърихан ба сифати равияи шарқии насронӣ ташаккул ёфтааст, асосан дар Европаи Шарқӣ, Шарқи Наздик ва кишварҳои нимҷазираи Балкан паҳн шудааст.

Асосҳои таълимоти православиро Китоби муқаддас (Библия) ва Ривоятҳои муқаддас ташкил мекунанд. Дар православия маросимҳои асроромез нақши муҳим доранд. Бино ба таълимоти калисо, дар давоми онҳо аз тарафи Худо савобҳои алоҳида нозил мешаванд. Калисо ҳафтто маросими асроромезро эътироф мекунад. Дар байни ҷашнҳои бузург Пасха ҷои аввалро мегирад.

*Ҳар гуна хато кардан мумкин, аммо роҳи дуруст яктост. Аз ин сабаб нисбат ба роҳи рост хато кардан осон, нисбат ба нишон расидан нарасидан ҳақиқат аст.*

***Арасту***

*Асосҳои таълимоти насронии «Тимсоли эътиқод», ки дар Соборҳои умумиҷаҳонии дар Никея ва Константинопол гузашта қабул шудааст, 12 банд дорад. Онҳо:*

1. *Дар бораи рӯи аввалини Сегонаи муқаддас—Падар-Худои ягона, ки оламро офаридааст;*
2. *Дар бораи Писар-Худо, яъне бовар кардан ба Исои Масеҳ;*
3. *Таҷассуми илоҳӣ, яъне дар бораи Исо Худо шуда, аз бокира Бибӣ Марям таваллуд ёфта ва ба қиёфаи инсон даромаданаш;*
4. *Бахшидани гуноҳҳо, яъне дар бораи ба туфайли азобҳои кашида ва марги Исо аз тарафи Худо бахшида шудани тамоми гуноҳҳои инсонҳо;*
5. *Дар бораи аз нав зинда шудани Исо;*
6. *Дар бораи ба осмон баромадани Исо;*
7. *Дар бораи дар оянда ба замин дуюмин маротиба баргаштани Исо;*
8. *Дар бораи боварӣ ба Рӯҳи муқаддас;*
9. *Дар калисо, ба монанди калисои муқаддас, ҳавориҳо (апостолҳо) дар муносибат будан;*
10. *Дар бораи фориғ шудан аз гуноҳҳо дар маросими асроромези таъмид;*
11. *Дар бораи ба тарзи оммавӣ зинда шудани мурдагон;*
12. *Дар бораи ҳаёти абадӣ.*

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар таърихи католикӣ ҳангоми юришҳои салибии асрҳои XI-XIII барои озод кардани «Тобути худо» ва «Замини муқаддас», яъне ҳудуди Фаластин аз «ғайридинҳо» даъватҳо шуд. Ин ҳаракатҳое, ки зери байрақи дину эътиқод содир шуданд, аслан бо мақсади мустаҳкам намудану васеъ кардани таъсири Папаҳо ташкил гардида буд.




*Салиби православӣ*



*Салиби католикӣ*

Калисои православӣ ба гузаронидани ҷашнҳо ва рӯза гирифтан аҳамияти калон медиҳад. Одатан дар арафаи ҷашнҳои калони калисо рӯза гирифта мешавад. Моҳияти он аз покшавию навшавии рӯҳи инсон, тайёр шудан ба ҳодисаи муҳими ҳаёти динӣ иборат аст.

Мазҳаби католикӣ мазҳаби калонтарини дини насронист. Калимаи «католик» маънои тамоми дунёро (умумӣ)-ро дорад. Ин мазҳаб асосан дар Европаи Ғарбӣ, Ҷанубу Ғарбӣ ва Марказии Европа, ҳудудҳои соҳили Балтика,Украина ва Белорус, Америкаи Лотинӣ ва ИМА паҳн шудааст.

Мазҳаби католикӣ гарчанде ақидаҳо ва маросимҳои асосии дини насрониро эътироф менамояд, дар таълимоташ, гузаронидани маросимҳо ва ташкил шудан хусусиятҳои ба худ хос дорад. Асоси таълимоти католикиро китоби муқаддаси насрониҳо — Библия ва ривоятҳои Муқаддас ташкил мекунанд.

Ташкилоти калисои католикӣ бо мутамарказ буданаш фарқ мекунад. Папаи Рим раҳбари ин калисо ҳисоб мешавад. Вай қоидаҳои оиди масъалаҳои дину ахлоқро муқаррар мекунад. Ҳокимияти вай аз Соборҳои умумиҷаҳонӣ боло мебошад.

Бино ба таълимоти католикӣ калисо ҳуқуқи авфи гуноҳҳо, тӯҳфа намудани бахшиданҳоро дорад. Ин ҳуқуқ



*Рӯҳониёни калисои православӣ, католикӣ ва протестантӣ*

сабабгори пайдо шудани таълимоти оид ба индулгенсия, яъне бахшидани гуноҳҳо бар ивази пул ва хизмат ба калисо гардид.

Дар мазҳаби католикӣ ақидаҳо дар бораи бегуноҳии папаҳо мавҷуд аст, ки он дар Собори 1-уми соли 1870 дар Ватикан қабулшуда қабул шудааст. Папаро ҷамъомади (коллегияи) кардиналҳо интихоб мекунад.

**Протестантизм** (протестантӣ) дар натиҷаи ҳаракати реформатсияи зидди ҷараёнҳои католикӣ дар кишварҳои Европа ба вуҷуд омад. Реформаторҳо



*Хӯрданиҳо дар пасха*



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

*Матнро хонед. Дар асоси воқеаи таърихии додашуда оид ба талабҳои протестантҳо мулоҳиза ронед.*

*Профессори донишгоҳи Прага Ян Гус (1369-1415) аз ғояҳои Ҷ.Виклиф ба таъсир омада, зарурати аз сарватҳои калисо даст кашиданро тарғиб намуд. Индулгенсия ба калисо даромади калон меовард. Бино ба фикри Ян Гус индулгенсия шуури диндоронро вайрон мекунад, аз ин рӯ вай фурӯхта нашавад. Барои ин ақидааш Гус соли 1415 бо қарори собори Констанс ба гулхан партофта мешавад.*



*Калисои православӣ. Италия*



*М.Лютер ба дарҳои калисо 95 асосро маҳкам кард.*

амалҳои католикиро зидди идеалҳои Инҷил гуфта талқин намуданд. Профессори донишгоҳи Оксфорд Ҷ.Виклиф (1320-1384) бар зидди андозҳое, ки Папаи Рим аз Англия мегирифт, баромад, ғояҳои зарурати ба шоҳи Англия тобеъшавии корҳои шаҳрвандии калисои англисиро, афзалияти Китоби муқаддас аз ривоятҳои калисоро ба миён гузошт. Ин ғояҳоро рӯҳонёни камбағали англис тарафдорӣ карданд.

Протестантизм одамони дунёвиро аз рӯҳониён ҷудо намекунад, мувофиқи ин таълимот ҳамаи диндорон рӯҳонианд. Аз маросимҳои асроромез фақат таъмид ва тановули нонро эътироф мекунад. Диндорон ба Папаи Рим итоат намекунанд. Ибодат аз ваъз хондан, якҷоя ибодат кардан ва хондани сурудҳои динӣ (псаломҳо) иборат аст.

Протестантҳо илоҳӣ будани Бибӣ Марямро тан намегиранд, тарки дунё кардан, таъмиди кӯдакон, либосҳои рӯҳониён, иконаҳоро рад мекунанд.

Пас аз сад соли сӯзонидани Ян Гус дар Германия профессори донишгоҳи Виттенберг Мартин Лютер (1483-1546) асосҳои Калисои протестантиро тартиб дод. Ӯ ҳам фурӯхтани индулгенсияро танқид кард. М.Лютер зарурати аз ҷиҳати динию ахлоқӣ қадр намудани меҳнатро таъкид кард. Бино ба фикри ӯ, байни инсон ва Худо алоқаи бевосита шуданаш мумкин.

Таълимоти Лютер ба яке аз равияи протестантӣ — лютерӣ асос гузошт. Бино ба ин таълимот одамон виҷдон ва тавбаю тазарруъро бошуурона ва мунтазам бояд назорат намоянд. М.Лютер тавба кардан ҷараёни дуру дароз буданашро қайд мекунад. Бино ба ин таълимот, Папа аз ҷазои худаш дода ё дар низоми калисо таъиншуда халос карданаш мумкин, аммо калисо инсонро аз ҷазои Худо озод карда наметавонад.

Бефоида будани фурӯхтани индулгенсияро М.Лютер ин тавр асоснок мекунад:"Худо ононе, ки аз сидқи дил тавба мекунанд, аз гуноҳҳояшон мегузарад, аз азоби абадӣ озод менамояд, бандагони осӣ бидуни ёрлиқи Папа ба ин умед бастанашон мумкин». Лютерӣ дар Германия, Дания, Норвегия, ИМА паҳн шудааст. Дар насроният ғайр аз ин мазҳаб боз мазҳабҳои калвинизм, пресвитерианҳо, калисои англокан, баптизм, анабаптизм, пятидесятникҳо, адвентистҳо мавҷуданд.



*Папаи Рим Франсиски II*

Ҳоло дар мамлакати мо аз мазҳабҳои насронӣ калисоҳои православӣ, католикӣ, арман-апостол, евангел-лютерии немисҳо, насронӣ-баптистҳои евангел, адвентистҳои насронии рӯзи ҳафтум, протестантҳои корейс, инҷилчиёни пурра, «Голос Божий» ба рӯихат гирифта шудаанд.



*Калисои католикӣ, Смоленск*

Онҳо мувофиқи талабҳои Қонуни мамлакати мо «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» бояд қоидаҳои динии худро амалӣ намоянд.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Сабабҳои ба мазҳаби православӣ ва католикӣ ҷудошавии калисои насрониро гӯед.
2. Сабабҳои ҷудошавии калисоро муҳокима кунед.
3. Дар бораи ҷиҳатҳои муштарак ва фарқияти таълимоти католикӣ ва правосалӣ слайди намоиши қиёсиро тайёр кунед (MS Power Point).
4. Дар бораи ташкилотҳои дини насронӣ дар Ӯзбекистон чиҳо медонед?

# §13 ИСЛОМ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Дар бораи пайдоиши дини ислом чиҳо медонед?
2. Дини ислом аввал дар куҷоҳо паҳн шуда буд?
3. Шароити таърихии ба дини ҷаҳонӣ табдилшавии дини исломро муайян кунед.
4. Ҷудошавии аввалин дар дини ислом кай содир шуд, сабабҳои таърихии онҳо чист?
5. Кадом даври таърихи Арабистон «Даври ҷоҳилият» ном гирифтааст?



*Варақи Мусҳафи Усмон дар Тошканд*

## БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ ОМАДАНИ ДИНИ ИСЛОМ

Пас аз вафоти Муҳаммад пайғамбар (с.а.в.) пайравони наздики ӯ Абӯбакр (632-634), Умар ибни Хаттоб (634-644), Усмон ибни Аффон (644-656) ва Алӣ ибни Абӯтолиб (656-661) (р.а.) ба ҷамъияти мусулмонҳо раҳбарӣ кардаанд. Ин давр дар таърих даври «Хулафои рошидин» (Ҷонишинҳои роҳи рост) ном гирифтааст. Дар замони Усмон ибни Аффон (р.а.) мусулмонҳо ба ҳудуди Туркманистони ҳозира даромада омаданд. Лашкари арабҳои мусулмон оҳиста-оҳиста ҳудуди Хуросон ва Моварооуннаҳрро забт карда, дини исломро паҳн намуданд. Лекин аҳолии заминҳои арабҳо истилокарда

Бино ба таълимоти ислом ҳангоми зикри номи Муҳаммад пайғамбар аз рӯи ҳурмат нисбат ба он зот ибораи «саллаллоҳу алайҳи васаллам» (мухтасар: с.а.в., «ба ӯ раҳмат ва саломи Аллоҳ бошад») ё «алайҳис-салом» (мухтасар: а.с: «ба ӯ салом») истифода мешавад. Аз ин рӯ дар адабиётҳои оид ба таърихи ислом мухтасаран с.а.в. ё а.с. навишта мешавад.

ба зудӣ исломро қабул накарданд. Фақат дар миёнаҳои асрҳои IX дар Осиёи Марказӣ, яъне баъди якуним асри фатҳи Мовароуннаҳр ислом ба дини асосии аҳолии маҳаллӣ табдил ёфт.

Баробари ба Осиёи Марказӣ даромада омадани дини ислом дар минтақа соҳаҳои иҷтимоию маънавӣ инкишоф намуд. Дар кишвар болоравии иқтисодӣ рӯй дод, илмҳои дунёию илмӣ тез ривоҷ намуданд.

Дар ҳудуди Ўзбекистон мазҳаби суннии дини ислом, хусусан, мазҳаби Ҳанафия (Имоми Аъзам) ҷорӣ гардид.

## ОМЎЗИШИ САРЧАШМАҲОИ ИСЛОМӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Қуръони карим, ки сарчашмаи асосии дини ислом аст, дар солҳои аввали истиқлол аз тарафи олимони ўзбек ва арбобони дин омўхта шуд. Масалан, он ба зудӣ ба забони ўзбекӣ тарҷума ва чоп шуд.

Тарҷумаи нахустини Қуръони карим ба забони ҳозираи ўзбекӣ аз тарафи Аловуддин Мансур амалӣ гардид. Ин тарҷума солҳои 1990-1992 дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» чоп шуд ва соли 1992 дар шакли китоби алоҳида нашр гардид.

Аз соли 1991 сар карда Шайх Муҳаммадсодиқ Муҳаммадюсуф (1952-2015) аввал пораҳои 27, 28, 29, 30-юми тарҷума-тафсири «Тафсири Ҳилол»-ро ба нашр ҳозир кард. Бояд гуфт, ки ин тафсир яке аз асарҳои мукаммали эзоҳӣ ва аз шарҳҳо бой ба забони ҳозираи ўзбекӣ мебошад. Ин тафсир сол 2005 иборат аз шаш ҷилд пурра нашр шуд, баъд нашри ислоҳшуда ва пуррашудаи он дар солҳои 2011-2016 шаш маротиба аз чоп баромад. Солҳои

### НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Дар замони Абўбакри Сиддиқ (632-634) бори нахуст саҳифаҳои Қуръон ҷамъ оварда шуд. Дар даври Халифа Усмон ибни Аффон (642-654) Қуръон бори дуюм ҷамъ оварда, ба ҳолати китоб даровардa шуд. Ин вазифаро саҳоба Зайд ибни Собит, ки дар замони Абўбакри Сиддиқ таҷриба пайдо карда буд, ҷомаи амал пўшонд. Аз Мусҳафи ягона якчанд нусха рўйбардор карда, ба ҳар минтақа фиристода шуд.

2013-2014 ҷузъҳои 1 ва 2-юми тафсир ба забони русӣ нис тарҷума ва чоп карда шуд.

Тарҷумаи маъноҳо ва тафсири Қуръони карим, ки Шайх Абдулазиз Мансур ба амал баровард, дар иттиҳодияи нашру табъи «Тошкент ислом университети» солҳои 2001, 2004, 2006, 2007, 2009, 2012, 2014, 2016 борҳо нашр карда шуд. Ҷиҳати хоси ин асар аз дигар тарҷума-тафсирҳо аз он иборат аст, ки дар он дар атрофи матни арабӣ маъноҳои Қуръони карим ба забони ӯзбекӣ равон ва фаҳмо, бо эзоҳҳои зарурӣ ва таъсирбахш ҷой карда шудаанд.



*Намуди қадимӣ ва ҳозираи Каъба*



Тарҷумаи 30-юмин пораи Қуръони карим аз тарафи Шамсиддинхон Бобохонов дар солҳои аввали истиқлол ба дасти халқамон расид. Дар он сураҳои ба мардум бисёр шинос ба ҳисоб гирифта, матни арабии пораи 30-юм ҳам дода шудааст.

***Ҳадис--*** *сарчашмаи муқаддасест, ки дар дини Ислом баъд аз Қуръони карим мақом дорад.*

Дар Маркази дастнависҳои шарқи ба номи Абӯрайҳон Берунии Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд зери назари муҳаррири масъул профессор Муталиб Усмонов тарҷумаи академикии понздаҳ пораи Қуръони карим (аз сураи «Фотиҳа» то сураи «Исро") тайёр ва нашр карда шуд. Дар он таърихи даври нозил шудани Қуръони карим ҳам ифода ёфтааст.

То ин дам аз тарафи муфтӣ Усмонхон Алимов понздаҳ пораи Қуръони карим тафсир ва чоп карда шуд.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед. Ибораи «Бахилии нафси худ»-ро чӣ хел мефаҳмед? Ба фикри шумо аз бахилии нафс чӣ гуна эҳтиёт шудан мумкин?

*«Ва онон, ки аз бухли хеш дар амон монда бошанд, растагоронанд».*

**Сураи наср, ояти 9.**

Хусусияти фарққунандаи «Тафсири Ирфон» аз дигар тафсирҳо аз он иборат аст, ки дар он маъноҳои оятҳо барои ҳамзамонон хеле фаҳмо, содда ва равон талқин шудаанд.

**Омӯзиши ҳадисҳои шариф** дар Ӯзбекистон ба миёнаҳои асри XX тааллуқ дорад. Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Совет шарқ мусулмонлари», ки аз соли 1968 чоп мешуд, баъзе мақолаҳо оид ба муҳаддисон ва ҳадисҳо эълон мегардид. Дар замони истиқлол ин маҷалла «Мовароуннаҳр мусулмонлари» ва баъдтар бо номи «Ҳидоят» чоп мешудагӣ шуд. Маҷалла имрӯз низ дар саҳифаҳои худ мақолаҳоро дар бораи ҳадису муҳаддисон ба табъ мерасонад.

Дар замони истиқлол дар бораи ҳадис яке аз китобҳои нахустин аз тарафи Шамсуддин Бобохонов, шайх Абдулазиз Мансур бо номи «Минг бир ҳадис» («Ҳазору як ҳадис») ба чоп расид, ки он ҳадисҳои оид ба масъалаҳои одобу ахлоқ, ҳаёти маиширо дар бар мегирад. Баъдтар зери таҳрири академик Неъматулло Иброҳимов ва шоир Мирзо Кенҷабек китобҳои Имом Бухорӣ «Ал-Ҷомеъ-ас-саҳеҳ», «Ал-Адаб -ал-муфрад» тарҷума шуданд.

Солҳои охир аз тарафи маркази илмию тадқиқотии исломшиносии назди Донишгоҳи исломии Тошканд мунтахаботи маҷмӯаи ҳадисҳои «Сунани Доримӣ»-и Имом Дорумии самарқандӣ ва аз ҷониби Шайх Муҳаммадсодиқ Муҳаммадюсуф тахти рукни «Олтин силсила» асари «Саҳеҳ ал-Бухорӣ»-и Имом Бухорӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр карда шуд.



*Саҳеҳи Бухорӣ*



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар бораи таърихи дини ислом нақл кунед.
2. Вақте «Қуръони карим» ва «Ҳадиси шариф» мегӯем, чиро мефаҳмед?
3. Дини ислом ба Мовароуннаҳр кай омад?
4. Харитаи паҳншавии исломро дар дунё кашед.
5. Зери ибораи «маркази маданияти исломӣ» чиро мефаҳмед?

# §14 МАЗҲАБҲО ВА ТАЪЛИМОТҲОИ АҚИДАВӢ ДАР ИСЛОМ



## САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Оё медонед, имрӯз кадом давлат бо нуфуси аҳолии мусулмонаш ҷои якумро мегирад?
2. Шумо кадом суханонро дар бораи омӯхтани илм аз таълимоти ислом, хусусан оят ва ҳадисҳо медонед?
3. Одоби салому алек, ки яке аз одатҳои беҳтарин аст, бо таълимоти ислом чӣ алоқае дорад?
4. Ба фикри шумо, сулҳу осоиш дар ҷамъият чӣ гуна аҳамият дорад? Дар дини ислом аз ин хусус чӣ гуфта шудааст?

## ТАЪЛИМОТ ВА ҶАШНҲОИ ДИНИ ИСЛОМ



*Қуръони карим*

Бино ба таълимоти ислом, Худованд офаридгори ҳама чизи ҷондору беҷон, тамоми коинот аст. Он ба ҳеҷ кас монанд нест ва ҳеҷ чизро бо вай баробар кардан мумкин нест. Инсон дар байни махлуқоте, ки Худо офаридааст, бузургтаринаш аст. Худо барои он, ки одамизодро бо роҳи дуруст ҳидоят кунад, пайғамбаронро фиристодааст. Дар манбаъҳо шумораи пайғамбарон 124 ҳазор нафар қайд шудааст.

Муҳаммад (с.а.в.) кори пайғамбарони аввалаоро давом дода, эътиқоди софро барқарор кардааст, эътироф гардидааст, ки ӯ охирин пайғамбар (Хотам-ул-анбиё) аст, ки пеш аз қиёмат фиристода шудааст.

Аз ҷашнҳои асосии дини ислом, яке иди Рамазон аст, ки ба ҳисоби солшумории ҳиҷрӣ рӯзи аввали моҳи Шаввол ва дигаре иди Қурбон буда, пас аз 70 рӯзи Рамазон гузаронида мешавад. Ҳар ду ин ҷашн дар Ӯзбекистон расман ид эълон шудааст. Дар ин рӯзҳо зиёра-

Олими бузурги тошкандӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоили Қаффоли Шошӣ (с.ҳ. 291-365) дар бобати фиқҳ, ҳадис, луғат ва адабиёт аз олимони машҳури давр буд. Қабрашон дар даҳаи Ҳастимоми (Ҳазрати Имом) Тошканд ҷой гирифтааст.

ти пиронсолон, хешу табор, ба бачаҳо додани тӯҳфаҳо, шириниҳо урф шудааст. Ид ба ташаккули меҳру муҳаббати байни инсонҳо, эҳсоси мурувват ёрӣ медиҳад. Масалан, садақаи фитр дар иди Рамазон, дар иди Қурбон қурбонӣ намудани гӯсфанд ё гов ва ба муҳтоҷон тақсим кардани онҳо аз моҳияти инсонпарварии дини ислом дарак медиҳад. Он рӯз мусулмонон либосҳои зебо пӯшида, атрҳо зада, ба масҷид мераванд ва намози идро ба ҷо меоранд.



*Масҷиди Минор дар Тошканд*

## МАЗҲАБҲО ДАР ИСЛОМ

Дар нимаи дуюми асри VII дар ислом аввалин ҷудоӣ пайдо шуд. Дар замони халифа Алӣ зери таъсири қувваҳои бадният ин ҷараён авҷ гирифт. Дар натиҷа хориҷӣ, шиа ва суннӣ барин равияҳо ба вуҷуд омаданд.

Ҳоло аксари мусулмонон пайрави мазҳаби суннӣ мебошанд. Дар асрҳои VIII-IX дар доираи суннният мактабҳои ҳуқуқӣ (мазҳабҳо) — ҳанафия, моликия ва ҳанбалия ва ду таълимоти ақидавӣ — ашъария ва мотуридия ба вуҷуд омаданд.

Мазҳабҳо роҳҳое мебошанд, ки донишмандони шариат (фақеҳ) дар асоси Қуръон ва суннат кор карда баромадаанд. Онҳо бо номи асосгузоронашон машҳуранд. Масалан, мазҳабе, ки Абӯҳанифа асос гузоштааст, ҳанафия, равияи асосгузоштаи Молик ибни Аббос — моликия ном гирифтааст. Мазҳабҳои мазкур оид ба масъалаҳои асосӣ якдигарро инкор намекунанд.

*«Ман ҳазор нафар шайхро ёфтам ва аз онҳо ҳадис сабт кардам. Аз ин панҷ нафар шайх фақеҳтар, тақводортарин ва олимтарашро надидам. Якумини онҳо Абӯҳанифа аст».*

***Язид ибни Ҳорун***

*Ҳоло дар дунё аз 1,7 миллиард мусулмонон 92,5 фоизашон сунниҳо мебошанд, онҳо аз рӯи мазҳаб чунин тақсим мешаванд: ҳанафиҳо – 40%, шофеиҳо – 25%. моликиҳо – 17%, ҳанбалиҳо – 1,5%.*

Асосгузори **мазҳаби ҳанафия** Нӯъмон ибни Собити Куфӣ (699-767) аст, ки бо номи Абӯҳанифа машҳур аст. Ин мазҳаб бо моҳият, таълимот ва усулаш ба ҳамаи саволҳои дар ҷамъият сарзада ҷавоб ёфта метавонад. Чунки мазҳаби ҳанафия ҳалли масъалаи нави диниро агар дар Қуръон ва ҳадис набошад, ба қиёс ва намуди муҳимтарини он--истеҳсон такя намуда, кор мебарад. Абӯҳанифа дар вазъиятҳои мушкил барои одамон шароит фароҳам сохта, душвориҳоро паси сар кардааст. Ӯ ҳомии тамоили озодӣ буд, дар соҳаи тиҷорат ва монанди инҳо ҳуқуқи инсон ва озодиҳои онро ҳимоя намуд.

Масалан, ҳангоми оила барпо кардан мард ва зан ҳуқуқи баробар доранд, духтарони оқил ва ба балоғатрасидаро ҳеҷ касе бе розигии онҳо ба никоҳ гирифта наметавонад, шартномаи никоҳ агар духтар валиаш набошад (падар, бобо, амак. бародар, додар) ҳам бо сухани худи вай баста мешавад.

Имрӯз аксари мусулмонони Осиёи Марказӣ ба мазҳаби ҳанафия пайравӣ мекунанд. Ҳоло ин мазҳаб дар Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Ироқ, Сурия, Туркия ва якчанд кишварҳои Африка васеъ паҳн шудааст.

*Истеҳсон (ар.-- нағз донистан)--дар ҳуқуқи ислом аз ду масъала яке аз сабукашро интихоб намуданро мефаҳмонад.*

Асосгузори **мазҳаби моликия** имом Абӯабдуллоҳ Молик ибни Анас соли 711 таваллуд шудааст. Дар ин мазҳаб манбаи якум Қуръони карим, манбаи дуюм ҳадис ба ҳисоб меравад. Дар мазҳаби моликия оид ба масъалаҳои шаръӣ аксаран ҳаёти Мадина ва одатҳои он боло меистад.

Моликия дар кишварҳои Марокаш, Тунис, Ҷазоир, Бангладеш мазҳаби асосӣ аст.

Асосгузори **мазҳаби шофеия** Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Шофеъ (767-804) дар шаҳри Ғазои Фаластин таваллуд шуда, соли 804 дар Миср вафот кардааст.

Мазҳаби шофеӣ дар бобати баровардани ҳукми фиқҳӣ ба Қуръон, суннат, иҷмоъ ва қиёс такя мекунад. Онҳо истеҳсонеро, ки дар ҳанафия ва моликия ҳаст, рад мекунанд.

Ин мазҳаб асосан дар Индонезия, Малайзия, Миср, Судан, Кения, Мали, Либия паҳн шудааст.

Асосгузори **мазҳаби ҳанбалия** Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Ҳанбал (780-855) дар шаҳри Бағдод зиндагӣ кардааст.

Дар мазҳаби ҳанбалия Қуръон ва суннат манбаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Иҷмоъ ва суханони саҳобагон дуюмдараҷа мебошанд. Ба қиёс агар дигар илоҷ набошад, рухсат дода мешавад. Пайравони ин мазҳаб камшуморанд. Асосан дар байни аҳолии давлатҳои Арабистони Саудӣ, Яман, АМА, Қувайт, Қатар паҳн шудааст.

Дар сунният ҳар чор мазҳаб баробаранд. Мазҳабҳо аз доираи ҳуқуқи анъанавии динӣ набаромада, дар масъалаҳои шариат аз қабули ҳукми сабук ё вазнин фарқ мекунанд.

*Моҳи июни соли 2017 бо супориши Президентамон Шавкат Мирзиёев дар маҷмӯаи Имом Мотуридӣ корҳои ташкили «Мактаби илми калом», дар зиёратгоҳи намояндаи бузурги таълимоти мотуридия Абулмуъин Насафӣ ташкили «Мактаби ақоид» оғоз ёфт.*

Солҳои охир равияҳоеро ба монанди «Салафия»-и сохта, «Ҳизб-ут-таҳрир» бо мазҳабҳои фиқҳӣ баробар кардан мумкин нест. Зеро онҳо дар ҳалли масъалаҳои шаръӣ низоми мустақили ҳаллу фаслро надоранд. Ба онҳо ҳамчун ҳаракати динию сиёсӣ ва ҳизбҳои ғайриқонунии сиёсӣ баҳо додан мумкин.

*Донишманд ба дӯкони баққол монанд аст: ҳар чӣ дорад нишон медиҳад, шахси нодон ба нағораи лашкар шабоҳат дорад: овозаш баланду дохилаш холист.*

***Саъдии Шерозӣ***

## ТАЪЛИМОТҲОИ АҚИДАВӢ

Дар дини ислом фаннеро, ки масъалаҳои ақидавиро ба монанди сифатҳои Аллоҳ таоло, тақдири инсонҳо. қиёмат, ҷаннат ва дӯзах, гуноҳ ва савобро меомӯзад, «илми калом» меноманд. Дар асрҳои VIII-IX тоифаҳое пайдо шуданд, ки аз фалсафаи юнон мутаассир шуда, оятҳои Қуръон ва ҳадисҳоро нодуруст фаҳмиданд.Онҳо гоҳ Худоро бо тасвирҳои ба инсон монанд, гоҳ хусусиятҳои онро инкор карда, нисбат ба пайғамбарон, Қуръони карим фикрҳои носазо гуфтанд. Дар чунин шароит, олимони мазҳаби суннӣ ба ғояҳои вайронгар раддияҳо доданд. Дар натиҷа таълимоти мотуридия ва ашъария пайдо шуданд. Дар доираи мазҳаби суннӣ ҳар ду ин таълимот ҳам дуруст ҳисобида мешаванд.

Ба таълимоти мотуридия олими мовароуннаҳрӣ, аҷдоди бузургамон Абӯмансур Мотуридӣ (870-944) асос гузоштааст.

Мотуридӣ аз доираи ақидаҳои софи динӣ берун нарафта, ақлу идрокро бузург медонад ва аҳамияти мантиқан асосёфтаро алоҳида таъкид мекунад.

Бино ба мотуридия, инсон барои имтиҳоноти ҳаётӣ офарида шудааст. Барои аз ин имтиҳон бомуваффақият гузашта, роҳи дурустро ёфтан имконияти бисёр ҳам дода шудааст. Инсон рафтори худро ихтиёран интихоб мекунад.



*Мақбараи Абӯмансур Мотуридӣ*

Аллома назариёти худро бо анъанаҳо, расму оинҳои таълимоти ҳанафияи халқҳои Осиёи Марказӣ вобаста медонад. Муҳимаш, дар аксар минтақаҳо, дар кишварҳои Сурия, Ироқ, Туркия, Покистон, Ҳиндус-

Таълимоти мотуридия дар асрҳои XI-XII хеле ривоҷ ёфт. Дар ин замон таълимот на фақат дар Мовароуннахр, балки дар Хуросон, Ироқ, Миср ва Шом ҳам паҳн шудан гирифт.

Ҳамчун рамзи эҳтиром ва ихлос ба султони илми калом дар Ўзбекистон соли 2000-ум 1130-солагии таваллуди Имом Мотуридӣ васеъ ҷашн гирифта шуд ва дар мазори ў дар қабристони Чокардиза мақбара таъмир карда шуд.

тон, Африкаи Шимолӣ таълимоти мотуридия дар мактабҳои олӣ, миёна ва динӣ ҳамчун фанни мустақил омўзонида мешавад.

**Таълимоти ашъария.** Ба ин таълимот Абулҳасан Ашъарии басрагӣ (873-936) асос гузоштааст. Имом Ашъарӣ нисфи умри худро дар муборизаи зидди равияҳои гумроҳ сарф кардааст.

Ашъарӣ бо Муҳаммад ибни Ҷарир Табарӣ, Иброҳим ибни Аҳмад Марвазӣ, Маҳмуд ибни Довуди Исфаҳонӣ, Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал, Абўмансур Мотуридӣ барин олимон дар як замон зиндагӣ кардааст.

Таълимоти ашъария низ ба ақидаҳои сунния мувофиқ аст. Ин таълимот ҳам бар зидди ғояҳои гурўҳҳои гумроҳшудаи мўътазилия, қадария, ҷабария мубориза бурдааст. Таълимоти ашъария асосан дар Ироқ, баъд дар замони ҳукмронии салҷуқиҳо дар Хуросон паҳн шудааст.



*Бағдоди қадимӣ. Абулҳасан Ашъарӣ тамоми умри худро дар ин шаҳр гузаронидааст*

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Сунният аз чанд мазҳаби фиқҳӣ иборат аст?
2. Илми калом чиро меомўзад?
3. Фарқи фирқаҳои аз нав пайдошудаи мазҳабҳо дар чист?
4. Дар харита ҳудудҳои паҳншудаи чор мазҳаби сунниро нишон диҳед.

# §15 ТАСАВВУФ ВА ТАРИҚАТҲО

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. 1. Дар бораи истилоҳи «тасаввуф» чиҳо медонед?
2. 2.Оё медонед зиёратгоҳи «Занги ота» дар вилояти Тошканд, «Ҳазрати Накшбанд» дар Бухоро ба шарафи киҳо бунёд карда шудаанд?
3. 3.Зери ибораи «тарбияи ахлоқӣ» чиро мефаҳмед?

**Тасаввуф** сохае ба шумор меравад, ки барои бо ахлоқи исломӣ тарбия намудан илмҳои заруриро меомӯзонад. Истилоҳи «сӯфӣ нисбати он шахсе, ки бо тасаввуф машғул аст, истифода мешавад. Дар айни вақт ба маънои «солик» ҳам истифода мешавад.

**Тариқатҳои тасаввуф.** Аксар вақт зери истилоҳи «тасаввуф» ё «тариқат» роҳи зиндагии пурмашаққат, тарки дунё кардан, даст кашидан аз илмҳои замонавӣ, меҳнат накарда, фақат ибодат намудан, худро азоб додан фаҳмида мешавад. Дар асл чӣ?

Аслан моҳияти ҳаққонии тасаввуф аз нафсро пок кардан, ҳифзи ахлоқ, расидан ба камолоти маънавӣ иборат аст. Барои расидан ба ин мақсадҳо олимон мактабҳои махсус--тариқатҳо ташкил кардаанд.

«Тариқат» калимаи арабӣ буда, маънои «роҳ»-ро дорад. Дар тасаввуф ин калима аз ҷониби раҳнамои муайян (муршид,пир) дар асоси Қуръон ва ҳадисҳо, гуфтаҳои саҳобаҳо кор карда шудани роҳи покшавӣ, маҷмӯи методҳоро ифода мекунад. Имрӯз тариқатҳо зиёд шуда, бузургтарини онҳо Яссавия, Кубравия ва Накшбандия мебошанд. Муҳимаш он, ки ин ҳама тариқат дар диёри мо ташаккул ёфтаанд.

Пайдоиши равияи тасаввуф дар Мовароуннахр бо номи шайх Абӯяъқуб Юсуф Ҳамадонӣ (соли ва-

Калимаи «тасаввуф» ва «сӯфӣ» -и ҳамрешаи он, инчунин «мутасаввиф» аз калимаи арабии «суф» («мӯй», «пашм») бaромадааст.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Таърифи «тасаввуф»-ро хонед, Вақте, ки «хулқи бад"мегӯянд, чиро мефаҳмед? Ба фикри шумо, чаро аз хулқи бад халос шудан лозим?

*Тасаввуф мисли он, ки илми тиббиёт маълумотҳоро оид ба саломатии бадан меомӯзад, тасаввуф роҳҳои халосшавии рӯҳ аз ахлоқи бадро меомӯзонад.*

фот--1140-41) вобаста аст, дар асри XII дар Осиёи Марказӣ Хоҷа Аҳмад Яссавӣ асосгузори нахустин тариқати тасаввуфӣ мебошад.

**Яссавия.** Хоҷа Аҳмад Яссавӣ дар деҳаи Сайрами вилояти Чимкенти ҷануби Қазоқистони имрӯза ба дунё омадааст. Баъзе манбаъҳо мегӯянд, ки ӯ дар Ясси (Туркистони имрӯза) таваллуд шудааст.

Аҳмад Яссавӣ дар асари «Девони Ҳикмат» ба воситаи шеър ғояҳои маънан пок шудан, ахлоқ, ҳалолӣ, таҳаммулро баён кардааст. Ҷиҳати хоси яссавия ин аст, ки дар он зикру дуоҳо хондан бо усули ошкоро, қисман аз лаззати дунё даст кашидан инъикос шудааст. Хусусиятҳои хоси яссавия баъдтар дар дигар тариқатҳо ифода ёфтаанд.

**Кубравия.** Яке аз тариқатҳоест, ки бо яссавия дар як давр пайдо шудааст. Асосгузори он шайх Наҷмиддин Кубро Хивақӣ (1145-1221) аст. Ӯ дар шаҳри Хиваки Хоразм ба дунё омадааст. Шайх Наҷмиддин Кубро ба тариқати кубравия ё «заҳабия» асос гузоштааст. Дар байни ин тариқатчиён зикри хуфя бисёр хос аст. Асари машҳури вай «Усули ашара» буда, он ба ҳамаи тариқатҳо таъсири худро гузаронидааст. Асарҳои Наҷмиддин Кубро ба муҳити тариқатҳои Эрон, Осиёи Хурд ва Ҳиндустон таъсири калон расонид. Таълимо-



*Мақбараи Хоҷа Аҳмад Яссавӣ, ки Амир Темур бунёд кунонидааст*

Дар тариқати **Яссавия** Худоро шинохтан (маърифатуллоҳ), ҷавонмардии мутлақ, ростгӯӣ, худро ба Аллоҳ супурдан (таваккул) ва тафаккури комил нақши муҳим дорад.

Моҳи июли соли 1221 ба муқобили яке аз лашкаркашони Чингизхон — Ҳалокухон Шайх Наҷмиддин Куброи 76-сола аз байни халқ лашкар ҷамъ мекунад ва қалъаи Урганҷро зери шиори «Ё Ватан, ё марги пуршараф» якчанд рӯз аз душман ҳимоя мекунад.
Дар ҳини ин ҷанг Шайх Наҷмиддин Куброро истилогарони муғул ваҳшиёна мекушанд.



*Мақбараи Шайх Наҷмиддин Кубро*

ти Кубравия яке аз таълимотҳоест, ки ҳангоми истилои муғулҳо бардошт кардааст. Ин таълимот барои қабули дини ислом аз тарафи қабилаҳо ва ҳукмдорони муғул таъсири бузург расондааст.

**Нақшбандия** тариқати тасаввуфиест, ки дар асри XIV дар Осиёи Марказӣ пайдо шудааст.

Баҳовуддин Нақшбанд (1318-1389) яке аз авлиёҳои машҳури дунёи ислом буда, дар вилояти Бухоро таваллуд ёфтааст. Исми аслии ӯ Муҳаммад аст. Номи падараш ҳам Муҳаммад будааст. Аз овони кӯдакӣ ӯ бо падараш ба кимхоб нақш меандохтанд, аз ин рӯ, бо лақаби Нақшбанд машҳур гардидааст. Калимаи «Баҳовуддин» маънои «пири дин»-ро дорад.

Асоси таълимоти Нақшбандияро ғояи «Дил ба ёру даст ба кор» ташкил медиҳад. Баҳовуддин Нақшбанд талабҳои сахтеро, ки то ӯ дар тасаввуф буданд, каме мулоим мекунад ва ба зиндагии ҳаррӯза мувофиқ менамояд.

Дар таълимоти нақшбандия зоҳир (намуди беруна) ва ботин (олами дарунӣ) аз ҳам ҷудо карда шуданд. Мувофиқи он сӯфигиро дар байни мардум ошкор накар-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Маънои ин ҳикматро бо мафҳумҳои алоқамандии ҳаёти моддию маънавӣ вобаста кунед:

*«Дил ба ёру даст ба кор».*

дан, аз дигарон ҷудо набудан, дар хилват нанишастан, даст накашидан аз меҳнат кардан, бар зимма гирифтани масъулияти оила, фарзандон, аз меҳнати ғуломон ва канизакон истифода набурдан ва ба дигар қоидаҳои нек амал бояд кард.

Усули асосии тарбияи тариқати нақшбандия суҳбат аст. Бино ба фикри нақшбандиён фоидаи суҳбат зиёд аст, ба воситаи суҳбат ба қалби инсон даромадан мумкин. Ин тариқат бар асоси чор тамоил бунёд шудааст: 1) поксозии хулқу атвор бо шариат; 2) пок сохтани қалб бо тариқат; 3)ба воситаи ҳақиқат ба Худо расидан; 4) бо роҳи маърифат ба Худо расидан.

Баъди расидани Ўзбекистон ба истиқлол номи олимони тасаввуф абадӣ гардонида, нисбаташон эҳтиром ба ҷо оварда шуд.

Ҳоло дар бисёр кишварҳои дунё, аз Штатҳои Муттаҳидаи Америка то архипелаги Австралия Нақшбанд ва тариқати нақшбандия маълум аст ва мақому эҳтиром дорад. Чунки Баҳовуддин Нақшбанд пеш аз ҳама меъёрҳои шариати дини исломро маҳкам дошта, ба вайрон шудани онҳо роҳ надодааст. Дуюмин, вай ғояҳои асили инсонӣ ва фазилатҳоро тарғиб карда, барои пайдоиши

Қариб баъди гузаштани як аср аз вафоти Баҳовуддин Нақшбанд Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) бори аввал ин тариқатро «нақшбандия» номидааст.

*Мақбараи Баҳовуддин Нақшбанд*



футувват — риштаҳои ҷавонмардии байни намояндагони гуногуни ҷамъият омил шудааст.

Дар солҳои истиқлол баробари эҳё намудани арзишҳои динӣ, кушодани масҷиду мадрасаҳо ва ташкилотҳои динӣ ба фаъолияти намояндагони тариқат низ аҳамияти калон дода шуд. Аз ҷумла, соли 2002-юм 900-солагии Абдухолиқ Ғиждувонӣ қайд шуд, соли 2018 915-солагии ин аллома дар назар дошта шудааст. Соли 1993 675-солагии Баҳовуддин Нақшбанд ҷашн гирифта шуда бошад, соли 2018-юм 690-солагии он зоти шариф қайд мешавад. Ҳоло дар зиёратгоҳи Баҳовуддин Нақшбанд дар Бухоро «Маркази Нақшбанд» ҷой гирифтааст, марказ маҷаллаи «Нақшбандия»-ро ба чоп мерасонад.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Мазмуни тасаввуф ва тариқатро гуфта диҳед.
2. Инкишофи тасаввуф дар Мовароуннаҳр бо номи кадом аллома вобаста аст?
3. Дар бораи тариқати яссавия нақл кунед.
4. Ҷиҳатҳои хоси тариқати кубравия аз чиҳо иборат аст?
5. Мазмуни шиори асосии тариқати нақшбандияро фаҳмонед.
6. Матни зеринро бодиққат хонед, бо усули асосии тарбияи тариқати нақшбандия--усули суҳбат бипайвандед. Ба маданияти суҳбат такя карда, мулоҳиза ронед. Ҳангоми фикрронӣ шумо ба кадом қоидаҳо амал мекунед?

*Ҳар сухан, ки бигӯянд, бишунав, лекин ба кор бастан маштоб. Ва ҳар чӣ гӯӣ, ба андеша гӯй ва андешаро муқаддами гуфтори хеш дор, то аз гуфта пушаймон нагардӣ, ки пешандешӣ дуввуми кифоят (ӯҳдабароӣ) аст. Ва аз шунидани ҳеҷ сухан малул мабош, агарат ба кор ояд ё на, бишунав, то дари сухан ба ту баста нашавад ва фоидаи сухан ғоиб нагардад.*

***Кайковус, «Қобуснома».***

# §16 МУРУВВАТИ ДИНӢ ВА СУБОТИ ИҶТИМОӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН











## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Дар расмҳои боло кадом арзишҳои хоси халқамон таҷассум гардидаанд?
2. Зери мафҳуми «таҳаммул» (мурувват) чиро мефаҳмед?
3. Аз таърихи Ватанамон оид ба принсипи таҳаммул, мурувват маълумот оред.
4. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон фазилати муруввтнокии халқи ўзбек чӣ гуна намоён шуд?

Ҳоло Ўзбекистон дар бобати таҳаммули динӣ, ҳамбастагии байнимиллӣ дар дунё намуна шудааст. Ин фазилати ба халқи Ўзбекистон хос дар натиҷаи ҷараёнҳои мураккаби таърихӣ ба вуҷуд омадааст. Намояндагони эътиқодашон гуногун имтиҳони вазнинро аз сар гузаронида, дар шароити ногувор якдигарро дастгирӣ кардаанд. Таърихи ватанамон воқиф аст, ки дар кишвар дар асоси динӣ байни намояндагони динҳои мухталиф низоъ сар назадааст.

*»... дин меъёрҳои ахлоқи умумиинсониро дар худ таҷассум намуда, онҳоро ба ҷунбиш овардааст, ба қоидаҳои барои ҳама маҷбурии хулқу атвор табдил додааст. Ба маданият таъсири бузург расондааст».*

***Ислом Каримов***

1,5 ҳазор сол муқаддам дар замони Хоқонати ғарбии турк (552-576), ки ҳудуди ҳозираи Осиёи Марказиро дар бар мегирифт, ба намояндагони динҳои гуногун барои эътиқодашон роҳи васеъ кушода шуда буд.

Аз асри VIII сар карда ба Мовароуннаҳр дини ислом даромада омад. Зимни он эътиқоди нави динӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ ба ҳам омехта шуда, дар тафовут аз дигар кишварҳои мусулмон шакли ба худ хосро гирифт. Баъдтар аз тарафи уламои кишвар мазҳаби ҳанафия ривоҷ дода шуд ва қисми ба Қуръон ва ҳадисҳо мувофиқи урфу одатҳои маҳаллиро ба сифати манбаи динӣ қабул карданд. Дар натиҷа дар ҳалли масъалаҳои динию иҷтимоӣ «урф» ба яке аз манбаъҳои фиқҳ табдил ёфт.

Дар замоне, ки дар дунёи ислом баҳси кӣ мусулмону кӣ номусулмон авҷ гирифта буд, дар Осиёи Марказӣ уламо дини исломро қабул намуда, бар асоси манбаъҳои дини ислом исбот карда доданд, ки касеро, ки худро мусулмон донистааст, ба кофирӣ айб намудан мумкин нест. Тамоилҳои асосии ақидаи мазҳаби ҳанафияи дар ин кишвар паҳншуда ҳам ба таҳаммул асос ёфтааст.

Ин гуна асосҳои илмию ақидавии таҳаммулро Имоми Аъзам Абӯҳанифа (699-767) сар карда буд, онро алломаи ҳамватани мо Имом Мотуридӣ (870-944), Абулмуъин Насафӣ (1046-1114) давом доданд. Мероси ғании илмии онҳо дар тӯли асрҳо дар мадраса-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Суханони иероманах Харитонро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Воқеа ба кадом давр мансуб аст?
2. Арзишҳои таҳаммулнокии ба халқамон хосро фаҳмонед.

*«Аҳолии маҳаллӣ ба кӯчманчиёни бечора (деҳқонони рус) ҳамдардӣ зоҳир намуда, меҳрубонӣ мекунад, вагарна аксари онҳо аз гуруснагӣ ва муҳтоҷӣ мурда мерафт».*

*«Дар байни мо риштаҳои дӯстӣ дар ҳамаи соҳаҳо намоён мешавад: мисли он, ки ҳар як православ аз мусулмонҳо дӯст дорад, байни рӯҳониён ва имомҳо низ алоқаҳои дӯстӣ хеле баланд аст. Агар ба дӯстони мусулмонамон дар бораи тадбиркорӣ ё оид ба конститутсия муроҷиат кунем, албатта, ҳар чизе, ки хостаем, мегирем. Зиддиятҳоро монед, ҳатто якдигарро нафаҳмидан ҳам мавҷуд нест.»*

**Митрополит Владимир**

ҳои кишварҳои мусулмон ҳамчун воситаи дарсӣ оид ба таҳаммули динӣ омӯзонида мешавад ва ин ҷараён имрӯз ҳам давом дорад.

Дар асрҳои XIII-XIV дар ҷараёни муборизаи озодихоҳонаи зидди муғулҳо барои муттаҳид кардани аҳолии ин минтақа қувваҳое ба монанди тариқати тасаввуфии яссавия, кубравия, нақшбандия ташаккул ёфтанд. Намояндагони тасаввуфи Осиёи Марказӣ ҳамчун намояндагони пешқадами дини ислом, ки дар роҳи ватанпарварӣ, халқпарварӣ, сулҳу осоиш, мустаҳкам сохтани субот хизмат кардааст, обрӯю эътибор пайдо намуданд.

Соҳибқирон Амир Темур аҳамияти калон доштани эътиқод ва маънавиятро нағз идрок карда буд. Шарафиддин Алӣ Яздӣ барҳақ Амир Темурро ҳамчун шахси эътиқодаш комил тасвир кардааст. Муҳимтар аз ҳама Соҳибқирон ба равияи «аҳли сунна ва ҷамоа», ки тарафдори муттаҳид ва ҷудо накардани ислом дар Осиёи Марказӣ буд, ҳамеша содиқ монд ва зидди ақидапарастони динӣ буда. Амир Темур дини исломро аз мутаассибӣ холӣ фаҳмида буд. Эътиқоди комили ӯ аз рад кардани дигар динҳо иборат набуд. Аз ин сабаб ӯ на фақат дар асри худ, балки замонҳои дигар ҳам ибратомез монд.

Ҳоло дар кишварамон арзишҳои динӣ, ки меҳнати бузург ва мероси аҷдодонамонро дар худ таҷассум кардааст,

*«Таҳаммули динӣ ва устувории қонун — ин ҳама як қисми таҳкурсие, ки барои барпо кардани давлати бисёрмиллат зарур аст».*

***Директори иҷроияи ҷамъияти Библияи Ӯзбекистон***

***С.Митин***

*Собори Авлиё Алексей Московский дар Самарқанд*



инкишоф меёбад. Намояндагони эътиқоди диниашон гуногун, ки дар кишварамон ҳаёт ба сар мебаранд, ин сиёсати давлатамонро дуруст фаҳмида, дастгирӣ мекунанд.

Дар Ўзбекистон гарчанде дин аз давлат ҷудо аст, аз тарафи давлатамон оид ба таъмин кардани озодии эътиқод кори мураттаб ва муттасил бурда мешавад. Масалан, соли 2000 бино ба Фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон Архиепископи Тошканд ва Осиёи Миёна Владимир барои хизматҳояш дар роҳи мустаҳкам намудани таҳаммули байни динҳо бо ордени «Дўстлик» мукофотонида шуд.

Муносибатҳои мусулмонон ва намоядагони дигар динҳои Осиёи Марказӣ ба ҳурмати якдигар ва мурувват асос ёфтаанд. Ҳоло дар республикаамон намояндагони 16 конфессия озодона фаъолият доранд. Дар натиҷаи бомуваффақият паси сар кардани озмоишҳои мураккаби таъ-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонда, муносибататонро баён кунед.

*Одамонро айбдор накунед, он вақт шуморо ҳам айбдор намекунанд, вагарна агар шумо онҳоро чӣ гуна айбдор карда бошед, шуморо низ ҳамин гуна айбдор мекунанд. Айби дигаронро бо кадом мезон чен карда бошед, айби шуморо низ ҳамин тавр чен мекунанд.*

рихӣ муҳити таҳаммули динӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба сулҳ, тараққиёт ва беҳбудӣ хизмат мекунад. Зеро аз ин ҳолат намояндагони ҳамаи динҳо манфиатдоранд. Дар роҳи ин мақсади олиҷаноб ҳамаи конфессияҳо дар тадбирҳои маънавию маърифии дар кишвар ва хориҷ аз он ташкилшуда ислоҳотро барои боз ҳам мустаҳкам намудани таҳаммули динӣ ва суботи иҷтимоӣ дастгирӣ карда меоянд.



*Фаёзтепа 2000 сол пеш дар Ўзбекистон инкишоф ёфтани буддавиро исбот менамояд.*

Имрўз дар Ўзбекистон ҳар як конфессия ташкилоти динии худро дорад ва маросимҳояшро амалӣ мекунад. Конфессияҳо фаъолияти худро мувофиқи Қонуни Ўзбекистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» пеш мебаранд.

Асри XX дар таърихи башарият ҳамчун асри ду ҷанги ҷаҳонӣ содиршуда дохил шудааст. Тамоми аҳли ҷаҳон кўшиш дорад, ки асри XXI асри сулҳ бошад.Дар чунин шароит таҳаммули динӣ, мулоқоти байнидинӣ аҳамияти калон дорад. Ўзбекистон, ҳамчун кишвари таҳаммули анъанавии динӣ маълуму машҳур гардидааст, дар ин бобат вазифаи худро бошарафона адо карда истодааст.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар бобати фароҳам овардани муҳити таҳаммули динӣ дар диёрамон роли конфессияҳои ғайриисломӣ чӣ гуна аст?
2. Асосҳои таҳаммули динии ба халқи Ўзбекистон хос дар натиҷаи кадом озмоишҳои ҷараёнҳои мураккаб ба вуҷуд омадаанд?
3. Ба диёрамон омадани намояндагони мазҳаби католикӣ бо кадом воқеа алоқа дорад?
4. Саҳми конфессияҳои ғайриисломӣ дар ҷараёни солим намудани муҳити иҷтимоию сиёсии мамлакат дар чиҳо намоён мешавад?

# §17–18 САҲМИ МУТАФАККИРОНИ ДИЁРАМОН ДАР ИНКИШОФ ДОДАНИ ИЛМИ ҶАҲОНӢ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Инкишофи илму фанни асримиёнагӣ барои пешравии кадом илмҳои ин замон асос шуд? Дар ин бобат ҳиссаи мутафаккирони диёрамон аз чиҳо иборат аст?
2. Илму фан дар кадом шароит пеш меравад?
3. Олимони дар Осиёи Марказӣ ба камол расида дар кадом соҳаҳои илм фаъолият бурдаанд?
4. Зери ибораи «илмҳои исломӣ» чиро мефаҳмед?

## МАЪНАВИЯТИ ҒАНИЕ, КИ БО АҚЛУ ЗАКОВАТ ОФАРИДА ШУДААСТ

Дар ташаккули тафаккури авлоде, ки ба барпо намудани ҷамъият ва давлати нав қодир аст, ба худшиносии миллӣ мероси маънавию маданиамон, арзишҳои миллиамон аҳамияти калон дорад.

Бузург гардидани давлатамон, қудрат пайдо карданаш, пайдо намудани ҷои муносибаш дар ҷамъияти ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, ба сатҳи маънавии халқамон ва ифтихори он вобаста аст.

Халқамон дар тӯли асрҳо ба туфайли маънавияти бойи бунёдкардааш боифтихор зиндагӣ намуд, меҳнат

Дар сарчашмаҳо таъкид шудааст, ки мутафаккири бузург Абӯалӣ ибни Сино дар 17-солагиаш ҳангоми муолиҷа кардани Нӯҳ ибни Мансур (976-997) аз китобхонаи дарбор, ки «Дор-ул-илм» ном дошт, истифода бурдааст.

кард, ҳамеша барои озодӣ кӯшидааст. Айнан ҳамин шуури миллӣ, ғурури миллӣ таҳкурсии тиллоии ҳаёти имрӯзаамон аст.

Асоси ин пойдеворро алломаҳои бузургамон Берунӣ ва Форобӣ, Фарғонӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Хоразмӣ, Замахшарӣ, Бухорӣ, Имом Абӯисо Тирмизӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Навоӣ ва Улуғбек барин садҳо инсонҳои пуристеъдод гузоштаанд.

Дини ислом илмҳои табиатшиносӣ, психология, таърих, география, сотсиология, биология, умуман, ҳар кадом илмеро, ки барои инсоният зарур аст, пуштибонӣ менамояд.

Дар натиҷаи муносибати мусбии инсон ба илму фан дар дунёи исломи асрҳои миёна илм хеле пеш рафт ва ба тараққиёти тамоми ҷаҳон ҳиссаи калон гузошт.

Дар даври Ренессанси (Эҳёи) ислом дар асрҳои IX-XII бо хизмати бузурги ба илми ҷаҳонӣ гузоштаи Имом Бухорӣ, Абӯмансур Мотуридӣ, Абӯнаср Форобӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Хоразмӣ, Аҳмад Фарғонӣ, Бурҳониддин Марғинонӣ, бо фаъолияти академияи Маъмуни Хоразм вобаста бошад, зинаи дуюм даври Ренессанси Темуриён ба асрҳои XIV-XVI рост меояд. Хизмати Амир Темур, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Бобур Мирзо ба инкишофи илму фан, маданият беқиёс аст. Даври инкишофи илму фан, фалсафа, адабиёт дар асрҳои IX-XII ва XV дар Осиё ба ренессанси Европа таъсири калон расонд.

Алломаи машҳур Муҳаммад ибни Мӯсо Хоразмӣ ба тараққиёти математикаи замонавӣ, тригонометрия ва география ҳиссаи беқиёс гузоштааст. Ӯ системаи ҳисоби позитсионии даҳӣ, аломати сифр ва координатаҳои кутбҳоро аввалин шуда асоснок намуд ва дар амалиёт

***Муҳаммад ибни Мӯсо Хоразмӣ*** ба фанни алгебра асос гузошт, қоидаҳои аниқи баён кардани таълимоти илмӣ ва трактатҳоро кор карда баромад, ӯ муаллифи бисёр асарҳои оид ба астрономия, география ва назарияи иқлим мебошад.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ба расмҳои зерин бодиққат назар кунед. Дар асрҳои миёна барои кашидани ин гуна нақшаҳо ва тафаккур намудан кадом илмҳоро донистан зарур буд?
2. Манзараи расми 5-умро бо навиштаҷоти ҳикматомези пештоқи мадрасаи Улуғбек эзоҳ диҳед.
3. Ба гравюраҳое, ки дар китоби «Қонунҳои тибб»-и Абӯалӣ ибни Сино, ки дар асри XIV дар Италия нашр шудааст, нигоҳ карда ба саҳми Ибни Сино дар инкишофи тиббиёти дунё баҳо диҳед.



*Нақшаи аниқкунии қибла. Асри VIII. Муҳаммад ибни Мӯсо Хоразмӣ*



*Як қисми устурлоб. Асри X. Ибни Ироқ*



*Зарфи аниқкунии ҳаҷми оби фишурда баровардашуда. Асри XI. Берунӣ.*



*Ҷиҳозҳои тиббиёт. Асри XI*



*Улуғбек бо шогирдонаш. Миниатюра. Асри XVI*



*Гравюраҳое, ки дар китоби «Қонуни тиб»-и Абӯалӣ ибни Сино кор карда шудааст. Китоб дар асри XIV дар Италия нашр шудааст.*

 

*Иншооте, ки барои чен кардани сатҳи дарёи Нил аз тарафи Аҳмад Фарғонӣ сохта шудааст. Намуди берунӣ ва дохилӣ. Асри IX.*

татбиқ кард. Ҳамин тариқ, ба инкишофи фанҳои математика ва астрономия даври бузургро ба миён овард.

Хизматҳои аллома дар бобати инкишоф додани илму фан аз тарафи аҳли ҷаҳон эътироф шудааст. Аз байни олимони шарқ танҳо номи вай бо истилоҳҳои замонавии илмии «алгоритм», «алгебра» абадӣ гардонида шудааст.

Даври Эҳёи Шарқ муҳити ба худ хоси иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ ва илмиро фаро гирифта буд, ки ин даврро беҳуда даври «Эҳё» наномидаанд.

Дар асри IX Аҳмад Фарғонӣ дар асараш «Асосҳои астрономия» дар бораи сохти олам, ченаки замин маълумоти нахустин ва оид ба курамонанд будани сайёраамон далелҳо овардааст. Китоб то асри XVII дар донишгоҳҳои Европа ҳамчуи китоби дарсии асосӣ омӯзонида мешуд. Дар замони кашфиётҳои бузурги географӣ барои сайёҳон Колумб, Магеллан ва дигарон асоси илмӣ шуда хизмат кардааст. Аҳмад Фарғонӣ асбоби асосии астрономӣ дар асрҳои миёна--устурлобро кашф кардааст.

*Асри XI аз ҷониби ҳамаи таърихшиносони фанҳои табиатшиносӣ «асри Берунӣ» номида шудааст.*

*Абӯрайҳон Берунӣ аз Колумб 500 сол пеш назарияи худ дар бораи паси уқёнуси Ором ва Атлантика мавҷуд будани қитъаро баён карда буд.*

Ӯ дар дарёи Нил нилометр — иншооти машҳурро, ки воситаи асосии ченкунии сатҳи об буд, офаридааст.

Абӯнаср ибни Ироқ алломаи бузургест, ки «Птоломейи дуюм» ном гирифтааст. Ибни Ироқ асосгузори тригонометрияи фазовӣ аст. Вай бо кашфиётҳояш дар соҳаи математика ва астрономия шӯҳрат пайдо кардааст.

Абӯрайҳон Берунӣ беш аз 150 асар навиштааст, то замони мо фақат 31-тои он расида омадааст. Берунӣ дар илму фанни ҷаҳонӣ аввалин олимест, ки назарияи баҳрҳо ва ғояҳои нави оид ба сохтани глобуси курамонандро пешниҳод кардааст. Радиуси заминро чен карда баромад, ҳолати холигии онро эзоҳ дод. Таснифи минералҳо ва назарияи пайдоиши онҳоро кор карда баромад, ба фанни геодезия асос гузошт.

Абӯалӣ ибни Сино ба унвони файласуфи машҳуртарини олами ислом ва яке аз мутафаккирони бузургтарини башарият сазовор гаштааст. Ӯ тадқиқоти илмиашро аз 16-солагӣ сар кардааст. Дар давоми умраш беш аз 450 асар навиштааст. Асарҳои Ибни Сино оид ба тиббиёт ва фалсафа, мантиқ, кимё, физика, астрономия, математика, мусиқа, адабиёт ва забоншиносӣ аз тарафи олимони дунё эътироф шудааст. Леонардо да Винчи, Микеланчело, Фрэнсис Бэкон ва бисёр олимони дигар асарҳои ӯро хонда, ба ҳайрат афтодаанд.




*Китоби «Қонуни тиб»-и Абӯалӣ ибни Сино, ки дар асри XV дар Аврупо нашр шудааст.*

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. 15-16-уми майи соли 2014 дар шаҳри Самарқанд кадом анҷумани байналмилалӣ баргузор шуда буд? Мақсади анҷуман аз чиҳо иборат буд?
2. Дар бораи саҳми алломаҳои диёрамон дар инкишофи илму фанни дунё мулоҳиза ронед. Дар он давр дар дигар кишварҳои дунё ба масъалаи инкишоф додани илму фан эътибор чӣ гуна буд?

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Зарбулмасали халқии зеринро хонед ва дар бораи машаққати мутафаккирони аз диёрамон баромада дар бобати андӯхтани илмҳои гуногун нақл кунед.

   *«Бо илм машғул шудан ба кофтани чоҳ бо сӯзан баробар аст».*

2. Шумо андӯхтани кадом соҳаи илму ҳунарро дар назди худ мақсад гузоштаед? Барои расидан ба ин мақсад чӣ гуна ҳаракат менамоед?
3. Дар асоси расми зерин оид ба даври Эҳёи Шарқ ҳикоя кунед.



*Озад Ҳабибуллин, «Алломаҳои Шарқ».*

Асари бебаҳои «Қонуни тиб»-и ӯ имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст. Он аввалин китоби оид ба тиб аст, ки дар Аврупо дар асри XV чоп шудааст. Дар тӯли қариб 500 сол аз рӯи ин китоб дар донишгоҳҳои калонтарини Аврупо дарс гузаштаанд.

Ислом таълим медиҳад, ки омӯхтани илм барои ҳам мард ва ҳам зан фарз аст. Ҳар як марду зани мусулмонро барои аз бар намудани илм ҳидоят менамояд. Оид ба андӯхтани илм ва фазилатҳои олимон ҳадисҳо зиёданд.

Дастнависҳои алломаҳо ва мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ дар китобхонаҳои Европа ва Осиё — дар Британияи Кабир, Германия, Испания, Россия, Франсия, Миср, Эрон ва дигар мамлакатҳо хазинаи тиллоиро ташкил намудаанд.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

*Дар охири асри VIII дар китобхонаи калони мадрасаи имом Абўҳафс Кабири Бухорӣ (767-832) дар Бухоро қироатхонаи махсус мавҷуд будааст.*

*Ҳамаи илмҳо бо якдигар чунон узван алоқаманд шудаанд, ки онҳоро на алоҳида-алоҳида, балки якбора ҳамаашонро омўхтан осонтар аст.*

***Рене Декарт***

Алломаҳои намоёни диёрамон дар бобати донишҳои динӣ низ пешқадам будаанд. Масалан, Ибни Сино, Маҳмуд Замахшарӣ, Форобӣ, Беруниҳо оид ба Қуръон, ҳадис, таърихи ислом ва ҳуқуқшиносӣ асарҳо навиштаанд.

Аввалин даргоҳҳои таълим дар олами мусулмон — мадрасаҳо дар охирҳои асри VIII дар шаҳрҳои он замон марказҳои илмию маданӣ — Бухоро, Самарқанд, Насаф, Тирмиз, Хива, Шош (Тошканд), Марғилон фаъолияташонро сар кардаанд.

Ин марказҳои илмӣ самараи худро доданд, аз диёрамон муфассирҳо ва муҳаддисҳои бузург ба камол расиданд.

Яке аз муҳаддисони нахустин, ки аз ватани мо баромадааст, олими машҳур Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвазӣ (736-798) аст. Боз як нафар ҳамдиёрамон муҳаддиси бузург Имом Доримӣ (798-869) аст, ки дар Самарқанд таваллуд шуда буд. Асари ў бо номи «Ал-Муснад» аст, бо дигар ном «Сунан ад-Доримӣ» ҳам маълум аст.

Алломаи бузург Имом Бухорӣ наздики шаш сад ҳазор ҳадиси Муҳаммад (с.а.в.)-ро азёд намуда буд ва ба унвони шарафманди «султони илми ҳадис» сазовор гаштааст.



*Академияи Маъмун. Машварати олимон*

Асари «Ал-Ҷомеъ-ас-Саҳеҳ»-и муҳаддиси бузург ҳамчун манбаи муҳим баъди Қуръони карим буда, дар олами ислом ба баҳои баланд лоиқ аст.

Яке аз шахсиятҳое, ки ба шарафи шогирдӣ ва дӯстии Имом Бухорӣ муяссар гаштааст, Абӯисо Муҳаммад Тирмизӣ (824–892) аст. Аз байни асарҳои Имом Тирмизӣ машҳураш «Ал-Ҷомеъ-ас-саҳеҳ» аст ва яке аз шаш маҷмӯаи боэътимоди ҳадисҳо ба шумор меравад.

*Мақбараи Имом Бухорӣ*





## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ҳикояи «Имтиҳон шудани Имом Бухорӣ»-ро хонед. Оид ба истеъдоди ноёби ӯ мулоҳиза ронед.
2. Барои мустаҳкам намудани хотира чӣ гуна машқҳо зарур аст? Шумо барои мустаҳкам намудани хотираатон кадом машқҳоро иҷро мекунед? Ба фикри «Мутолиаи китоб ва ёд намудан хотираро қавӣ мекунад» чӣ муносибат доред?

## ИМТИҲОН ШУДАНИ ИМОМ БУХОРӢ

Вақте олимон ба Бағдод омадани Имом Бухориро шуниданд, барои аз имтиҳон гузаронидани он зот муҳаддисон сад то ҳадисро интихоб карда гирифта, матн ва иснодҳои онҳоро тағйир доданд (яъне, матни як иснодро бо матни дигар иснод ва иснoди як матнро бо иснoди дигар матн омехта карданд). Баъд онҳоро даҳтоӣ ба даҳ нафар тақсим намуданд. Ҳангоми ҷамъомад ба Имом Бухорӣ гуфтанро таъин карданд. Ба ҷамъомад ҳазорон олимони хуросонӣ, бағдодӣ ва дигарон омада буданд. Он шахсон ҳадисҳои ба онҳо супурдаро ба Имом Бухорӣ гуфта, аз ин хусус пурсиданд. Имом Бухорӣ ба ҳар кадоми онҳо «Ин гуна ҳадисҳоро намедонам» гуфта ҷавоб дод. Пас аз хатм шудани саволҳо ба шахсе, ки якумӣ шуда савол дода буд, рӯ оварда гуфт: «Аммо матни ҳадиси якуме, ки ту гуфтӣ, ба иснoди дигар ҳадис тааллуқ дорад, дурусташ ин тавр аст, иснoди дуюминаш ба ҳадиси дигар мансуб буда, дурусташ чунин аст...». Ҳамин зайл ба ҳар як даҳ нафар ҷавоб дод. Одамон диданд, ки ҳамаи иснoду матнҳои ҳадисҳоро ба ҷояш гузошт, қоил шуда, ба хотира, ақлу хиради ӯ тан дода, иззату икром ба ҷо оварданд.

*Аз Имом Бухорӣ пурсиданд; «Ин қадар ҳадисро чӣ гуна дар хотиратон ҳифз кардед?». Ў ҷавоб дод; «Ман ба ҳамаи илмҳои андўхтаам амал кардам».*

Алломаҳои бузурги Мовароуннаҳр дар бобати шариати ислом--фиқҳ низ пешқадам буданд. Яке аз ҳамон фақеҳони бузург Бурҳониддин Марғинонӣ (1123-1197) аст. Асари «Ҳидоя»-и ў аз замони эҷодаш то ин дам дар таълимгоҳҳои Шарқ ва Ғарб барои омўхтани шариати ислом ҳамчун яке аз асарҳои асосӣ истифода мешавад.

Боз як нафар олими машҳуре, ки дар асрҳои миёна фаъолият бурдааст, имом Абўмансур Мотуридӣ (870-944) буда, ў дар боби илми калом ба дараҷаи баланд расидааст. Таълимоти мотуридия бо номи ў вобаста аст. Абўмансур Мотуридӣ дар олами ислом бо номи пуршарафи «Саҳеҳгари эътиқоди мусулмонон» мушарраф шудааст.

Диёри Хоразм ҳам ба инкишофи илмҳои исломӣ ҳиссаи калон гузоштааст. Яке аз алломаҳои бузурги ин замин Маҳмуд Замахшарӣ аст. Сарфи назар аз он ки ў ногирон буд, аксари умри худро барои андўхтани илм бо сафарҳои кишварҳои дур гузаронид. Дар Макка қариб шаш сол зиндагӣ кард. Аз ин боис ў ба мақоми олии «Ҷоруллоҳ» («Ҳамсояи худо») сазовор шудааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Ҷумлаи «Сулҳу субот ба тараққиёти илму фан таъсири мусбӣ мерасонад»-ро бар асоси мисолҳои ҳаётӣ шарҳ диҳед.
2. Олимоне, ки дар академияҳои Маъмун ва Мирзо Улуғбек фаъолият нишон додаанд, дар кадом соҳаҳои илм кашфиётҳо намудаанд?
3. Дар бораи олимоне, ки дар даври Эҳёи (Ренессанси) Темуриён — асрҳои XIV-XVI ба инкишофи илм, маданият ва санъат, адабиёт саҳми гузоштаанд, маълумот гирд оваред.

# §19 ДИН ВА «МАДАНИЯТИ ОММАВӢ»

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Зери ибораи «маданияти оммавӣ» чиро мефаҳмед?
2. Маданияти оммавӣ ба инкишофи ҷамъият оё таъсир дорад?
3. «Маданияти оммавӣ»-и дохили нохунакро чӣ гуна мефаҳмед?
4. Таъсири «Маданияти оммавӣ» ба маънавияти ҷамъият чӣ гуна аст, оё он ҷиҳатҳои хавфнок дорад? Фикратонро асоснок кунед.

## МАФҲУМИ «МАДАНИЯТИ ОММАВӢ»

Мо ҳоло дар замони бошиддат ривоҷёбанда зиндагӣ мекунем. Аз ҳар тараф хурӯҷи ахборӣ, роҳгум занондандаҳо, маълумоти номақбул ва хатарнок, кӯшишҳо барои «забти» шууру тафаккури ҷавонон мавҷуд аст. Яке аз ин таҳдидҳо «маданияти оммавӣ» аст.

Зери ниқоби «маданияти оммавӣ» таҳдидҳо ва ҳаракатҳои хатарнокеро фаҳмидан лозим аст, ки ба тарғиби ғояҳои фасоди ахлоқӣ ва зӯроварӣ, индивидуализм, эгосентризм сафарбар карда шуда, ба анъана ва арзишҳои бисёрҳазорсолаи дигар халқҳо, решаҳои маънавии тарзи зисти онҳо беписандӣ намуда, ба вайрон сохтани онҳо нигаронида шудаанд.

Мақсади аслии он гурӯҳҳое, ки чунин ғояҳоро паҳн мекунанд, аз ҳисоби дигарон бой шудан аст.

*Эй, мардон, бикӯшед, то ҷомаи занон напӯшед.*

***Саъдии Шерозӣ***

## МАҚСАДИ «МАДАНИЯТИ ОММАВӢ»

Мақсади «маданияти оммавӣ» пеш аз ҳама сарвати иқтисодӣ гирифтан, одамонро ба якдигар зид гузошта ва якдигарро то худкушӣ расонидан аст. Дар натиҷа



*Ҷиҳатҳои мусбии маданияти оммавӣ*

тарғибгарони ин «маданият» ба сарвати дунё ҳукмрони ягона шуданро мехоҳанд.

Наврасони ҳамсоли шумо ҳавасманди ҳамсолони худ, навигариро зуд аз бар кардан мехоҳанд. Айнан ҳамин ҳолати иҷтимоию психологӣ сабаб мешавад, ки ҷавонон аксар вақт зери таъсири арзишҳои содда мемонанд.

Ҳоло ба ҷои маданият беахлоқиро тарғиб намудан, арзишҳои асили маънавиро писанд накардан, онҳоро мероси замони кӯҳна гуфтан ба тараққиёт, ба ҳаёти инсон, муқаддасии оила ва тарбияи ҷавонон хавфи калон оварда истодааст. Барои мисол никоҳи якҷинсҳо, беникоҳ зистан, бефарзанд гузаштан, яъни фарзандро муаммои зиёдатӣ ҳисобидан, қиёфаро ғайриоддӣ сохтан (дар бадан бо сӯзан ҳар гуна сурат кашидан ва шаклҳо додан), ба ҷони худ қасд карданро қаҳрамонӣ донистан барин оқибатҳои манфиро овардан мумкин. Ҳамаи динҳо бар зидди ин гуна ҳолатҳо мебошанд.

Пӯшидани либосҳои ба арзишҳои умумибашарӣ зидбуда «маданияти оммавӣ» аст. Масалан, пӯшидани шими зонуаш дарида ё ягон порчааш канда, шими танг ба сифати намоиши манманӣ, миён ё сари шикам кушода аз ҷумлаи онҳост.



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед ва оид ба «маданияти оммавӣ» ба амният чӣ гуна хавф оварданаш мумкин мисолҳо оред.

*Ҷиҳати фарққунандаи асри XXI аз нуқтаи назари муносибатҳои байналмилалӣ ва бехатарии миллӣ он аст, ки дар шароити глобализатсия (ҳамаро фарогирӣ) зиддиятҳои нав ба вуҷуд омада, онҳо ба бехатарии миллӣ таҳдидҳои навро ба вуҷуд овcovered*

Дар манбаи муқаддаси дини ислом Қуръони карим алоҳида таъкид шудааст, ки Худо инсонҳоро хушсурат офаридааст. Ғайр аз ин дар таълимоти ислом пок нигоҳ доштани ҷисми инсон, тоза ва хушбӯй гаштан тарғиб ёфта, аз ҳадди зебоӣ набаромадан зикр гардидааст.

Вақтҳои охир татуаж, растушовка, татуировка (ба бадан расм кашидан) ба ҳукми одат даромадааст. Ин ҷараёнҳо дарднок ва ба саломатии инсонҳо зарарнок аст.

*«Эй фарзандони Одам, барои шумо ҷомае фиристодем, то шармгоҳатонро бипӯшад ва низ ҷомаи зинат. Ва ҷомаи парҳезгорӣ аз ҳар ҷомае беҳтар аст. Ва ин яке аз оёти Худост, бошад, ки панд гиранд».*

**Сураи Аъроф, ояти 26-ум**

Дар бораи ҷараёни **«татуаж»**, **«растушовка»** мутахассисони соҳа фикрҳои худро баён намудаанд. Татуаж пардози перманентӣ, яъне ба аъзои рӯй--абрӯ, чашм ва лаб ранги дер вақт намерафтагӣ молидан, пардоз додан аст. Барои ба ин аъзо додани пардози перманент аз сӯзан истифода мебаранд, бо ёрии он ранги махсус фиристода мешавад. Ин дер вақт нигоҳ доштани пигментҳоро таъмин мекунад. Муоличаи пардози перманентӣ дарднок буда, як-ду соат тӯл мекашад.

Аммо ин зебдиҳии сохта ба асоратҳои ислоҳнопазир барои организми инсон сабаб мешавад.

Ҳангоми татуаж кардани абрӯ (қош) решаҳои он нобуд мешавад, ба рехтани онҳо сабаб мегардад. Ҳан-

*Ба воситаи асбобҳои татуировка инфексияҳои гепатити В, С ва ОИВ-ро сироят кардан мумкин. Ба гепатити С сироят шудани инсонҳои дорои татуировка хеле хатарнок аст, нисбат ба одамони оддӣ 9 баробар баланд мешавад.*



*Готҳо*

гоми татуажи чашм ин ҷараён ба қобилияти дидани вай таъсири бад мерасонад. Дар вақти татуажи лабҳо дар атрофи даҳон варам пайдо хоҳад шуд. Дар вақти муолиҷа ба воситаи сӯзан ҳар гуна инфексияҳо дохили организм мешавад, дар оқибати аз сӯрохиҳои пӯст гузаронидани ҳар гуна рангҳои кимёвӣ боиси бемориҳои аллергологӣ мешавад.

Татуировка ба рагҳои асаб зарар расонидан, дар тана сурат кашидан аст. Ин ҷараён ҳам дарднок буда, инсон худаш ба организм зарар мерасонад. Бино ба таъкиди мутахассисон, дар инсонҳои татуировка гирифта нишондиҳандаи беш аз 20 намуди бемориҳо баланд мешавад. Дар таркиби рангҳои татуировка омилҳои ба саратон оваранда мавҷуд аст. Дар таркиби рангҳо металлҳои барои инсон зарарнок, яъне унсурҳои сулфити симоб, кадмий, қӯрғошим, титан, алюминий, кобалт ҳаст.

Бактерияи **«mycobacterium haemophilum»** бемориҳои сил ва маховро бармеангезад, иммунитети одамонро суст мекунад. Ин бактерия фақат бо кашидани татуировка пайдо мешавад. Дар китоби муқаддаси насронӣ ҳам татуировка сиёҳ карда шудааст, ба бадан ҳар гуна чиз кашидан ё навиштан маҳкум гардидааст.

Боз як намуди «маданияти оммавӣ» «готҳо» аст. «Готҳо» (аз забони англисӣ «goths»-- маънои готҳо, варварҳо, одамони бемаданият, ҷоҳил ва нодонҳоро дорад) иллатҳои бад--беахлоқӣ, ғайриинсонӣ буданро тарғиб менамояд. Вай субмаданиятест, ки дар охири солҳои 70-уми асри XX дар Британияи Кабир пайдо шудааст. Хусусан, баъди он ки соли 1982 гурӯҳи мусиқии «Беткав» пайдо шуд, ба тарғиби тарзи зисти готҳо эътибор афзуд. Дар натиҷаи фаъолияти онҳо жанри мусиқии готик-рок пайдо шуда, дар байни ҷавонони англис машҳур гашт. Ғояи асосии ҳаракати готҳо романтикӣ нишон додани марг, изтиробу азоб, аз ифлосӣ

роҳат бардоштан буд. Намояндагони ин субмаданият ба имиҷи дорои ранги сиёҳ такя карданд, ба мусиқии готҳо завқ пайдо карда, ҳаётро якрӯза тасаввур менамуданд. Готҳо ба ҷои аз эҳсоси позитивӣ баҳра гирифтан, аз азоби рӯҳӣ, ноумедӣ завқ мегирифтанд. Готҳоро дар кӯю кӯчаҳо фарқ кардан мушкил нест.

Чуноне ки дар боло зикр шуд, намояндагони ин субмаданият ранги сиёҳро хуш дида, ба «дресс-код»-и ба ранги сиёҳ асосёфта амал менамуданд. Элементи асосии либоси готикҳо бештар либоси сиёҳ, ба металлҳо ҳар гуна ороиш додан мебошад. Ин мисолҳо далеланд, ки «маданияти оммавӣ» инсонро ба магнит табдил медиҳад. Инсон «ман»-ро гум мекунад. Барои вай ҳеҷ чиз қадрнок нест. Падару модар, фарзанд, арзишҳоро эътироф намекунанд.

Дар ҷамъияте, ки ҳеҷ чиз қадр надорад, инқироз ногузир мешавад. Одамони лоқайд зиёд мешаванд, ба арзишҳо, маданияти миллӣ осеб мерасад.

*Шумо фарзанди Худоятон-Сарварамон ҳастед, барои мурдагон худатонро набуред, пеши мӯйҳоятонро набуред.*

***Аҳди Қадим (қонуни дуюм, 14:1).***

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. "Маданияти оммавӣ» ба ҳаёти инсон чӣ гуна таъсир мерасонад?
2. Ба донишҳои аз фанни адабиёт андӯхтаатон такя карда, дар бораи таъсири мафҳуми «манқурт» ба ривоҷи ҷамъият фикратонро баён кунед.
3. Муносибати таълимоти динӣ ба «маданияти оммавӣ» чӣ гуна аст?
4. Шумо чаро «маданияти оммавӣ»-ро сиёҳ мекунед? Асоснок кунед.
5. Зарбулмасали халқии зеринро бо «маданияти оммавӣ» вобаста карда, эзоҳ диҳед: «Ҳама чизи чашмро рабуда тилло намешавад».
6. Дар расмҳои додашуда ҳолати тасвиршуда ба арзишҳои умумиинсонӣ чӣ гуна осеб мерасонад?

# §20 КСЕНОФОБИЯ ВА ДИН

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Истилоҳҳои ксенофобия, христианофобия, йудофобия, исламофобия-ро оё шунидаед?
2. Барои дар инсон пайдо шудани тарсу ваҳм бештар кадом ҳодисаҳо сабаб мешаванд?
3. Барои мағлуб кардани тарс ба чиҳо бояд эътибор дод?
4. Фарқи байни тарси биологӣ ва сунъӣ чист?

Ксенофобия (юнонӣ *ksenos* — бегона; *fobos* — тарс) маънои аз ягон чиз ё мафҳуми бегона, ношинос тарсиданро дорад.

Дар тиббиёт ин истилоҳ аз шахси бегона, чиз, ҳодиса ва монанди инҳо тарсидан ё аз онҳо ҳисси нафрат доштанро ифода мекунад. Аз чиз ё шахси бегона тарсидан хусусан дар кӯдакҳо баръало ба назар мерасад.

Ксенофобия ин ҳолатест, ки дар инсон нисбат ба ягон чизи ношинос аз ҳад зиёд ҳисси нафрат пайдо шуда, системаи асаб аз маҷро мебарояд.

Ин хусусияти психологии инсон бо қабули боҳаросонаи ҳар гуна навигарӣ, сарфи назар аз хуб ё бад бу-

*"Мо инчунин аз пурзӯршавии антисемитизм ва исламофобия дар ҷойҳои гуногуни дунё, нисбат ба ҷамоаҳои яҳудӣ, мусулмони араб зӯровариро, аз пайдо шудани ҳаракатҳои ҷудоихоҳии ба ғояҳои тарғибкунандаи нажодпарастӣ ва онҳоро поймолкунанда асосёфта ташвиши чуқур кашиданамонро эътироф мекунем».*

**"Баёния дар бораи барҳам задан ба ҳамаи шаклҳои поймолкунии нажодӣ», моддаи 61-ум.**

дани он, аз ба воҳима омадан иборат аст. Масалан, муносибатро нисбати кашфиётҳои наву оламшумули олимон, аз ҷумлаи Галилео Галилей (1564-1642), Николай Коперник (1473-1543) гирифтан мумкин. Дар охири асри XIX дар байни халқҳои маҳаллӣ «Ба хонае, ки бомаш аз тунука аст, фаришта намедарояд», «Картошка таоми мусулмонон нест» бирин фикрҳои мутаассибона паҳн шуда буд. Ҳоло ин масъала барои мо хандаовар аст. Аммо дар замони авҷ гирифтани ҷараёнҳои тамаддуни асри XXI ҳисси тарс нисбат ба навигариҳои мусбӣ дар байни инсонҳо аз байн нарафтааст. Объекти тарс дигар шуду халос.

Ғайр аз ксенофобияи динӣ намудҳои ксенофобияҳои миллӣ, нажодӣ мавҷуд аст. Нисбат ба ягон халқ (этнос) бо тарсу ҳарос назар кардан ва бо ин назарҳо ҳаракат намудан зуҳуроти ксенофобияи этникӣ аст. Ксенофобияи нажодӣ ё динӣ ба поймолкунии ҳуқуқ сабаб мешавад.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Гурӯҳи «Ку-клукс-клан», ки дар асри XIX дар ШМА ҳамчун ташкилоти миллатчии сафедпӯстон бар зидди сиёҳпӯстон пайдо шуда буд, дар оқибати ҳаракатҳои зӯроварию террористии онҳо бар зидди сиёҳпӯстон дар ҷамъият бисёр ноором иҳо сар заданд. Ин ташкилоти пинҳонкори бо номи «Нажоди сафедпӯстон» баъди ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861-1865 дар ШМА аз тарафи собиқ аскарони ҷанубӣ ташкил карда шуда буд. Онҳо ба «қурбони» сафедпӯст, ки ба нишон гирифта шуда буд, шохчаҳои дарахти дуб ё тухмҳои апелсинро партофта мерафтанд. Сиёҳпӯсти ин нишонаро гирифта маҷбур буд, ки гуфтагии онҳоро иҷро намояд ё аз мамлакат баромада мерафт. Вагарна онро марг мунтазир буд.

***Ку-Клукс-Клан. Белое движение в США. — Москва, 2001; McVeigh, Roru***





*Ксенофобияи нажодӣ ё динӣ ба поймолкунии ҳуқуқ сабаб мешавад.*

Ҳоло дар воситаҳои ахбори оммавӣ калимаҳои «терроризм» ва «ислом»-ро дар аксар ҳолатҳо якҷоя кор мефармоянд, дар оқибати он аз ислом тарсидан, яъне мафҳуми исламофобия пайдо шуд. Истилоҳи исламофобия аз охирҳои асри XX ба муомила даромад.

Ҷиҳати мафкуравии исламофобия аз он иборат аст, ки дар баъзе давлатҳои Ғарб аз як тараф принсипи дунёвӣ, аз тарафи дигар принсипи озодии виҷдон ба тартиб дароварда нашудааст.

Исламофобия баъзан дар шакли «паст задани динӣ» (дискриминатсияи динӣ) низ намоён мешавад. «Поймолкунии динӣ» маҳдуд кардани ҳуқуқҳои одамон аз рӯи мансубияти динӣ, мебошад.

Шаклҳои дискриминатсияи динӣ нисбат ба дигар динҳои ҷаҳонӣ ҳам истифода мешавад. Масалан, ин гуна муносибати манфӣ нисбати дини насронӣ бо истилоҳи «христианофобия», нисбати дини яҳудия «йудофобия» ифода мешавад.

Чунки воситаҳои ахбори оммавӣ аксар вақт аз дунболи маълумотҳои завқбахш, овозашаванда шуда, ба зудӣ барои расондани ахбор ҳаракат мекунанд. Дар ин роҳ тақдим намудани хабарҳои муносибати манфӣ нисбат ба миллат, нажод ва дин барангезанда роли калон мебозад.

Аз байни воситаҳои ахбори оммавӣ интернет имрӯз ҷои аввалро ишғол карда, зери истилоҳи «ислом»



Вобаста бо ҳолатҳои психологии инсон дар навбати худ якчанд намуди фобияҳо ҳастанд. Хусусан, «акрофобия» (аз баландӣ тарсидан), «агорафобия (тарс аз ҷойҳои серодам), «арахнофобия» (аз тортанак ва дигар ҳашаротҳо тарсидан), «астрафобия» (аз раъду барқ тарсидан), «клаустрофобия» (аз ҷойҳон танг ва пӯшида тарсидан) ва ҳоказо.

**Исламофобия** яке аз намудҳои ксенофобияи динӣ аст, ки ба сулҳу суботи ҷамъият рахна меандозад, он натиҷаи муносибати яктарафа нисбат ба дини ислом ва эътиқодмандони он ва вобаста ба ин нисбат ба объект ва мафҳумҳо, яъне муносибати манфӣ ба онҳо аст.

«ҷанг», «лашкар», «зӯроварӣ», «тороҷгарӣ» барин маълумотро паҳн мекунад.

Масалан, гурӯҳҳои экстремистии аз номи ислом фаъолият баранда манбаъҳои исломиро таҳриф карда ба манфиати худ мувофиқ кунонида талқин мекунанд, дар ин роҳ ҳеҷ чизи муқаддасро, на дину диёнат, на миллат ва Ватанро эътироф мекунанд, аз номи ислом хунрезиҳоро ҳамчун шарти ислом ба амал мебароранд ва ҳамин тавр ба пурзӯршавии исламофобия оварда мерасонанд.

Ҳар як инсони ба ислом эътиқодманд сарчашмаҳои муқаддасро, моҳияти онҳоро дуруст дарк карданаш зарур аст. Худи мусулмонон бояд донанд, манбаъҳои исломӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ зид нестанд. Айнан аз сабаби он ки ислом дини некӣ аст, онро бояд одилона дуруст талқин кунанд. Вагарна ба моҳияти ислом осеб расида, дар бораи ин дин дар байни инсонҳое, ки ин динро чуқур намедонанд, тасаввуроти нодуруст ҳосил мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Ба пайдоиши ксенофобияи динӣ кадом омилҳо сабаб шуданд?
2. Исламофобия ба маънавият таҳдид дорад ё не? Фикратонро асоснок кунед.
3. Оид ба моҳияти некии дини ислом фикратонро баён кунед.

# §21 ҒОЯИ СУЛҲ ДАР ДИНҲОИ ДУНЁ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Маънои суханони ҳикматноки «Дар ҷое, ки ҷангу ҷанҷол як рӯз содир шудааст, чил рӯз барака мепарад»-ро медонед?
2. Дар бораи оқибатҳои ҷанг ва вайронгариҳо фикр карда бинед.
3. Ба фикри шумо барои ҳимояи сулҳ ҳар кадоми мо чӣ гуна масъулият дорем?

*Бо якдигар ҳамфикр, ҳамдард шавед, якдигарро бародарвор дӯст доред. Ба якдигар бо меҳру шафқат ва хоксор бошед.*

***Аҳди нав. Мактуби якуми Пётр, боби 3, 8-12***

Тараққӣ намудани илму фан, маданият, иқтисодиёт ва дигар соҳаҳо ба сулҳу осоиштагӣ вобаста аст. Аз ин сабаб имрӯз масъалаи бехатарӣ дар дунё масъалаи муҳимтарин шуда мондааст. Ин фикрро сол то сол пурзӯр шудани сохтори мудофиаи давлатҳо, зиёдшавии хароҷот ба соҳаи ҳарбӣ тасдиқ мекунад. Аммо танҳо соҳиби яроқу аслиҳаи замонавӣ будан сулҳу осоишро таъмин намекунад. Зеро қувваҳои вайронгар дар ин замон пинҳонӣ амал карда, аҳолии бегуноҳро ба нишон гирифта, барои ин мақсад аз усулҳои қабеҳтарин истифода мебаранд. Дар нимаи дуюми асри XX мутаассифона, беш аз 300 низои ба сулҳ рахнакунанда қайд шудааст.

Ҳар кадом дин пайравони худро ба сулҳу инсонпарварӣ даъват мекунад. Ҳеҷ ягон дин хуни ноҳақ рехтан, барангехтани оташи ҷанг ва ифротгариро тарғиб намекунад.

Дини насронӣ дар дунё аз ҳама бештар паҳн шудааст. Аз таърих маълум аст, ки зери ниқоби ин дин ба мақсадҳои хунрезӣ истифода бурдаанд, бо номи

*Ба ҳеҷ касе бар ивази бадӣ бадӣ барнагардонед. Дар пеши назари одамон барои некӣ кардан кӯшед.*

*Агар илоҷаш бошад, аз дастатон ояд, бо ҳамаи одамон дар аҳлию амонӣ зиндагӣ кунед.*

***Аҳди нав. Мактуб ба римиҳо, боби 12, 17-18***

«Юришҳои салибӣ», «Инквизитсия» шаҳрҳои зиёд вайрон шуда, ҳазорон одамон ҳалок шудаанд. Ҳол он ки дини насронӣ бадӣ накарданро таълим медиҳад. Ин дин ҳам мисли динҳои дигар ба сулҳпарварӣ, некӣ кардан ва хайрхоҳӣ даъват менамояд.

Дар таълимоти буддавия ба ҳамаи чизҳои ҷондор бо муҳаббат муносибат намудан тарғиб мешавад, на ба ҳиссиёт, балки ба ақл такя намуданро талқин менамояд. Ғояҳои сулҳпарварӣ ва некӣ дар қоидаҳои «Панча шила» (санскритӣ — панҷ насиҳат)-и буддавия инъикос ёфтааст. Тибқи он буддоӣ аз қотилӣ, дуздӣ, гумроҳӣ, дурӯғ гуфтан, чизҳои сармасткунанда бояд парҳез кунад. Дар ин дин роҳиб бояд ба мулки дигар чашм ало накунад, бо нафрат назар накарда, оид ба адолат фикр ронад, аз инсонҳои лоиқ некиро дареғ надорад, дар доираи ахлоқ рафтор кунад.

Дини зардуштии дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада низ бо ғояҳи сулҳхоҳиаш фарқ мекунад. Инро аз таълимоти дар «Авесто» овардашуда «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» низ дарк кардан мумкин. Дар айни вақт дар фрагарди дуюми китоби Видевдат оид ба муҳим будани сулҳ фикрҳо баён шудаанд. Дар боби

*Дар байни халқ фитна барангехтан, кӯшишҳо барои паҳн кардани тӯҳмат ва иғво, ҳодисаҳо ё ҳаракатҳои ба сулҳ ва хотирҷамъӣ рахназананда ба моҳияти ислом мутлақо зид аст.*

*Агар ба худат озор нарасиданро хоҳӣ, дигаронро озор мадеҳ, агар дигаронро озор диҳӣ, худат ҳам озор мекашӣ. Ҳирсу ҳавас сабабгори ҳамаи бадбахтиҳо аст. Бо мурури вақт ҳама чиз дигар мешавад, аз ин боис ба ҳар чиз аз будаш бештар меҳр надеҳ, қалбатро пок дор, ҳақиқат ва саодати абадиро ҷустуҷӯ кун. Бадӣ накун, аз гуноҳ дур шав. Ҳамеша некӣ кун, агар дигаронро дӯст дорӣ, худат ҳам, дигарон ҳам хушбахт мешаванд. Гуфтаи дигаронро рад ва сиёҳ макун, барои худро хушбахт кардан дигаронро бадбахт кардан аз инсоф нест.*

**Буддо**



*Аҳимса — на фақат ба инсонҳо, балки дар айни замон ба мавҷудоти ҷондор зӯроварӣ накардан аст.*

12-уми китоби Ясно гуфта шудааст, ки ҳар як зардуштӣ дар қатори аз ҳамаи чизҳо нафсро доштан, аз чорворо тороҷ намудан. кирдори талафот оваранда ва вайронкунанда худро боздоштан зарур.

Аз динҳои миллӣ дар ҳиндугӣ ва ҷайнигӣ ғояҳои сулҳпарварӣ дар таълимоти қувваро истифода набурдан — «аҳимса» инъикос ёфтааст. Мувофиқи он дар рӯйи замин ифротгарӣ, на фақат ба инсонҳо, балки ба ҳамаи ҷонзотҳо озор додан манъ аст. Дар айни вақт дар ин таълимот ба зӯровар бо зӯроварӣ ҷавоб додан, ба ҷанг бо ҷанг зарба додан маҳкум карда шудааст.

Шукр намудан барои қадр намудани сулҳ, ҳаёти осоишта ва мустаҳкам намудани он шарти зарурист. Дар

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Оё фикр кардаед, барои он ки шумо хотирҷамъ зиндагӣ кунед, ба мактаб равед, истироҳат кунед, бомароқ рӯ ба рӯи телевизор шинед, барномаи дӯстдоштаатонро тамошо кунед, чӣ қадар одамон роҳати худро гум мекунанд?

таълимоти ислом ба ин ҷиҳати масъала низ эътибори алоҳида дода шудааст.

Дар таълимоти дини ислом зарурати ҳифзи сулҳи диёр, хотирҷамъии мардум, эҳтиёт кардани он, ба он футур нарасонидан, ки неъмати бузург аст, нишондодҳои қатъӣ дода шудааст. Ин масъала дар сарчашмаҳои муқаддаси дини ислом бисёр зикр шудааст.

Таълимоти ислом расидан ба қадри неъматҳои бузурги Аллоҳ таъоло — сулҳу хотирҷамъӣ, ҳушёр ва боэътибор будан даъват менамояд. Лоқайдӣ, беэътиборӣ, ношукрӣ не, балки эътироф намудани неъмати додашуда, эъзоз донистани он моҳияти шукронагиро ташкил медиҳад. Зарурати низоъҳои тарафҳоро ба муросо овардан, бо роҳи сулҳ ҳал кардан, агар ба сулҳи ҷамъият таҳдид шавад, нисбати ононе, ки таҷовуз ва зўрова-

*Ман ба ту сулҳу амониро зиёд карда медиҳам, ман сулҳатро баргашта медиҳам ва ҳимоя мекунам. Дар салтанати ман на шамоли сард, на хушкӣ, на азоб ва на марг мешавад.*

***Авесто***

«Ман ҳамчун Президент аз номи халқи Америка ва аз номи худам кафолат медиҳам, ки мо бар зидди терроризм ва экстремизм шадидан мубориза хоҳем бурд, дар ин роҳ сарфи назар аз он ки намояндаи кадом дин ҳастем, бояд муттаҳид шавем. Ҳифзу мустаҳкам намудани сулҳ дар рўи замин вазифаи асоситаринамон бояд бошад, гуфт Президенти ШМА.

Ин суханоне, ки аз минбари саммит садо доданд, албатта, ба мо ҳам маъқул шуд. Аз ҳамин нуқтаи назар нигарем, мо имрўз корҳоямонро дар роҳи инкишоф додани ҳаёти иҷтимоию маънавиамон ба зинаи нав бояд барорем, барои ин мақсад ҳамаи қувваю имкониятҳои давлатамон ва ҷамъиятамонро бояд сафарбар намоем.

**Аз нутқи Президенти Республикаи Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар анҷумани оид ба мавзўи “Таъмин кардани суботи иҷтимоӣ, ҳифз намудани шаффофияти дини муқаддасамон—талаби давр” дар 15 июли соли 2017.**

Дар ояти 208-уми сураи «Бақара»-и манбаи муқаддаси дини ислом— Қуръони карим зикр шудааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, ҳамагон ба итоъат дароед ва пой ба ҷойи пойи шайтон магузоред, ки ӯ душмани ошкори шумост». Калимаи «ҳамагон» дар ин оят чуноне ки дар китобҳои тафсир оварда шудааст, аз як тараф зарурати дар роҳи сулҳ муттаҳид шудани ҳама инсонҳоро, аз дигар тараф, барои субот бо кадом роҳе набошад, ҳисса гузоштанро ифода намудааст. Дар айни замон дар ояти Аллоҳ таъоло «Ба саломату эминӣ ба он дохил шавед!» (Ҳиҷр, 46) ҳаёти абадии аҳли биҳишт дар сулҳу субот, осудагӣ ва дар саломатӣ буданаш таъкид шудааст. Яъне, дар ин оят омадааст, ки сулҳу амонӣ на танҳо дар ин дунё қадр дорад, балки дар ҷаннат низ неъмати бузург буда, барои дар рӯйи замин фаровон, аҳлу тифоқ зиндагӣ ба сар бурдани инсон офарида мешавад.

*Ду неъмате ҳаст, ки аксарият инсонҳо ба қадри он намерасанд. Он хотирҷамъӣ ва сиҳативу саломатист.*

***Ҳадис***

риро давом доданианд, чораҳои қатъӣ ва фаврӣ дидан қайд шудааст.

Барои ҳимояи сулҳ ҳар кас бояд масъул бошад ва барои мустаҳкам намудани он ҳар кас бояд ҳисса гузорад. Даъватҳои зидди сулҳ дар баъзе ҳудудҳо боиси нооромиҳо, бесуботӣ, хунрезӣ ва худкушиҳо шудааст, дар ин вазъият дар мамлакати мо даъват шудааст, ки сулҳу осоиштагӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд, барои ин боз ҳам бояд аҳл ва муттаҳид шуда зиндагӣ кард.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар принсипҳои сиёсати хориҷии Республикаи Ўзбекистон кадом тамоилҳое мавҷуданд, ки ба ҳифзи сулҳ нигаронида шудаанд?
2. Дар таълимоти динҳои дунё ғояҳои ҳифзи сулҳ чӣ гуна талқин шудаанд?
3. Таълимоти дар «Авесто» зикршуда «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» ба сулҳпарварӣ чӣ гуна алоқа дорад?

# §22 МИССИОНЕРӢ — ТАҲДИД БА ОЯНДАИ ҶАВОНОН

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Дар бораи миссионерӣ ва прозелитизм чиҳо медонед?
2. Чӣ фикр доред, мақсади асосии миссионерон аз чӣ иборат аст?
3. Дар санадҳои қонунии Ўзбекистон оид ба миссионерӣ чӣ гуфта шудааст?
4. Миссионерӣ ба ҷамъият чӣ гуна таъсир мерасонад?

## СЕКТАҲО

Миссионерӣ яке аз иллатҳоест, ки мувозинати табиии байни динҳоро вайрон намуда, ба зиддиятҳои байни динҳо сабабгор шуда, хилофи қонун амал мекунад. Имрўз баъзе секта ва гурўҳҳо фаъолияти миссионерии худро ба фалаҷ намудани ҷамъият, мақсадҳои бадғаразона ва ҷамъкунии пул равона кардаанд. Фаъолияти онҳо ба ҳаёт, саломатӣ ва рўҳияти ҳазорон одамон, хусусан, ҷавонон таҳдиди ҷиддӣ карда истодааст.

Аксари сектаҳо истилоҳи «Ватан»-ро инкор мекунанд. Ин бошад, дар қалби инсонҳо кайфияти аз Ватан бегонашавӣ, нисбат ба тақдири онҳо лоқайд буданро ба вуҷуд меорад.

Баъзе аз ташкилотҳои миссионерӣ ба аъзоёни худ ба хизмати ҳарбӣ рафтанро манъ мекунанд. Ба ин гуна ғояҳо садоқати қатъиро талаб кардан моҳиятан таҳдид ба бехатарии миллӣ аст. Баъзе сектаҳо таълимоти «Библия»-ро бо мазмуни ғайриинсонӣ талқин мекунанд.

Дар баъзе сектаҳо хуни як инсонро ба дигараш гузаронидан гуноҳ ҳисобида мешавад. Агар дар вазъиятҳои ғайричашмдошт ба ягон кас хун додан аҳамияти ҳалку-

**Секта** — гурўҳест, ки бо даъвоҳои фақат худашро «дини ҳақ», инсонҳоро «ба наҷот расонанда» баромада, дар асл бошад, мақсадҳои муайяни сиёсию иқтисодӣ дорад.

нанда буданашро ба инобат гирем, ин гуна тарғиботи сектаҳо ба оқибатҳои фоҷианок оварда мерасонад.

## ТАКМИЛ ЁФТАНИ УСЛУБҲОИ МИССИОНЕРӢ

Миссионерҳо ба макону замон мувофиқ шуда, услуб ва воситаҳояшонро доиман такмил дода омадаанд.

Хусусан, вақтҳои охир онҳо ягон табақаи иҷтимоиро интихоб карда, бо ин табақа кори мақсаднок бурданро афзал донистаанд.

Аз ҷумла, миссионерон эътибори асосиро ба аъзоёни оилаҳои миллатҳои гуногун, қабл аз ин ба ягон дин эътиқод набаста, ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳи ахлоқ баромада, яъне ба инсонҳои эҳтиёҷманди моддию маънавӣ нигаронидаанд.

Дар айни вақт миссионерҳо дар ҳудудҳои корхонаҳои саноатӣ бо коргарон ва муваққатан бекор ва тадбиркорони хусусӣ кор карданро авло медонистагӣ шудаанд.

Инчунин бояд қайд кард, ки миссионерҳо ходимони соҳаи санъат, китобхонаҳо, муаллимони мактабҳои миёна, хизматчиёни идораҳои гуногун, объекти фаъоли тарғиботи онҳо қарор гирифтанашон бесабаб нест.

Мақсади миссионерон дар байни халқҳои муайян парваридани шубҳа нисбат ба эътиқоди худ, оҳиста-оҳиста пайдо кунонидани нафрат ба падару модар, ба миллат, ба Ватанаш аст.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ӯҳдадориҳои зерини шаҳрвандонро маҳдуд намудан оё мумкин аст ё дар кадом ҳолат ба дигар вазифа тағйир дода мешавад?

*Ҳимоя намудани Республикаи Ӯзбекистон қарзи ҳар як шаҳрванди Республикаи Ӯзбекистон аст.*

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 52-юм**

Ин мисолҳо ҳам нишон медиҳанд, ки доираи табақаҳое, ки объекти миссионерон интихоб шудаанд, мунтазам васеъ шуда истодаанд.

Миссионерон фишори муттасили тарғиботию ташвиқотиро ба амал бароварда, ба воситаи тазйиқи тадриҷии психологӣ одамонро ба дигар кардани эътиқодашон маҷбур мекунанд. Ин гуна ҳаракатҳои онҳо дар ниҳояти кор ба ташаккули кайфияти душмани байни инсонҳо ва байни конфессиявӣ замина месозад.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта 3315 нафар мемориали ном ба номи пайравони сектаҳо, ки бар асари рад кардани гузаронидани хун то соли 1995 курбон шудаанд, ташкил карда шуда буд.

## МИССИОНЕРҲО ВА БАЧАҲО

Миссионерон барои ташаккул додани тасаввуроти мусбӣ дар бораи онҳо ва бо ҳамин роҳ васеъ кардани майдони фаъолият ба корбарӣ дар байни бачагони мактабӣ эътибори алоҳида медиҳанд. Аз ҷумла, ба воситаи ташкили лагерҳои тобистонаи бачагон аз амалӣ намудани корҳои зарурии эътиқодӣ ва тарбиявию таълимӣ васеъ истифода мебаранд. Ин гуна ҳаракатҳоро дар ин самт дар Ӯзбекистон низ мушоҳида карда шуд.

Дар даври таътили тобистона ба ҷойҳои истироҳат бачаҳоро баровардан, ё дар ҳудуди калисо рӯзе камаш ду маротиба хӯрок додан дар якчанд баст, ташкил кар-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Аз тарафи шоҳидони Иегово аз соли 1930 то соли 1952 (дар давоми 22 сол) ба тарафдорони худ нагирифтани ваксинаҳои зидди бемориҳо манъ карда шудааст, аз соли 1967 то соли 1980 (дар тӯли 23 сол) манъ кардани гузаронидани пӯст ва дигар органҳо ба беморон ҳар як касро ба тааҷҷуб меандозад. Онҳо соли 1944 дар бораи қабул накардани хуни дигар кас манъи худро ҷорӣ намуданд ва он ҳанӯз амал мекунад.

*Ҳаракат воситаи аз ҳама аниқи қиёфаи инсонро ошкоркунанда аст. Инсон чӣ гуна ҳаракат кунад, он ҳамон хел аст.*

***Гегел***

дани лагери онҳо аз усулҳои фаъоли миссионерон ба ҳисоб меравад.

Одатан мегӯянд, ки ин гуна амалиёт бо бачаҳои шаҳрвандоне, ки ба калисо равуо мекунанд, ошкоро гузаронида мешавад. Аммо дар асл барои касе сир нест, ки ин гуна ҳаракатҳо барои «бачаҳои тарбияи эътиқодиашон дар канор монда» ташкил карда мешавад.

Онҳо ба воситаи шахсони ба калисо барои ибодат омадагон дар маҳалла ва мактабҳо эълон мекунанд, ки барои лагерҳо роҳхатҳои бепул дода, дар лагерҳо барои онҳо маҳфилҳои гуногун ташкил мешавад, бачаҳо он ҷойҳо истироҳати пурмазмун хоҳанд гузаронд, ба зиёрати ҷойҳои бостонӣ хоҳанд рафт ва ҳоказо.

Дар байни китобҳое, ки миссионерон паҳн менамоянд, будани «Инҷил» барои бачаҳо низ ҳолати тасодуфӣ нест. Аммо ин ҳам ба тактикаи миссионерон ҳамчун ҳолати табиӣ-қонунӣ аст.

*Ҳар кӣ бо мақсади он ки ӯро донишманд гӯянд, бо одами аз худ донотар баҳс кунад, нодонии худро ба намоиш мегузорад.*

***Саъдии Шерозӣ***

Дар калисоҳо ташкил кардани «мактабҳои якшанбегӣ» барои бачаҳо, дар ин мактабҳо бо иштирокчиён гузаронидани ҳар гуна тадбирҳо, ба саҳна гузоштани спектаклҳои бо таълимоти сектаҳо саршор, ҳамин тавр ба бачаҳои тайёргарии муайян гузашта тақсим карда додани адабиётҳои ба масеҳӣ даъваткунанда аз он далолат медиҳанд, ки миссионерҳо барои забти қалби бачаҳо усулҳои ба худ хосро мавриди истифода қарор медиҳанд.

## МУБОРИЗАИ ЗИДДИ МИССИОНЕРӢ

Масъалаҳои муборизаи зидди миссионерӣ дар Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» пешбинӣ карда шудааст.

Мувофиқи ин қонун «Ҳаракати диндорони як конфессияи динӣ барои ба дигар дин даровардан равона-

шуда (прозелитизм), инчунин дигар ҳар гуна фаъолияти миссионерӣ манъ карда мешавад. Шахсони барои вайрон кардани ин қоида айбдорбуда ба ҷавобгарии дар санадҳои қонунӣ муқарраршуда кашида мешаванд» (моддаи 5-ум).

Аммо ҳоло миссионерон аз аҳамияти устувор касб намудани арзишҳои демократӣ, ҳуқуқҳои инсон дар миқёси дунё низ ба мақсадҳои худ устокорона истифода бурда истодаанд.

Масалан, миссионерон аксар вақт дар ҳаракати худ қоидаҳои муҳимтарини ***«Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон»*** ва ***«Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ»***-ро рӯкаш мекунанд.

Зимни ин ҳаракатҳо онҳо ҳар як инсон ҳуқуқи озодии виҷдон доштанашро, аз ҷумла, ҳуқуқи дини худро тағйир додан, тоату ибодат кардан, озодона ба ҷо овардани расму оин ва маросимҳои динӣ барин қоидаҳоро ёдовар шуда, фаъолияташон гӯё қонунӣ буданашро даъво менамоянд.

Лекин дар банди 2-юми моддаи 18-уми ин ҳуҷҷат дигар кардани эътиқод бо ҳаракатҳои маҷбурӣ вобаста

*Агар шумо дар шуури ҷавонон кадом кайфият болотар буданашро гӯед, ман ба шумо табиати авлоди оянда чӣ гуна шуданашро гуфта медиҳам.*

**Эдмунд Берк**



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро бо мазмуни «Ҷавонони донишҷӯ — объекти асосии фаъолияти миссионерон» вобаста карда, фаҳмонед.

*«Дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои тамоми дунё 37 миллион донишҷӯ таҳсил мегиранд. Аксарияти онҳо баъд аз 20 сол соҳиби мансабҳои калон мешаванд».*

**П. Ҷонстоун. «Оператсияи дунё»**

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матнро хонед. Ба шаҳрвандон аз тарафи давлат ҳуқуқи озодии виҷдон дода шудааст, барои амалӣ намудани ин ҳуқуқ ба онҳо чӣ гуна ӯҳдадориҳо гузошта шудааст? Фикратонро асоснок кунед.

*Шаҳрвандон зимни амалӣ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба манфиатҳои қонунӣ, ҳуқуқу озодиҳои давлат ва ҷамъият осеб нарасониданашон шарт аст.*

**Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 20-ум**

набояд буданаш, дар банди 2-юми моддаи 20 қоидаҳо оид ба зарурати манъи қонунии ҳаракатҳои душманӣ ва бадғаразии диниро барангезанда мустаҳкам карда шудаанд.

Мақсади асосии миссионерон кадом як динро тарғиб кардан ё кадом дини дигарро суст кардан нест, балки ба сулҳу амонии диёре, ки мо он ҷо зиндагӣ мекунем, рахна зада, тараққиётро бар бод додан аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Секта гуфта чиро мефаҳмед?
2. Зарарҳои фаъолияти сектаҳо дар чиҳо намоён мешаванд?
3. Миссионерон дар бобати кор бо бачаҳо ба чиҳо эътибор медиҳанд?
4. Дар Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» ба миссионерӣ чӣ гуна муносибат баён шудааст?

# §23 МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ҚОНУН «ДАР БОРАИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИНӢ»

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон қайд шудааст, ки «Дар Республикаи Ўзбекистон ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳои якхела дошта, сарфи назар аз ҷинс, миллат, забон, дин, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мавқеи шахсӣ ва иҷтимоиашон дар назди қонун баробаранд». Оё шумо фикр кардаед, ки ин ҷо кадом арзишҳо дар назар дошта шудаанд?
2. Дар бобати таъмин намудани озодии виҷдон дар кишварамон чӣ гуна корҳои амалӣ иҷро карда мешаванд?

Дар моддаи 31-уми Конститутсия зикр шудааст, ки «Барои ҳама озодии виҷдон кафолат дода мешавад. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки ба дини хостагиаш эътиқод ё ба ягон дин эътиқод накунад. Ба маҷбуран бор кардани назарҳои динӣ роҳ дода намешавад».

Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» механизми қоидаҳои болоии констиутсионӣ мебошад. Дар моддаи 3-юми ин қонун ҳам қайд шудааст, ки озодии виҷдон ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки ба ягон дин эътиқод кунанд ё

*Ба ҷалб намудани бачаҳои ба воя нарасидагӣ ба ташкилотҳои динӣ, инчунин ба ихтиёри онҳо зид ё бар зидди ихтиёри падару модарашон ё шахсони ҷойгузини онҳо динро омўзонидан роҳ дода намешавад.*

***Аз моддаи 3-юми Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар борат озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ»***

ба ягон дин эътиқод накунанд, Ин ҳуқуқи конститутсионии вай аст.

Мувофиқи он шаҳрванд метавонад ба дин эътиқод намояд ё эътиқод накунад, ибодат ба ҷо оварда, дар расму оин ва маросимҳои динӣ иштирок ё иштирок нанамояд, ҳангоми аниқ кардани муносибати худ ба гирифтани таълими динӣ ўро бо ин ё он тарз маҷбур сохтан манъ мебошад.

Падару модарон барои он, ки фарзандонашон ба ҳар гуна равияҳои зарарнок шомил нашаванд, масъул ҳастанд. Онҳо барои маънавият, инчунин ахлоқу одоби фарзандони худ ҷавобгаранд. Ҳар як падару модар ба бачаҳои худ арзишҳои миллиашонро бояд дуруст фаҳмонанд.

Масъалаҳои дину эътиқод қисми узвии маънавияти инсон аст. Оид ба мазмуну моҳияти ин масъалаҳо аз бар кардани донишҳои васеъ ва асоснок ба ташкили дурусти фаъолияти ҳаётию амалӣ хизмат мекунад.

Дар натиҷаи ба соҳаи қонун даровардани меъёрҳои оид ба озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ барои фаъолияти расмии намояндагони ҳамаи динҳо имкониятҳои калон фароҳам омаданд.

Мақсади асосии қонун аз таъмин намудани озодии виҷдон ва ҳуқуқи эътиқоди динии ҳар як шахс, сарфи назар аз муносибати динӣ баробарии шаҳрвандон,

Ба дин эътиқод намудан ё озодии дигар эътиқодҳо ба дараҷаи зарурии таъмин кардани бехатарии миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон маҳдуд карда шуданаш мумкин.

***Аз Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар борат озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ"***

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

1-уми майи соли 1998 дар сессияи XI-уми Олий Маҷлиси Республикаи Ўзбекистон таҳрири нави аз 23 модда иборати Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» қабул шуд ва зимни тартиб додани ин қонун шароити ба худ хоси мамлакатамон, ҳуқуқу манфиатҳо ва менталитети аҳолии сокини он ба назар гирифта шуд.

Республикаи Ўзбекистон ҳамчун ифодаи садоқаташ ба принсипҳои демократӣ дар муносибатҳои байни давлат бо дин ва ташкилотҳои динӣ ба усулиятҳои зерин амал карданашро эълон намуд:

- ҳурмат кардани эҳсосоти динии диндорон;
- эътироф кардани кори хусусии шаҳрвандон ё ташкилотҳои онҳо оид ба эътиқоди динӣ;
- кафолати баробарии ҳуқуқҳои шаҳрвандони бо таълимоти динӣ амалкунанда ва шаҳрвандони ба онҳо амалнакунанда ва роҳ надодан ба таъқиби онҳо;
- дар роҳи эҳёи миллӣ, дар кори барқарор будани арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ барои истифода аз имкониятҳои ташкилотҳои динӣ зарурати роҳҳои бо онҳо мулоқот карданро ҷустуҷӯ намудан;
- эътироф намудани роҳ надодан ба истифодаи дин ба мақсадҳои ифротгарӣ.

инчунин муносибатҳои вобаста ба фаъолияти ташкилотҳои диниро ба тартиб даровардан иборат аст.

Қонун қоидаҳои «Пакти байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ»-ро эътироф менамояд.

Дин ва эътиқоди худро дигар кардани инсон аксар вақт ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад. Хусусан, дар оқибати чунин ҳаракатҳо дар муҳити оила ба муносибати падару фарзанд, бародару додар дарз рафтанашро ҳеҷ сафед кардан мумкин нест. Бо назардошти чунин ҳолатҳо дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ ҷавобгарӣ ҳам муайян шудааст. Масалан, дар қисми дуюми моддаи 240-уми Кодекси маъмурии Республикаи Ўзбекистон кирдор барои диндорони як конфессияро ба дигараш гузаронидан (прозелитизм) ва барои дигар фаъолияти миссионерӣ ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст.

**Прозелитизм** рафторест, ки барои диндори мансуб ба як конфессияро ба дигараш гузаронидан ҳаракат шудааст.

*Дар Конститутсия ва қонунҳои мо баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамаи шаҳрвандон сарфи назар аз миллат, забон ва динашон кафолат дода шудааст. Ба онҳо барои маданияти миллии худ, анъана ва урфу одатҳояшонро ҳифз кардан, ҳарҷониба инкишоф додан ҳамаи имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.*

**Шавкат Мирзиёев**

Дар қонунҳои Ўзбекистон инчунин тайёр кардан, нигоҳ доштан ва паҳнкунии нашрҳои матбаавӣ, маҳсулоти кино, фото, аудиоӣ, видеоӣ, ки ғояҳои экстремизми динӣ, сепаратизм ва бунёдпарастӣ (фундаментализм) доранд, ҳамчун ҳуқуқшиканӣ баҳо дода шудааст.

Хулоса карда гўем, дар ҳаёт татбиқ намудани Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» дар ҳаёти республикаамон воқеаи бузург шуд. Дар натиҷаи ислоҳоти ҳуқуқие, ки оид ба ин соҳа амалӣ мешавад, барои иҷрои вазифаҳои таъмини ба рўйихат гирифтани ташкилотҳои динӣ, онҳоро раҳбарӣ намудан, гирифта-

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед ва онро бо қоидаи зерини моддаи 4-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон вобаста карда, фаҳмонед: «Республикаи Ўзбекистон ҳурмат намудани забон, урфу одат ва анъанаҳои ҳамаи миллат ва қавмҳоеро, ки дар ҳудудаш истиқомат мекунанд, таъмин мекунад, барои инкишофи онҳо шароит фароҳам меорад».

*«Мақбарае бо номи Дониёр пайғамбар, ки дар даври Соҳибқирон Амир Темур дар шаҳри Самарқанд бунёд шудааст, аз тарафи намояндагони дини ислом, насронӣ ва яҳудия як хел эъзоз мешавад.*

*Халқи диёрамон дар давоми чандин аср ин қадамҷои муборакро ҳифз карда, обод намуда, нисбати он эҳтиром ба ҷо меорад».*

**Шавкат Мирзиёев**

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед. Имкониятҳои ба ташкилотҳои динӣ фароҳам намудаи давлатро дар асоси принсипи таҳаммулу мурувват таҳлил кунед.

*«Мақомоти идоракунии маркази ташкилотҳои динӣ чизҳои ба мақсадҳои динӣ истифодашаванда, адабиётҳои динӣ ва дигар маводҳои мазмуни динӣ доштаро мувофиқи тартиби санадҳои қонунии Республикаи Ўзбекистон ҳақ доранд истеҳсол карда, экспорт ва импорт, паҳн намоянд».*

**Моддаи 19-уми Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар борат озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ»**

ни пеши роҳи паҳншавии равияҳои ноанъанавии динӣ, такмил додани системаи таълими динӣ, инчунин чопу паҳн кардани адабиёти динӣ, таъмин кардани барқарории ҳаёти динӣ механизми ҳуқуқии ҷавобгўи талабҳои замон ба вуҷуд оварда шуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Моддаи 216$^{2}$- уми Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистонро хонда, ҷиҳатҳои субъективии риоя накардани санадҳои қонунии дар бораи ташкилотҳои диниро фаҳмонда диҳед. Субъекти ин ҷиноятҳо киҳо шуданашон мумкин? Объекти ҷиноят чист?
2. Дар мамлакати мо барои дастгирӣ кардани сулҳ ва аҳлии байни конфессияҳои динӣ чӣ гуна тадбирҳо гузаронида мешаванд?
3. Дар қонунҳои Республикаи Ўзбекистон барои прозелетизм чӣ гуна ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст?
4. Ба донишҳоятон аз фанни таърих такя намуда, дар бораи чӣ гуна таъмин шудани озодии виҷдон мулоҳиза намоед.
5. Зери мафҳуми «озодии виҷдон» чиро мефаҳмед?

# §24 НАҚШИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МУБОРИЗАИ ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМИ ЗЕРИ НИҚОБИ ДИН

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Оё фикр кардаед, ки чаро экстремистҳо барои амалӣ намудани мақсадҳои бадғаразонаашон динро ниқоб карда, ҳаракат мекунанд?
2. Ба фикри шумо мақсади асосии экстремистҳо ва террористон чист?
3. Муносибати намояндагони динҳои дунё ба ғояҳои экстремистон чӣ гуна аст?
4. Дар шуури инсон пайдо шудани ҷои холӣ (вакуум) оё барои ба ғояҳои экстремистӣ итоат намудан оварда мерасонад?
5. Барои он ки дар шуури инсон ҷои холӣ набошад, чиҳо бояд кард?

*Касе, ки дар маркази замин назорат ҷорӣ намояд, ӯ ба ҷазираи Дунё соҳиб мешавад, касе агар дар ҷазираи дунё назорат ҷорӣ намояд, ӯ аз болои Ҷаҳон ҳукмронӣ карда метавонад.*

***Ҷон Маккиндер***

Дар солҳои 90-уми асри XX дигар шудани харитаи сиёсии дунё, ба вуҷуд омадани давлатҳои нави мустақил, глобализатсияи ҷамъияти ҷаҳонӣ дар муносибатҳои замонавии байналмилалӣ барои ташаккули тартиботи нав омил шуданд.

Дар ин давр минтақаи Осиёи Марказӣ бино ба аҳамияти иқтисодию стратегиаш ҳамчун ҳудуди муҳими дунё эътироф шуд. Барои ин чунин омилҳо сабаб шуданд:

- Осиёи Марказӣ ҳудуди пайвасткунандаи роҳҳои бисёр муҳими нақлиёт ва коммуникатсияи байни шимол ва ҷануб, шарқ ва ғарб ба ҳисоб меравад;
- Осиёи Марказӣ дар нуқтае ҷой гирифтааст, ки тамаддуни Шарқ ва Ғарб ба ҳам вохӯрда, динҳои ислом, насронӣ ва буддоӣ ҷамъ гаштаанд;

- Захираҳои табиии минтақа (нефт, газ, тилло, уран, металлҳои ранга ва монанди инҳо) бой аст ва аксариятро ҳамчун оҳанрабо ҷалб карда истодааст.

Гурӯҳҳои баднияти ба ин сарватҳои моддӣ соҳибиро мақсад карда ҳаракат намуда истодаанд, ки аз ҳар як имконият истифода бурда, ба сарвати аз ҳама бузургамон — арзишҳои миллӣ ва маданиятамон таҳдид намоянд.

Мо ҳоло дар замони мураккаб зиндагӣ карда истодаем. Вақтҳои охир кишварҳои тамоми дунёро экстремизми динӣ ва терроризм сахт ба ташвиш овардааст. Ҷангҳои маҳаллӣ, муқовимати ҳарбӣ ва моҷароҳо, хурӯҷҳои террористӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё ба бехатарии байналмилалӣ таҳдид менамояд. Ҳоло экстремизми динӣ ва терроризми байналмилалӣ барои кишварҳои динӣ на фақат ба масъалаи амнияти берунӣ, балки ба масъалаи ба бехатарии дохилӣ дахлдор табдил ёфтааст. Чунки ташкилотҳои динии экстремистӣ ва террористии байналмилалӣ бо усулҳои ҷанговарона кӯшиш карда истодаанд, ки гурӯҳҳои барои ғасби ҳуку-

**Эстремизми динӣ** арзишҳои динии анъанавии ҷамъият ва маҷмӯи аҳкому ақидаҳоро инкор карда, «ғоя»-ҳои ба онҳо зид ва амалҳоро агрессивона (таҷовузгарона) тарғиб намудан аст.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ

Ҳаракатҳои террористӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ солҳои 1990-1996 дар давоми ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон, солҳои 1999-2001 дар вилояти Боткенти Қирғизистон, дар ҳудуди мамлакатамон соли 1990 дар Намангон ва Андиҷон, соли 1999 дар Тошканд, солҳои 1999-2001 дар вилоятҳои Сурхондарё ва Тошканди Ӯзбекистон, моҳҳои март-апрели соли 2004 дар шаҳри Тошканд ва вилояти Бухоро, моҳи июли соли 2004 дар шаҳри Тошканд, соли 2005 дар Андиҷон содир шуданд.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро бодиққат хонед. Дар бораи анъанаҳои таҳаммулпазирии ба халқамон аз азал хос фикратонро баён кунед:

*«Давлати мо давлати бисёрмиллат ва бисёрконфессия аст. Ҳоло дар мамлакати мо намояндагони беш аз 130 миллат ва халқият ҳамчун фарзандони як оилаи аҳлу тифоқ зиндагӣ ба сар мебаранд. Дар ин бобат, бешубҳа, анъанаҳои таҳаммулпазирии ба халқамон аз азал хос нақши муҳим бозида истодаанд».*

мат муборизакунандаро ташкил намуда, онҳоро ҳарҷониба рағбатнок ва дастгирӣ мекунанд.

Республикаи Ўзбекистон баъди расидан ба истиқлол бо назардошти дар миқёси минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ хавф доштани мутаассибӣ, экстремизм ва терроризм ғояи бо ҷамъияти ҷаҳонӣ якҷоя мубориза бурданро ба муқобили ин хавф аз минбарҳои ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ эълон намуд. Хусусан, Президенти нахустини Республикаи Ўзбекистон Ислом Каримов 28 сентябри соли 1993 дар маҷлиси 48-уми Ассамблеяи умумии СММ маърўза карда, аҳли ҷаҳонро ба муттасил омўхтан ва ҳал намудани муаммои Афғонистон даъват намуд.

Ўзбекистон барои ба тартиб даровардани ҷараёнҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди экстремизми динӣ ва терроризм, гирифтани пеши роҳи паҳншавии ғо-




*Мемориали миллӣ ва музее, ки ба ҷои манораҳои бар оқибати кирдори террористии соли 2001 яксоншуда бунёд гардидааст. Ню-Йорк*

**Бунёдгароӣ** — ақидапарастӣ (араб. *ақида* — боварӣ) дар шароити муайян ба ягон ғоя ё усулият (принсип) қатъӣ бовар карда, онро мутлақ донистан ва дар асоси он қоидаю тартиботро ташкил карданро мақсад қарор додан, шароит, ҳолат, вазъиятро ба ҳисоб нагирифта, онро кӯр-кӯрона дастгирӣ намуданро мефаҳмонад.

**Экстремизм** (франс. — *extremisme*, лотинӣ *extremus* — қатъӣ, охирин) тарғиб ва ба амал баровардани ғояҳои зидди қонуну қоидаҳои муайяни ҷамъият қабулкарда.

яҳои экстремистӣ дар сиёсати дохилии худ чораву тадбирҳои заруриро амалӣ карда меоянд.

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ва таҳрири нави Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ», ки 1-уми майи соли 1998 қабул шудааст, дар баробари муҷассам намудани асосҳои ҳуқуқии фаъолият дар самти мазкур ба паҳн шудани ғояҳои экстремистӣ дар зери ниқоби дин нуқта гузошт.

Республикаи мо дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм ва бо манбаъҳои молиявии он — наркобизнес ва наркотрафик сиёсати қатъӣ мебарад. Соли 1999 қабул шудани Қонун «Дар бораи воситаҳои нашъамандӣ ва моддаҳои психотроп», соли 2000 Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва 1-уми январи соли 2006 Қонуни эътибор пайдокарда «Дар бораи даромади аз фаъолияти ҷиноӣ гирифтаро легализатсия кардан ва муборизаи зидди аз ҷиҳати молиявӣ таъмин кардани терроризм» ҳам фикрамонро тасдиқ менамоянд.

Солҳои гузашта республикаи мо чандин ҳуҷҷатҳои байналмилалии вобаста ба муборизаи зидди терроризмро ратификатсия кард. Аз ҷумла, 24-уми апре-

Бино ба маълумоти департаменти давлатии ШМА, дар рўи замин соле беш аз 10 ҳазор кирдори террористӣ содир мешавад.

Дар оқибати ин ҳаракатҳо беш аз 70 ҳазор нафар бевақт аз ҳаёт чашм мепӯшанд, 80 фоизи онҳоро бачаҳои ба воя нарасида ташкил медиҳанд.

Бино ба маълумоти статистикии байналмилалӣ ҳоло дар дунё беш аз 500 ташкилоти террористӣ мавҷуд аст.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед, ҷангҳо ба чӣ қадар оқибати вазнин меоранд? Аз ин хусус мулоҳиза ронед.

*Дар ҷанг подшоҳи ғолиб ва хушбахт, лашкари ғолиб ва хушбахт, давлати ғолиб ва хушбахт, сохтори ғолиб ва хушбахт шуда метавонад. Аммо одами ғолиб ва хушбахт намешавад. Зеро ҷанг одамро барои куштани одам маҷбур мекунад. Одами одамро кушта ҳеҷ гоҳ хушбахт намешавад.*

***Ўткир Ҳошимов, «Қайдҳо дар ҳошияи дафтар»***

ли соли 2000 бо ташаббуси Президенти нахустини Республикаи Ўзбекистон Ислом Каримов дар шаҳри Тошканд аз тарафи раҳбарони Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ўзбекистон созишнома оид ба решакан намудани терроризм ҳамчун ҷинояти сахттарин ва 21-22-июни ҳамон сол дар мулоқоти раҳбарони ИДМ низ оид ба ин масъала ҳуҷҷати муҳим имзо карда шуд.

Инчунин Олий Маҷлиси Республикаи Ўзбекистон якчанд Конвенсияи байналмилалиро, аз ҷумла, «Дар бораи гирифтани пеши роҳи ҷинояти генотсид ва барои содир кардани он ҷазо додан» (12 январи соли 1961 эътибор пайдо кардааст), «Дар бораи мубориза зидди ба кироя гирифтани ҷиноятгарони кироя, истифодаи онҳо, молиявӣ таъмин намудан ва омўзонидани онҳо» (12 январи соли 1989 қабул шудааст), «Дар бораи мубориза бар зидди терроризми бомбадор» (16 декабри соли 1997), «Дар бораи бо мақсади ёфтани моддаҳои таркандаи пластикӣ онҳоро маркировка кардан» (соли 1991) ва монанди инҳоро ратификатсия кард.

Ин гуна тадбирҳое, ки республикаи мо бар зидди терроризм ба амал мебарорад, барои таъмини сулҳу амонӣ аҳамияти калон дорад. Хусусан, фаъолияти чандин идораҳои давлатӣ, аз ҷумла, вазоратҳои мудофиа, вазъиятҳои фавқулодда ва корҳои дохилӣ, хизмати амнияти миллӣ, идораҳои сарҳадӣ, гумрук (боҷхона) ва прокуратураро дар мубориза бар зидди терроризм мунтазам ба роҳ мондан талаби рўз аст.

Республикаамон якчанд шартномаҳои байналмилалии зидди терроризмро ратификатсия карда, ўҳдадориашро аз рўи онҳо муттасил иҷро менамояд. Дар айни замон оид ба ин масъалаҳо ташаббусҳои онро алоҳида бояд таъкид кард.

СММ оид ба гирифтани пеши роҳи терроризм ва мубориза зидди он 13-то ҳуҷҷат (11 Конвенсия ва 2-то протокол) қабул кардааст. Ҳоло Ўзбекистон 12-то ин гуна шартномаи байналмилалиро ратификатсия кардааст. Аз ҷумла, аз байни онҳо ҳуҷҷатҳо «Дар бораи мубориза бар зидди амалҳои ғайриқонунии ба бехатарии авиатсияи мусофирбар таҳдидкунанда» (соли 1971), «Дар бораи гирифтани пеши роҳи ҷиноятҳои зидди шахсони аз ҳимояи байналмилалӣ истифодабаранда, аз ҷумла агентҳои дипломатӣ ва барои ин гуна ҷиноятҳо ҷазо додан» (соли 1973), «Дар бораи муборизаи зидди ба гарав гирифтани одамон» (соли 1979), «Дар бораи ҷисман ҳимоя намудани таҷҳизоти ядровӣ ва материалҳои ядровӣ» (соли 1980), «Дар бораи муборизаи зидди амалҳои ғайриқонунии ба бехатарии киштиронии баҳрӣ таҳдидкунанда» (соли 1988), «Дар бораи муборизаи зидди терроризми бомбадор» (соли 1997), «Дар бораи муборизаи зидди молиявӣ таъминкунии терроризм» (соли 1999) барин конвенсияҳоро номбар кардан мумкин.

Ҳоло СММ лоиҳаи конвенсияи байналмилалии «Дар бораи муборизаи зидди хурӯҷҳои терроризми ядровӣ» ва «Консепсияи умумии оид ба муборизаи зидди терроризм»-ро тайёр карда истодааст, ки бо ташаббусҳои Республикаи Ўзбекистон дар бобати мубориза бар зидди терроризм ҳамоҳанг аст.

Ўзбекистон дар доираи Шӯрои Европа ҳам 7-то шартномаи байналмилалии оид ба муборизаи зидди терроризмро имзо кардааст.

Республикаи Ўзбекистон дар масъалаҳои муборизаи зидди экстремизм ва терроризм дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Ташкилоти ҳамкории Шанхай, Ташкилоти ҳамкории иқтисодии Евроосиё, Ташкилоти ҳамкории исломӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ низ фаъол иштирок менамояд.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Барои ба муаммои глобалии замони ҳозира табдилёбии муаммои терроризми байналмилалӣ кадом сабабҳо вобастаанд?
2. Хусусиятҳои асосии экстремизми динӣ аз чиҳо иборат аст?
3. Шумо барои ҳимояи ҷамъият аз ғояҳои экстремистӣ-динӣ чӣ гуна таклифҳо баён мекардед?
4. Ҳифзи арзишҳои маънавӣ чаро зарур аст?

## БАРОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ

- Соли 1993 дар сессияи 48-уми СММ Президенти нахустини Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримов оид ба мустаҳкам намудани амнияти минтақавӣ ва паҳн нашудани аслиҳаи ядровӣ ва халъи силоҳ таклифҳо баён намуд.
- Соли 1995 дар сессияи 50-уми Ассамблеяи умумии СММ Ӯзбекистон бо ғояи барои ба Афғонистон надаровардани яроқу аслиҳа эмбаргои байналмилалӣ ҷорӣ кардан баромад.
- Соли 1997 бо ташаббуси мамлакатамон гурӯҳи мулоқоти 6+2 (Эрон, Хитой, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, ШМА ва Россия) фаъолият нишон дод.
- Соли 1999 «Дар бораи принсипҳои бо роҳи сулҳомез бартараф намудани муаммоҳои Афғонистон» баёнияи Тошканд ба имзо расид.
- Дар саммити ташкилоти НАТО (Бухарест, соли 2008) бо мақсади бо роҳи сиёсӣ ҳал намудани моҷарои Афғонистон, расонидани ёрии иқтисодӣ ба он фаъолияти Гурӯҳи мулоқот 6+3 (бо иштироки НАТО) намоён гардид.
- Соли 1999 дар саммити Ташкилоти бехатарӣ ва ҳамкории Европа дар Истамбул Ӯзбекистон ғояи ташкил кардани Маркази байналмилалии мубориза бар зидди терроризмро пешниҳод карда буд. Сентябри соли 2001 ин ғоя бо таъсиси кумитаи аксултеррор дар доираи Шӯрои амнияти СММ тасдиқи худро ёфт.
- Соли 2002 бо пешниҳоди Ислом Каримов Маркази мувофиқсозии ахбори минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба муборизаи зидди муомилаи ғайриқонунии воситаҳои нашъамандӣ ва моддаҳои психотропӣ ташкил карда шуд.
- 6-уми майи соли 2014 бори аввал баъди ташкил шудани СММ панҷ давлати дорои яроқи ядровӣ — ШМА, Британияи Кабир, Франсия, Хитой ва Россия шартномаи дар бораи дар Осиёи Марказӣ ташкил кардани минтақаи аз яроқи ядровӣ холиро имзо карданд.

# §25 ДИН ВА МАДАНИЯТИ ИСТЕЪМОЛИ АХБОР ДАР КИБЕРМАКОН

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Фикри: «Касе, ки ахборро соҳибӣ намояд, дунёро соҳибӣ мекунад»-ро чӣ хел мефаҳмед?
2. Вақте, ки маълумотҳои расмӣ ва норасмии Интернет мегӯянд, шумо чиро мефаҳмед?
3. Паҳн кардани хабари дурӯғ, нооромнамудани оромии касе дар арзишҳои миллиамон чӣ гуна баҳо мегирад?
4. Муносибати шумо ба хабари шахсони номаълум ба телефони дастиатон ё почтаи электрониатон чӣ хел аст?

## КИБЕРМАКОН

Ҳоло ҷиноятҳое, ки ба воситаи Интернет содир мешаванд, хеле зиёд шудаанд. Онҳо дар кибермакон барои худ «лона» сохта, дар миқёси глобалӣ сабабгори ба вуҷуд омадани таҳдидҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва мафкуравӣ мешаванд.

Мафҳуми «кибермакон» бори аввал соли 1982 ба истеъмол даромад. Кибермакон аз калимаҳои «кибернетика» ва «макон» иборат аст.

Асоси техникии кибернетикаро машинаҳои ҳисоби электронӣ--компютерҳо ташкил мекунанд. Киберма-

*Бисёр гуфтани ҳар чизи шунидаи кас барои дурӯғгӯии вай далели заруруист.*

***Ҳадис***

**Кибернетика** (юнонӣ, санъати идоракунӣ) — фаннест, ки бо ахборро қабул намудан, онро аз сари нав кор кардан ва аз он барои идора кардани ҷараёнҳои гуногун истифода бурдан машғул мешавад.

**Ахбор** сарфи назар аз шакли тасаввур маълумот дар бораи шахсон, воқеаҳо ва ҷараёнҳо аст.

**Информатсия** -(лот. informatio--фаҳмондан, маълум намудан)-- яке аз мафҳумҳои асосии кибернетика буда, ҷамъи нишондиҳандаҳо, маълумотҳо, хабарҳо аст ва ҳ.к.

**Маданияти истеъмоли ахбор** - қуввааи маънавию рӯҳиест, ки бар зидди ахбороти барои аз маҷро баровардани маънавияти инсон равона карда шудааст.

кон ба туфайли ахборро фиристодан ва қабул кардан ба воситаи муҳими идоракунии ҷараёнҳои гуногун ва таъсиррасонӣ ба онҳо табдил ёфтаанд.

Ҳоло терроризми хавфи глобалӣ дошта ба олами интернет низ даромад, аз ин сабаб истилоҳи «кибертерроризм» пайдо шуд.

Кибертеррорчиҳо аз технологияҳои ахбор истифода бурда, барои гузаронидани таъсири сиёсӣ, динӣ ва мафкуравӣ ҳаракат менамоянд. Дар ин ҷараён аз хизмати хакерҳо истифода мешавад.

Хакерҳо ба захираҳои маълумоти идораҳои давлатии бисёр мамлакатҳо, сохтори молия, ташкилотҳои байналмилалӣ ҳуҷум ташкил намуда, бетартибиро ба вуҷуд меоранд.

Кибертеррорчиён ба завқи наврасон нигоҳ карда, онҳоро ба тамошои ҳар гуна видеолавҳаҳо ва суратҳо ҷалб мекунанд. Бо ҳамин усул ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ осеб мерасонанд. Дар натиҷа ба воситаи ташаккули инсонҳои манқурт муҳити оромӣ ва суботи кишварҳоро аз роҳ мебароранд.

Кибертеррорчиҳо барои расидан ба мақсадҳояшон аз омили динӣ истифода бурда, қалби инсонҳоро забт карданӣ мешаванд. Ба воситаи нодуруст талқин кардани донишҳои динӣ ташаккул додани кайфияти мутаассибӣ дар ягон ҳудуди муайян мақсади асосии онҳо ба ҳисоб меравад.

## АХБОР

Дар шароити глобализатсия ба зудӣ паҳн намудани маълумот бо воситаҳои замонавӣ мушоҳида мегардад. Манъкуниҳои сиёсӣ, сарҳадоти давлатӣ ба пахши хаба-

ру маълумотҳо ба воситаи интернет хавфи калони моддию маънавӣ оварданашонро дар мисоли чандин давлатҳо дидан мумкин.

Дар хабарҳои норасмӣ тарғиботи ғояҳои вайронгар ва даъватҳо ба террор бисёр ба назар мерасанд. Аз ин сабаб боло бурдани сатҳи маданияти истеъмоли ахбор зарурати ҳаётӣ шудааст.

Зеро инқилоби муосири илмию техникавӣ асосҳои моддии ҳаёти ҷамъиятро ба тартиб даровард. Сатҳи зиндагии халқҳоро на ҳудуди онҳо зиста ё ресурсҳои табиии онҳо, балки салоҳияти ахборӣ, интеллектуалӣ ё маънавии онҳо муайян менамояд.

**Таҳдиди информатсионӣ** — таҳдиди воқеии таъсири ахбор.

**Хавфи информатсионӣ**— таъсири воқеии информатсионии қувваҳои муайяни сиёсию ичтимоӣ ба манфиатҳои ҷамъият ва давлат аст.

## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матни зеринро хонед ва мазмуни онро бо мафҳуми маданияти истеъмоли ахбор эзоҳ диҳед.

*«Эй касоне, ки имон овардед, агар фосиқе бароятон хабаре овард, таҳқиқ кунед, мабодо аз рӯи нодонӣ ба мардуме осеб бирасонед, он гоҳ аз коре, ки кардаед, пушаймон шавед!»*

**Қуръони карим. Ҳуҷурот, ояти 6-ум.**

*Ҳар кас ҳуқуқи озодии фикр кардан, сухан ва эътиқодро дорад. Ҳар кас ҳуқуқи ахбори дилхоҳашро ёфтан, гирифтан ва онро паҳн карданро дорад, ахбори бар зидди сохти конститутсиявии ҷорӣ ва дигар маҳдудкуниҳои бо қонун муқарраршуда аз ин истисно аст.*

**Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 29-ум**

**Маданияти истеъмоли ахбор** — донишҳо, қобилият ва малакаест, ки аз дунёи ахбор ҷудо карда гирифтани маълумотҳои ба некӣ ва тараққиёт хизматкунандаро ифода мекунад.

## МУБОРИЗА БАРОИ ШУУРИ ИНСОН

Ахборе, ки ба заҳролуд намудани шуури инсон бо ғояҳои бегона равона карда шудааст, баъзан онҳоро аз роҳи солим мезананд, айнан дар манбаҳои норасмӣ паҳн мешаванд.

Имрӯз, ки дар натиҷаи ҳуруҷҳои ахборӣ халалдор шудани дахолатнопазирии сарҳадҳои давлатҳо рӯй медиҳад, полигонҳои мафкуравӣ аз полигонҳои ядровӣ ҳам бештар қудрат доштанашонро нишон медиҳад. Мақсади асосии ҷанги ахборӣ ба оромии шахс ё мамлакат таҳдид карда, аз гузаронидани фишор иборат аст.

## МУЛОҚОТИ ВИРТУАЛӢ

Воситаҳои мулоқоти виртуалӣ бо мақсади мубодилаи ҳар гуна файлҳо ва хабарҳо ба роҳ монда шудаанд.

Ҳоло маълумотҳое, ки аз тариқи мулоқоти виртуалӣ фиристода мешаванд, фақат дигаронро ба ҳайрат меоранд ва дуруст ё нодуруст будани онҳо аҳамияте на-

### ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Ҳолати зеринро таҳлил кунед.

*Дӯстон Адҳам ва Акбар пас аз чанд вақт бо ҳам вохӯрданд. Адҳам ба дӯсташ гуфт, ки дар наздикӣ ошхонаи бисёр форами таомҳои миллӣ ҳаст, он ҷо Wi-Fi ҳам бепул аст, беҳтараш он ҷо равем. Онҳоро ходими ошхона, ки либоси хуб дошт, пешвоз гирифт. Адҳам аз ходими ошхона Wi-Fi-ро васл карда доданашро илтимос кард. Телефонҳо ба шабакаи ахбори ҷаҳон пайваст шуданд. Хӯроки фармудашуда ҳам тайёр шуд. Ҳар ду дӯст аз телефонҳо расмҳоро дида, латифаҳоро хонда нишастанд. Пас аз тановул ба кӯча баромаданд, рақамҳои телефони якдигарро навишта гирифтанд ва ба ҳамдигар ба воситаи телеграм хабар фиристоданӣ шуданд.*



дорад. Зимни он маълумотҳои беасос паҳн карда шуда, ин ҳолатро садҳо, ҳазорон нафар одамон вобаста ба нуқтаи назари худ муҳокима мекунанд.

Инсонҳои дорои ақли солим аз мусоидии интернет барои боло бурдани донишҳои худ оқилона истифода мебаранд. Лекин баъзе ҷавонон дар ин шабака дар сайтҳои ба бадӣ ва таназзули маънавӣ хизматкунанда «сайр» карда, шуури худашон ва атрофиёнро заҳролуд мекунанд.

*Аслиҳаи ахбор аслиҳаест, ки дорои муайянии дақиқ буда, ба объекти муҳими конкрет ва махсус интихобшуда ва ё қисми он барои аз кор баровардан равона карда мешавад, дар тафовут аз воситаҳои ҳарбӣ хусусияти тамоман аз кор баровардани сохти ҳарбӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоиро дорад.*

***В.Слипченко***





## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Зери мафҳуми «таҳдиди ахборӣ» чиро мефаҳмед?
2. Барои дуруст қабул намудани ахбор кадом амалҳоро бояд иҷро кард?
3. Ахбори норасмӣ бо кадом ҷиҳаташ хавфнок аст?
4. Дар ҳаёти шумо чӣ гуна таҳдиди информатсионӣ ё хавфи информатсионӣ таъсир карданаш мумкин? Ҷавобатонро асоснок кунед.
5. Аз тариқи телеграмм хабари «агар хоҳед, ки коратон нағз шавад, ин хабарро ба даҳ нафар фиристед, вагарна...»-ро гирифтед. Муносибататон ба ин хабар ва супориш чӣ гуна мешавад?

# §26 ҚАДРИ ЗИНДАГӢ ДАР ДИНҲО

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Ҳикмати «Ҳаёт--неъмати бебаҳо»-ро шарҳ диҳед.
2. Зарбулмасалҳоро дар бораи ба ҷонзот озор нарасондан ва ҳикматҳои падарон ва бобоёнамонро ба ёд оред.
3. Дар асрҳои миёна ба ононе, ки ба ҷони худашон қасд мекарданд, чӣ гуна муносибат менамуданд?
4. Чаро дар дини ислом ба шахсе, ки ба ҷони худ қасд кардааст, ҷаноза хондан норавост? Аз ин хусус чӣ фикр доред?

Дар ҳамаи динҳо зиндагӣ аз тарафи Худованд дода шудан ва зарурати аз он пурсамар истифода намудан таъкид мешавад. Аз ин сабаб ҳар як дин дар таълимоти худ зӯроварӣ, бешафқатӣ, ба ҷони худ ва дигарон қасд намудан ва ба аҳолии ором зулм кардан ва хун рехтанро қатъиян манъ мекунад.

*Намояндагони баъзе динҳо барои он, ки ягон мавҷудоти зинда даромада нобуд нашавад, даҳонашонро баста мегарданд, барои он ногаҳон ҳашаротеро зер карда накушанд, таги пояшонро афшонда меравнад.*



## МАҲКУМ ШУДАНИ ТАҶОВУЗ БА ҲАЁТ ДАР ДИНҲОИ ДУНЁ

Дар дини насронӣ, ки дар байни динҳои ҷаҳонӣ бештар паҳн шудааст, ба ҷони худ қасд кардан қатъиян маҳкум шудааст, чунки ба ин масъала инсон чӣ қадар умр мебинад, аз тарафи Худо муайян карда шуда, гурехтан аз тақдир кори хато аст, гуфта муносибат доранд. Рӯҳи онҳоро пок намуда, ба қабр гузоштан манъ аст. Барои ҷилавгирӣ аз ин ҳолат дар асрҳои миёна ба ҷони худ қасд кардагонро сахт таҳқир менамуданд. Онеро, ки ба ҷони худ қасд намуду зинда монд, ҳамчун қотил барои иҷрои корҳои вазнин бадарға мекарданд. Мурдаҳои онҳоро дар кӯчаҳои марказӣ аз пояшон овехта, ба синаашон мехи чӯбӣ халида, дар чорраҳаҳо дафн мекарданд, ҳайвонҳои мурдаро дар паҳлӯяшон гӯр менамуданд.

Масалан, дар даври Людовики XIV дар Франсия танаи одами ба ҷони худ қасдкардаро дар ҳолати рӯяш ба замин дар занбар бор карда, овезон менамуданд, баъд ба қассобхона мепартофтанд.

Дар мазҳаби православии дини насронӣ ба ҷони худ қасд кардан баробари қотилӣ ва ноумедиҳо гуноҳи вазнин ҳисоб мешавад. Дар маросими дафни ин корро карда марсия (отпевание) хонда намешавад. Агар одами ба ҷонаш қасд карда ақлан заиф бошад, аз инҳо мустасност. То соли 1950 мурдаи худкушикарда берун аз қабристон дафн карда мешуд. Ин амалҳо гуноҳи азим будани худкуширо нишон додан ва барои огоҳ намудани дигарон иҷро мешуд.

Дар қатори 28-уми боби 16-уми китоби «Фаъолияти ҳаворихо»-и Инҷил дар бораи ба ҷони худ қасд кардагон ин суханонро хондан мумкин: «Лекин Павлус

*Аз ҳафт гуноҳе, ки ба ҳалокат бурда мерасонад, худро нигоҳ доред:*
*1) ба Аллоҳ таъоло шак овардан;*
*2) бо корҳои сеҳр машғул шудан:*
*3)ягон касро ноҳақ куштан;*
*4) судхӯрӣ;*
*5) моли ятимонро хӯрдан;*
*6) аз ҷанги зидди душман гурехтан;*
*7) занони заминӣ, муъмина ва иффатнокро фоҳиша гуфта ҳақорат кардан.*

***Ҳадис***

бо овози баланд фарёд зада гуфт:--Зинҳор ба ҷони худ қасд макун».

Дар дини буддоӣ ба ҷони худ қасд кардан нишонаи ношукрӣ аз ҳаёти инсон барин маҳкум карда мешавад.

Дар байни халқҳои славянҳои қадим ба ҷони худ қасд кардагонро «нопокҳо» меномиданд. Онҳо эътиқод ба он доштанд, ки рӯҳи онҳо зиндагонро озор медиҳад, бало меоварад, дар азоб мемонад. Барои ба дигар инсон зарар наовардани онҳо дар сари қабр таёқи сафедори кӯҳӣ мегузоштанд.

Инчунин, дар Хитой низ нисбати онҳо лаънат мехонанд. Хитоиҳо бовар доштанд, ки рӯҳи одамони ба ҷони худ қасд карда ба осмон намебароянд, дар ҷои суиқасдшуда монад, ба оила ноомадиҳо меоварад.

## ҚАДР ЁФТАНИ ҲАЁТ ДАР ДИНИ ИСЛОМ

Дар дини ислом ноҳақ рехтани хуни инсонҳои бегуноҳ гуноҳи азим аст, ин гуна кори қабеҳ таҷовуз ба инсоният шумурда мешавад.

Дар Қуръони карим таҷовузи инсон ба ҳуқуқи зиндагиаш манъ гардидааст ва «Ва худкушӣ накунед. Худованд нисбат ба шумо Меҳрубон аст» (Сураи Нисо: ояти 29) гуфта огоҳонида шудааст.

Дар ҳадиси шарифи Муҳаммад (с.а.в.) ҳаром будани худкушӣ намудан, ононе, ки ин корро кардаанд, дар охират азоби абадӣ кашиданашон гуфта шудааст. Хусусан, дар ҳадиси зерин аз ривояти Ҷундуб ибни Абдуллоҳ оварда шудааст:

«Расулуллоҳ (с.а.в) чунин гуфтаанд: «Дар байни аз шумоён пештар будагон як нафари ҷароҳатнок буд. Ба ҷазаба афтода, кордро гирифта, дасташро бурид. Хун наистод ва аз ин сабаб вафот кард. Аллоҳ таъоло гуфт:

«Бандаи ман нафсашро аз ман саросема намуд. Ман ба ӯ ҷаннатро ҳаром кардам».

Мегӯянд, ки Расулоллоҳ (с.а.в) нахондани ҷанозаи худкуштаро фармудаанд, ин ҳам далолат бар он аст, худкушӣ бисёр кори норавост. Бинобар ин, дар манбаъҳои исломӣ қайд шудааст, ки имоми масҷид набояд ҷанозаи одами худкуштаро бихонад.

Абӯҳурайра (р.а.) дар ҳадиси шарифи ривоятшуда марҳамат намудаанд, ки «Касе, ки аз баландии кӯҳ худро партофта куштааст, дар дӯзах ҳам ба ин азоб гирифтор мешавад. Агар заҳр нӯшида худро кушад, дар дӯзах низ ба ҳамин азоб мубтало хоҳад шуд. Касе, ки худро бо парчаи оҳан кушад, вай дар ҳолати ба шикамаш парчаи оҳан ҷойшуда дар оташи дӯзах абадӣ мемонад» (ривояти Имом Бухорӣ ва Имом Тирмизӣ).

Бино ба таълимоти ислом неъмати ҳаёт ба инсон аз ҷониби Аллоҳ таъоло дода шудааст. Ба қадри ин неъмат расидан, ҳар соат, ҳар дақиқа адо намудани корҳои хайр ва савобро талаб мекунад.









## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

1. Ба расмҳо нигоҳ кунед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед. Чаро ба чизҳои расм аломати манъшударо гузоштаанд? Онҳо ба сиҳатии инсон чӣ гуна таъсири манфӣ мерасонанд?
2. Шумо барои ҳифзи сиҳатиатон чӣ гуна эътибор медиҳед?
3. Агар инсон ба сиҳатиаш эътибор надиҳад, ба кадом оқибатҳо оварда мерасонад?
4. Мафҳумҳои корҳои ба саломатӣ зарарнокро иҷро кардан, ба сиҳатӣ эътибор надодан, ба маданияти тиббӣ риоя накарданро бо мафҳуми ба ҷони худ қасд намудан вобаста карда бинед. Дар ин гуна ҳолатҳо муносибати дин чӣ гуна аст?

Ҳоло баъзе аз гурӯҳ ва шахсон мафҳуми «худкушӣ»-ро бо шаҳид шудан омехта карда, талқин менамоянд. «Шаҳид» яке аз сифатҳои Аллоҳ таъоло аст, «зотест, ки гувоҳиаш боваринок, ҳар доим ҳозиру нозир мебошад». Маънои дигари «шаҳид» мусулмонест, ки аз тарафи шахси бегона ноҳақ кушта шудааст.

Амалиёти шаҳидӣ номидани худкушии шахсе барои мақсадҳои муайян аслан гумроҳист. Қувваҳои бадният барои сафед намудани мақсадҳои худ ҳар гуна далелҳоро оварданашон аз ҷониби уламои ислом маҳкум ва беасос баҳо дода шудааст.

Ба ҷони худ қасд кардани инсон, гарчанде бо нияти роҳи дин амалӣ шуда бошад ҳам, ба ҷони худ суиқасд кардагӣ шуморида мешавад. Худкушӣ ҳаёти худро қасдан боздоштан аст, мисли таҷовуз ба ҳаёти Парвардигор дода гуноҳи кабира ҳисоб мешавад.

Аллоҳ таъоло дар ин бобат чунин мегӯяд: «Ба ҳамин ҷиҳат бар Банӣ Исроил муқаррар доштем, ки ҳар кас инсонеро бе иртикоби қатл ё фасод дар рӯи замин бикушад, чунон аст, ки гӯё ҳамаи инсонҳоро куштааст. Ва ҳар кас инсонеро аз марг раҳоӣ бахшад, чунон аст, ки гӯё ҳамаи мардумро зинда кардааст. Ва расулони мо далелҳои равшан барои Банӣ Исроил оварданд, аммо бисёре аз онҳо пас аз он, дар рӯи замин таҷовуз ва исроф карданд» (Моида, ояти 32).

Муассисаҳои исломӣ ва уламоҳои бонуфузи ҷаҳон худро бо воситаҳои тарканда тарконида, боиси марги одамони бегуноҳ мешаванд, амали ҳаром буданаш ва ба дини ислом ягон алоқа надоштанашро қайд намудаанд.

Шӯрои уламои Идораи мусулмонони Ӯзбекистон ҳам «Дар бораи гуноҳи вазнин будани бо роҳи худкушӣ қасдан куштан» фатво бароварда, ин гуна ҳаракати нафратнокро маҳкум мекунад.



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Дар дини насронӣ дар бораи ба ҷони худ қасд кардан чиҳо гуфта шудааст?
2. Дар дини славянҳои қадим ва Хитой нисбат ба инсони худро кушта чӣ гуна муносибат доштанд?
3. Дар Қуръони карим оид ба хунрезии ноҳақ чиҳо гуфта шудааст?
4. Байни «шаҳидӣ» ва ба ҷони худ қасд кардан чӣ гуна фарқ ҳаст?

# §27 ДУНЁВӢ ДАҲРӢ БУДАН НЕСТ

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ФАЪОЛ НАМУДАН

1. Вақте, ки одами дунёвӣ мегӯем, киро мефаҳмед? Агар одами динӣ гӯянд-чӣ?
2. Зери мафҳуми давлати демократии дунёвӣ чиро мефаҳмед?
3. Дар Ўзбекистон принсипҳои асосии муносибатҳои давлат ва дин аз чиҳо иборат аст?
4. Ба фикри шумо, инсонҳое, ки ҳаёти замонавӣ ба сар мебаранд, диндор шуда метавонанд?

## МОҲИЯТИ ДУНЁВӢ БУДАН

Зери мафҳуми дунёвӣ будан ҳурмат намудани ҳамаи динҳо ва нуқтаи назарҳои гуногун, сарфи назар аз диншон дар назди қонун баробар будани шаҳрвандонро бояд фаҳмид. Ба тарзи зисти дунёвӣ ифода кардани чараёни мутобиқшавии дин ва муносибати байни дин ва сиёсат дар адабиёти илмӣ бо истилоҳи «секуляризатсия» баён карда мешавад.

Масалан, аксарияти аҳолии Ўзбекистон ба дини муайян эътиқод доранд. Давлат ба ташкилотҳои динӣ муносибати эҳтиромона дорад ва барои дар доираи қонун фаъолият кардан ва эътиқоди озоди диндорон тамоми шароитро муҳайё кардааст. Дар айни вақт, давлат ба

*Ба одами пиёда шахси савора, ба одами нишаста инсони роҳравон, ба аксарият ақаллият бояд салом диҳад.*

***Ҳадис***

Калимаи «секуляризатсия» аз лотинии «saeculum» баромада, маънояш «дунёвӣ» аст. Ин истилоҳ одатан дар идоракунии давлат ва чамъият нисбат ба чои анъанаҳои динӣ кор фармуда шудани сохти қонунӣ истифода мешавад.

ягон дин имтиёз, эътибори алоҳида намедиҳад, вай Конститутсияи худ, асосҳои қонунӣ ва рамзҳои давлатиашро дорад.

Дин фақат ақидаҳои динӣ ва ибодатҳоро дар бар намегирад, вай дар ҷамъият меъёрҳои ҳурмати байни инсонҳо, меҳру шафқат, фазилатҳои инсониро муайян карда омадааст. Аз ин боис дар ҳар кадом давлати дунёвӣ барои таъмини тифоқии ҷамъият, сулҳу осоиш ва суботи ҷамъият нақши дин алоҳида аст.

Фарз кардем, ду нафар бо ҳам вохӯранд, «Ассалому алайкум», «Ва алайкум ассалом» гуфта ба якдигар сулҳ мехоҳанд. Агар як инсон калимаи «салом» моҳияти динӣ дорад, аз он одамони дунёвӣ набояд истифода баранд», гӯяд ҳолати бисёр хунук рӯй медиҳад..

Дар манбаъҳои динӣ фақат масъалаҳои эътиқод ва ибодат акс наёфтаанд, аз ҳаёти халқҳои кӯҳан ҳикояҳои ибратангез оварда шудаанд. Дар онҳо аз имтиҳоноти вазнини ҳаёти пайғамбарон, халқҳои ифротгар ва бар сари онҳо омадани фалокатҳо низ ифода гаштаанд. Шахси инҳоро хондагӣ хулоса бароварда, амири нафси худ шуда, даст на ба гуноҳ, балки ба кори хайр мезанад. Ва ин сабабгори дар ҳар як ҷамъият ба вуҷуд омадани муҳити солими иҷтимоӣ мешавад.

Дар давлати дунёвӣ урфу одат, анъана ва арзишҳои ахлоқиро ба дараҷаи қонун баровардан мумкин. Арзишҳои динӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ, ба мулки маънавии халқ, меъёрҳои ахлоқ табдил ёбад, вай дар миқёси давлат аҳамият касб менамояд. Дар диёрамон дар миқёси мамлакат рӯзи истироҳат эълон шудани иди Рамазон ва Қурбон аз ҳамоҳангии арзишҳои миллию динӣ далолат медиҳад.

## ДУНЁВӢ БУДАН ВА РАВИЯҲОИ МУТААССИБ

Аз тарафи баъзе гурӯҳҳои мутаассиб, ки дар ҳамаи динҳо мавҷуданд, дунёвӣ буданро «даҳригӣ», «аз дин баромдан» гуфта талқин мекунанд. Бино ба даъвоҳои онҳо шахси дунёвӣ гӯё амри Парвардигор, китобҳои муқаддасро инкор мекунад. Ин тоифа инсонҳо илмҳои дунёвӣ, маданият ва санъатро мутлақо инкор намуда, онро ба дараҷаи таълимоти динӣ мебароранд. Дар асл бошад, бино таълимоти софи динӣ ҳар гуна илме, ки ба манфиати инсон хизмат мекунад, амали босавоб аст.

Ба тариқи мисол барои аз номи дин ҷаҳолатро тарғиб кардан аз номи дин дар асрҳои миёна дар Европа ба воситаи судҳои инквизитсия аз номи калисо

ба ҷазоҳои гуногун кашида шудани кашфиётчиён, таъқиби олимонро ба ёд овардан мумкин. Дар дигар динҳо низ ин гуна ҳолатҳо мушоҳида мешаванд.

90 фоизи аҳолии мамлакатамон, ки ба ислом эътиқод доранд, медонанд, ки дар дини ислом байни дунёвӣ ва динӣ сарҳаде нест. Бино ба таълимоти ислом ҳар гуна амале, ки ба дин, ҷон, насаб, ақл ва моли инсонҳо фоида оварад, аз нигоҳи дин маъқул аст ва кори савобнок мебошад. Масалан, агар касе бо мақсади осон кардани мушкили инсонҳо воситаҳои техникӣ, моддаҳои тиббӣ ё кимёвӣ кашф карда, ё дар зироаткорӣ услуби нав ҷорӣ намояд, дар ду дунё аҷру мукофот хоҳад гирифт. Ё баръакс, агар кашфиётҳо бо мақсади бадғаразона амалӣ шаванд, гуноҳ ҳастанд.

Ба ин тамоилҳо асос намуда, дар асрҳои миёна аз олами ислои дар бобати ҳамаи фанҳо алломаҳои намоён ва бузург баромадаанд. Олимони дин онҳоро «куфр» гуфта, ба бединӣ айбдор накардаанд.



*Инквизитсия*

*Бино ба таълимоти ислом салом додан ва алек гирифтан амали савобнок мебошанд. Дар ҳадиси шариф фармуда шудааст: «Салом яке аз исмҳои замини Аллоҳ аст. Ба ҳамдигар салом гуфта гардед».*

## ДИНИ ИСЛОМ ВА ДУНЁВӢ БУДАН

Дар дини ислом ба дунёвӣ будан ҳамчун мафҳуми бегона назар намекунанд. Дар сарчашмаҳои муқаддаси дини ислом — Қуръони карим ва ҳадисҳо низ таълим дода шудааст, ки инсон барои ин дунё низ бояд ҳаракат намояд.

Чуноне ки дар Қуръони карим зикр шудааст, инсон дар баробари корҳои савобаш барои охират насибаашро дар ин дунё набояд фаромӯш кунад. Зеро барои ҳар кас танааш, оилааш, хешу табор, ҳамсоя, ҷамъият ва зердастонаш ҳақ доранд, ҳаққи ҳар як ҳақдорро бояд адо намуд. Насибаи ин дунё барои амалҳои охират озуқа хоҳад шуд.

Дар Қуръон бисёр оятҳо масъалаҳои дунёвиро ҳам дар бар гирифтаанд. Масалан, дар ояти бузургтарини Қуръон — ояти 282-юми сураи «Бақара» айнан ба масъалаи дунёвӣ — ба ҷиҳатҳои моддию маънавии доду гирифти қарз эътибор дода шудааст.

Пайғамбари дини мубини ислом Муҳаммад (с.а.в.) оид ба масъалаҳои динӣ ба ҳама муаллим бошад ҳам, дар бобати масъалаҳои дунёвӣ ба фикри мутахассисон гӯш меандохт. Дар ҳадиси шарифи машҳур фармуда шудааст:

"Пайғамбар (с.а.в.) аз назди як қавме, ки чангол (хурморо) мезад, гузашта истода, инро накунед ҳам, мешавад, гуфтанд. Ҳамон сол ҳосил бад шуд. Он зот боз аз назди онҳо гузашта истода, «ба хурмоятон чӣ шуд?» гуфта пурсиданд. Онҳо ин тавр, он тавр гуфта будед, гуфтанд. Он зот «Шумоён кори дунёро аз медонистагиҳо мебошед» гуфтанд».

Яъне, баъзе суханони Расулуллоҳ нисбат ба динӣ, бештар ба таҷриба ё ба фикри шахсӣ такя намуда гуфта шудааст. Аз ин боис ҳам саҳобаҳо оид ба баъзе амрҳои Расулоллоҳ «Фикри шахсиатон ё амри Аллоҳ? » гуфта мепурсиданд. Агар фикри шахсӣ бошад, он вақт баъзан дигар таклифи афзалтарро мегуфтанд. Расулуллоҳ (а.с.) таклифи хуброқабул карда, фикри худро тағйир медоданд, яъне фикри мутахассисони дунёвии ин соҳаро ба инобат мегирифтанд.

Пас аз Расуллуллоҳ чор ёрон низ ҳамин роҳро пеш гирифтанд. Ҳазрати Умар (р.а.) «Неки шумоён барои он дунё ва ин дунё ҳаракат кардагиатон



## ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

Матнро хонед ва дар бораи он ки агар дин ва эътиқоди динӣ тамоман рад шавад, барои ҷамъият оқибати он чӣ тавар шуданаш мумкин, хулоса барорeд.

*«Дунёвӣ будан маънои даҳрӣ буданро надорад. Ҳаётеро, ки дар он дин ва эътиқоди динӣ тамоман рад шавад, он ҳаёт чӣ гуна намуди ғайриинсонӣ мегирад, мо аз мисоли таърихамон нағз медонем. Ҷиҳати хатарноки ин гуна мафкура ин аст, ки вай арзишҳои ба як қисми ҷудонопазири ҳаёти мардум табдилёфтаро, он мероси хаттӣ аст ё даҳонӣ, моддӣ аст ё маънавӣ, ахлоқ аст ё анъанаҳо, ҷаҳонбинии миллӣ аст ё тарзи зист аст, ҳамаашро рад мекунад».*

**Ислом Каримов, «Маънавияти воло — нерӯи мағлубнопазир»**

аст» гуфта алоҳида таъкид кардааст. Алӣ (р.а.) бошад, «Мисли он ки барои ин дунё абадӣ зиндагонӣ мекунӣ, барои охиратат мисли фардо вафот мекардагиат барин ҳаракат кун», гуфта марҳамат намудааст.

Ҳоло баъзе қувваҳои ифротгаро даъвоҳои сохта паҳн карда мегӯянд, ки гӯё бар асоси қонунгузории замонавии дунёвӣ зистан барои мусулмонон мақбул нест. Ҳол он ки фикри олимони исломро оид ба қонунҳои дунёвӣ чунин ҷамъбаст кардан мумкин: қонунҳои ба талаботи ҷамъияти имрӯза мувофиқ қабулшуда агар зидди шариат набошанд, он қонунҳо аз шариат мебошанд. Зеро ҳар як шариат бар манфиати инсон фиристода шудааст, қоидаҳо бо назардошти манфиати ҷамъиятҳо фиристода шуда бошанд, агар ба шариат зид набошанд, пас онҳо низ мувофиқи шариат (шаръӣ) ҳисоб мешаванд.

Аз мисолҳои мазкур маълум шуд, ки дар дини ислом ба масъалаи дунёвӣ ҳамчун бединӣ баҳо дода нашудааст. Модоме ки корҳои дунёвӣ ба манфиати шахс ва ҷамъият хизмат мекардааст, онҳо дар таълимоти динӣ дастгирӣ ёфтаанд. Дин ҷиҳатҳои маънавии корҳои дунёвиро ба тартиб даровcovarда омадааст. Масалан, кори савоб ё гуноҳ будан, аз ҷиҳати маънавӣ мумкин ё номумкин будани кореро.

Принсипи дунёвигӣ дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ва Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» ҳуқуқан кафолат дода шудааст. Роҳи интихобнамудаи тараққиёти Ӯзбекистон роҳи демократии дунёвӣ аст. Халқамон эътиқоди диниро чуқур эҳтиром карда, бо роҳи тараққиёти дунёвӣ меравад.

Аз рӯзҳои аввали истиқлол ислоҳот барои эҳёи арзишҳои динию миллӣ, фароҳам овардани тамоми шароит ба намояндагони ҳамаи динҳо сар шуд. Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ба ҳамаи шаҳрвандон озодии виҷдонро кафолат медиҳад. Дар баробари фароҳам овар-

*«Таҷрибаи таърих ва зиндагӣ аз ин далолат медиҳад, ки агар арзишҳои дунёвӣ ва динӣ якдигарро пур накунанд, ба саволҳои мушкил ва мураккаби рӯз ҷавоби мукаммал ёфтан осон намешавад».*

***Ислом Каримов***

14-уми июни соли 1991 ва 1-уми майи соли 1998 таҳрири нави Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» қабул шуд.

дани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои динӣ муносибатҳои давлат ва дин муқаррар карда шуд.

Муносибати шаҳрвандонро ба дин, мувофиқ ба он ҳуқуқҳои озод муайян ва ифода кардани эътиқоди худ, бидуни ҳеҷ монеа ба дин амал кардан ва маросимҳои диниро иҷро карданро кафолат медиҳад. Фармонҳои Президент ва қарорҳои Девони Вазирон «Дар бораи ба ҳаҷ рафтани мусулмонон ба Арабистони Саудӣ», «Дар бораи рӯзи истироҳат эълон шудани ҷашни динии Иди Қурбон», «Дар бораи рӯзи истироҳат эълон шудани иди Рамазон», «Дар бораи ташкил намудани Донишгоҳи исломии давлатии Тошканд», «Дар бораи ташкил намудани фаъолияти Маркази илмию тадқиқотии байналмилалии Имом Бухорӣ дар назди Девони Вазирон», «Дар бораи ташкил намудани фаъолияти Маркази маданияти исломӣ дар назди Девони Вазирони Республикаи Ӯзбекистон» ва боз чандин ҳуҷҷатҳо аз эътибори бузурги давлат ба ин соҳа далолат медиҳанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ МУСТАҲКАМКУНӢ

1. Мазмуни ибораи дунёвӣ буданро фаҳмонед.
2. Калимаи «секуляризатсия» чӣ маъно дорад?
3. Ба фикри шумо, чаро равияҳои мутаассиб дунёвӣ буданро инкор мекунанд?
4. Дар манбаъҳои исломӣ ба дунёвӣ будан чӣ гуна муносибат баён шудааст?
5. Фикрҳои Президенти нахустини Республикаи Ӯзбекистон Ислом Каримовро дар бораи он ки имрӯз арзишҳои диниро ба эътибор нагирифта, кор бурдан мумкин нест, шарҳ диҳед.

# ЛУҒАТИ ЭЗОҲИИ ИСТИЛОҲҲОИ ДИНӢ

***АЛЛОҲ*** (аз арабӣ-«ал-лоҳ» — қувваи илоҳӣ, дар байни халқҳои туркӣ — Тангри, форсу тоҷик — Худо) — дар дини ислом Офаридгори тамоми мавҷудот; номи Худо). Одатан ба Аллоҳ сифатҳоеро ба монанди таъоло (олӣ, бузург), таборак ва таъоло, ҷалла ҷалолуҳу, бузург, парваридгори олам ва монанди инҳоро илова карда мегӯянд.

***АНАФЕМА*** — ҷазои олитарини калисо, аз аъзогии калисо рондан.

***АҚИДА*** — дар забони арабӣ маънои як чизро бо дигараш пайвастанро мефаҳмонад. Дар истилоҳ яке аз номҳои машҳури ақоид аст.

***АРОН-КАДЕШ*** (ибр. «Сандуқи муқаддас») — дар синагога ё хонаи ибодат мавҷуд аст, дар он тӯморҳои «Таврот» нигоҳ дошта мешавад. Вай вазифаи монанди «меҳроб» дар масҷидро адо мекунад ва дар рӯирости дари даромад мешавад.

***АРВОҲ (ар.)*** — шакли ҷамъи арвоҳ аст.

***АШЪАРИЯ*** — яке аз ду мактаби ақидавии равияи суннии дини ислом.

***АТЕИЗМ*** (юнонӣ — бехудо) — маънои луғавиаш аз Худо рӯй гардондан, маънои инкор кардани Худо ва иқрор будан ба қудрати ақлу идроки инсон.

***БАНӢ ИСРОИЛ*** («писарони Исроил») — яке аз номҳои халқи яҳудӣ. Чуноне ки дар китоби «Ибтидо» оварда шудааст, ҳоло ин номи нисбат ба тамоми яҳудиҳо истифодашаванда ба Яъқуб пайғамбар дода шудааст.

***БИБЛИЯ*** (юнонӣ — китобҳо) — манбаи муқаддаси асосии дини яҳудия ва насронӣ. Библияи насрониҳо аз «Аҳди қадим» ва «Аҳди нав» иборат буда, умуман, 66 китобро дар бар мегирад.

***ВАТИКАН*** — маркази динию маъмурии калисои католикии Рим. Дар айни вақт қароргоҳи расмии папа ба ҳисоб меравад. Инчунин вай шаҳр-давлати теократӣ буда, дар пойтахти Италия — шаҳри Рим ҷой гирифтааст.

***ГУНОҲ*** (форсӣ — ҷиноят, айб; маънои арабиаш аз калимаи «ҷуноҳ» гирифта шудааст) — кор ё рафтори хилофи қонунҳои шариат ва ақидаҳои динӣ.

***ДЕВОРИ ГИРЯ*** — дар шаҳри Қуддус ҷой гирифтааст, дар соли 70-ум баъди аз тарафи римиҳо вайрон кардан як қисми Ибодатхонаи Дуюмин аст, ки дарозиаш 485 метр мебошад. Ҷои муқаддаси зиёрати яҳудиён.

***ЕПАРХИЯ*** (юнонӣ — вилоят) — дар дини насронӣ шуъбаи маъмурию ҳудудӣ таҳти сарварии епископ (архиерей).

***ИБРОНӢ*** (ибр. «эбер», «авар» — одами он тараф, кӯчида омада) — яке аз номҳои яҳудиён дар манбаъҳо. Истилоҳи «Ибронӣ» ҳангоми аз Байнаннаҳрайн ба Канъон кӯчида гузаштани Иброҳим (а.с.) ба вуҷуд омада. Бино ба фикри тадқиқотчиён, барои ба ин тавр номгузорӣ гардидан эҳтимол аз дарё гузашта омаданашон сабаб шуда бошад.

***ИНҶИЛИКУНОНӢ*** — истилоҳе, ки ба маънои аз тарафи ташкилотҳои миссионерӣ барои Инҷилро васеъ паҳн карданашон истифода мешавад. Баъзан ин калима ҳамчун синоними миссионерӣ қабул шудааст.

***ИСЛАМОФОБИЯ*** (арабӣ-ислом, юнонӣ фобиа — тарс, ба даҳшат афтодан) — ҳаракат барои ба воситаи суратҳои мудҳиш нишон додани ислом, ҳамаи бадиҳо ва ҷиноятҳоро бо номи он пайваста, аҳолиро аз ислом тарсонидан аст.

***КАЛОМ*** — маънои суханро дорад. Номи илми ақида

***КАРОМАТ*** — (арабӣ, «карам» феъли масдари икром намудан, ба забони ӯзбекӣ некиҳо тарҷума мешавад) асосан ҳамчун истилоҳи тасаввуф кор фармуда мешавад. Мақсад некиҳоро даъват карда, гуноҳро дур намудан, даъват ба тавба.

***ЛАМА*** (тибетӣ — аз ҳама бузург) — дар байни ламачиёни Тибет, Муғулистон, Россия монахи Буддо. Дар қалмиқҳо ин унвон фақат ба сарвари рӯҳониён дода мешавад. Диндорон онро ҳамчун шахси дорои фазилатҳои ғайритабиӣ ва инсони илоҳие, ки бо олам гуфтугӯ карда метавонад, медонанд.

***МУРИД*** (арабӣ — хоҳишдошта) — шогирде, ки ба тариқати сӯфигӣ даромада, ба муршид даст додааст.

***МУРШИД*** (арабӣ — раҳнамо) — дар тасаввуф пире, ки ба шогирдон одобҳои тариқатро меомӯзонад, шайх ва устод. Раҳнамои олии тариқати тасаввуф.

***МУТАКАЛЛИМ*** — олими соҳаи илми калом.

***ОЗОДИИ ВИҶДОН*** — озодии эътиқоди динӣ, ба дини муайян эътиқод намудан ё ба ҳеҷ ягон дин эътиқод накардани шаҳрвандони мамлакат. Инҳо ҳама дар конститутсияҳои давлатҳои демократӣ, дар асоси Баёнияи (Декларатсияи) умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид ифодаи худро ёфтаанд.

***ОХИРАТ*** (арабӣ — дигар, дуюмин) — ҳаёти дуюм, ки вақте ин дунё ба охир расад, ҳама баргашта зинда мешаванд, ба амалҳои кардаашон ё мукофот, ё ҷазо мегиранд.

***СЕКТАИ ДИНӢ*** — гурӯҳҳое, ки дар заминаи ихтилоф ба ақидаҳои расмии ягон дин аз он ҷудо шуда баромадаанд ва ононе, ки ба ягон дин ва конфессияҳои мавҷуда алоқа надошта, зери байрақи дин фаъолият мебаранд.

***СУРА*** (арабӣ — рӯшноӣ, баландӣ, девор) — нисбат ба қисмҳои Қуръон, аз се оят кам набуда, саршавӣ, ба охиррасӣ ва номҳо доранд.

***СӮФӢ*** — шахси мансуб ба тариқат, мурид.

***ТАШКИЛОТИ ДИНӢ*** — бо мақсади якҷоя ба амал баровардани эътиқод ба ягон дин, ибодат ва расму русуми шаҳрвандон ташкил намудани иттиҳодияҳои ихтиёрӣ (ҷамъиятҳои динӣ, муассисаҳои таҳсилоти динӣ, масҷидҳо, калисоҳо, синагогаҳо, монастирҳо ва дигарон).

***ТАСНИФИ ДИНҲО*** — ҳангоми омӯхтани динҳо ба эътибор гирифтани таърих, асосҳои эътиқод, ақидаҳо, таъсири якдигарии онҳо.

***ТАҲАММУЛИ ДИНӢ*** — дар як замин, дар як Ватан барои як мақсаду ният муттаҳид ва тифоқ шуда зиндагӣ кардан ва фаъолият бурдани инсонҳои мансуб ба динҳои гуногун.

***ФАҚЕҲ*** — донишманди илми фиқҳ.

***ШАББАТ*** — номи рӯзи шанбе дар яҳудиён.

***ЭСХАТОЛОГИЯ*** — маҷмӯи тасаввурот оид ба охири дунё, он дунё, ҷаннат, дӯзах.

***ЯҲУДИЁНИ БУХОРО*** — ҷамоаи этноконфессионалӣ ва этнолингвистӣ дар байни яҳудиён.

***ҶАБРОИЛ*** — дар таълимоти ислом фариштаест, ки байни Аллоҳ ва пайғамбарон вазифаи сафириро иҷро мекунад

# Мундарича

Сарсухан.............................................................................................. 3
§1. Нақш ва вазифаҳои дин дар ҷамъият ........................................ 5
§2. Илм ва дин............................................................................................. 9
§3–4. Пайдоиш ва шаклҳои дин................................................................ 13
§5. Дини яҳудӣ........................................................................................ 20
§6–7. Маросимҳо ва равияҳои дини яҳудӣ.......................................... 26
§8. Дини буддоӣ......................................................................................... 37
§9. Таълимоти буддоӣ ........................................................................... 42
§10. Насроният.......................................................................................... 48
§11–12. Таълимоти насронӣ ..................................................................... 55
§13. Ислом дар Осиёи Марказӣ ............................................................ 62
§14. Мазҳабҳо ва таълимотҳои ақидавӣ дар ислом .............................. 66
§15. Тасаввуф ва тариқатҳо ................................................................... 72
§16. Муруввати динӣ ва суботи иҷтимоӣ дар Ўзбекистон .................... 77
§17–18. Саҳми мутафаккирони диёрамон дар инкишоф додани илми ҷаҳонӣ ....................................................................................... 82
§19. Дин ва «маданияти оммавӣ» ......................................................... 91
§20. Ксенофобия ва дин .......................................................................... 96
§21. Ғояи сулҳ дар динҳои дунё ........................................................... 100
§22. Миссионерӣ — таҳдид ба ояндаи ҷавонон.................................. 105
§23. Мазмун ва моҳияти Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ»...................................................................................111
§24. Нақши Ўзбекистон дар муборизаи зидди экстремизм ва терроризми зери ниқоби дин.................................................................. 116
§25. Дин ва маданияти истеъмоли ахбор дар кибермакон................... 123
§26. Қадри зиндагӣ дар динҳо ............................................................. 128
§27. Дунёвӣ даҳрӣ будан нест.............................................................. 133
Луғати эзоҳии истилоҳҳои динӣ ........................................................ 139

Zohidjon Mahmudovich ISLOMOV,
Durbek Obidjonovich RAHIMJONOV,
Jasur Xotamjonovich NAJMIDDINOV

Metodist
Nargiza Kamaritdinovna Ismatova

O‘quv nashri

# «Dunyo dinlari tarixi»

O‘rta umumta’lim muassasalarining 10-sinflari uchun darslik

(Tojik tilida)

Birinchi nashr

Тошканд – «Yangiyo‘l poligraf servis» – 2017
Литсензияи нашриёт AI №185, 10.05.2011.

Тарҷумон – Ш. Салимов
Муҳаррир – Х. Саъдуллоҳ
Муҳаррири техникӣ – М. Рихсиев
Мусаввир – Ж. Азимов

Аз оригинал-макет ба чоп 25.12.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 1/16. Гарнитураи «Times New Roman».
Бо усули офсет чоп шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,0. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53.
Теъдоди нашр 7648 нусха. Супориши № 4957.

Дар ХЭТН «O‘qituvchi» нашр гардид.
100206, ш. Тошканд, ноҳияи Юнусобод, кӯчаи Янгишаҳр, хонаи 1.

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора дода шуда**

| Р/т | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Китоби дарсии ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш ҷадвали боло аз тарафи раҳбари синф дар асоси меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова қаҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад. Аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст. Дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |